# Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Мастчоҳ (даъвати V)

# Қ А Р О Р

---

аз 28 декабри соли 2015 | № 197 | шаҳраки Бӯстон

Дар бораи тасдиқи
«Барномаи рушди иҷтимоию
иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ
барои солҳои 2016-2020»

Мутобиқи моддаҳои 8 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» Иҷлосияи чорӯми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (даъвати V) қарор мекунад:

1.«Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2016-2020» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Дастгоҳи Раиси ноҳия, раисони Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, сохторҳои дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷиҳати амалигардонии Барномаи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Бахши рушди иқтисод ва савдо аз рафти иҷрои Барномаи мазкур ҳар нимсола ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ахбороти муфассал манзур намояд.

4. Рӯзномаи ноҳиявии «Машъал», телевизиони «Мастчоҳ» аз рафти иҷрои Барномаи мазкур маводҳо таҳия ва нашр намоянд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид ба масъалаҳои иқтисод ва буҷет, ҳамчунин муовинони Раиси ноҳия мутобиқ ба соҳаҳои вобаста будаашон гузошта шавад.

Раиси Маҷлис Ғ. Азиззода

*Мундарича*


*Истилоҳотҳоихтисоршуда...........................................................................................*
*Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳия…………………………………………………………………….6-7*
*Пешгуфтор………………………….…………………………………………………………………..7-*
*Боби 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеъии ноҳия…………....................................8*
*1.1 Сохти маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия……………………………………………………………*
*1.2 Шарҳи таърихию фарҳангӣ……………………………………………………………….*
*1.3 Шароитҳои табиӣ ва иқлим………………………………………………………………*
*1.4 Вазъи демографӣ………………………………………………………………................*
*1.5 Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодии ноҳия………….……………………………*
*1.6 Оядабинии ноҳия SWOT таҳлил..............................................................*
*Боби 2. Таҳлили ҳолати воқеӣ ва шарҳи стратегияи соҳаҳо ……………………..............…….*
*2.1 Иқтисодиёт……………………………………………………………………………….*
*2.1.1 Саноат………………………………………………………………………………………*
*2.1.2 Соҳибкории хурду миёна………………………………………………………………..*
*2.1.3 Кишоварзӣ ………………………………………………………………………………*
*2.1.4 Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисод …………………………………………….*
*Боби 3. Соҳаи иҷтимоӣ……………………………………………………………………*
*3.1 Тандурустӣ ………………………………………………………………………………..*
*3.2 Маориф……………………………………………………………………………………….*
*3.3 Ҳифзи иҷтимоӣ…………………………………………………………………………….*
*3.4 Фарҳанг …………………………………………………………………………*
*3.5 Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ……--------------------------------*
*4. Инфрасохтор ……………………………………………………………………………*
*4.1 Обтаъминкунӣ ва хизматрасониҳои рифоҳӣ……………………………………….*
*4.2 Хоҷагии манзилию коммуналӣ…………………………………………………………….*
*4.3 Нақлиёт ва коммуникатсия.........................................................................................*
*4.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтор…………………………………………*
*Боби 5. Ҳифзи муҳити зист ва ҲФ……………………………………………………………*
*5.1. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҲФ……………………*
*Боби 6. Таъминоти захиравӣ………………………………………………………………*
*Боби 7. Мониторинг ва арзёбӣ……………………………………………………………*

**Истилоҳоти ихтисоршуда**

| | |
|---|---|
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРН | Барномаи Рушди Ноҳия |
| DFID | Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ |
| ГТ | Гурӯҳи ташаббускор |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КДФ ОК | Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва рифоҳӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| НРҶ | Нақшаи Рушди ҷамоат |
| НОБ | Нерӯгоҳи обии барқӣ |
| СМваА | Системаи мониторинг ва арзёбӣ |
| ММД | Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| ЛККС | Литсейи касбӣ кишоварзию саноатӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 |
| СБСНМ | Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| СШН | Сирояти шадиди роҳи нафас |
| ТҒД | Ташкилотҳои ғайридавлатӣ |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| GIZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |
| ШРН | Шӯрои рушди ноҳия |
| ҶСП | Ҷамияти саҳомии пӯшида |
| ҶС | Ҷамъияти саҳҳомӣ |
| ҶДММ | Ҷамъияти Дорои Масъулияташ Маҳдуд |

## СУХАНИ ИФТИТОҲИИ РАИСИ НОҲИЯ АЗИЗЗОДА Ғ.М.

Муҳтарам вакилони халқ!

Ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия пешниҳод намудани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2016-2020» идомаи иҷроиши барномаҳои қаблие мебошад, ки дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия барои солҳои 2011-2015 қабул гардида буданд.

Тазаккур бояд дод, ки тибқи барномаи номбаргашта дар давоми панҷ соли сипаригардида маҷмӯи зиёди корҳои ободониву созандагӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ амалӣ карда шудаанд.

Сокинони ноҳия ҷавобан ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳояшон дар роҳи амали намудани сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меҳнати зарбдоронаи худ ҷавоб гардонида дар ҳамаи соҳаҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.

Таҷдиди соҳаи кишоварзӣ бо маром идома ёфт. Хоҷагиҳои деҳқонии ҳуқуқӣ ва инфиродӣ таъсис ёфта шумораи умумии онҳо имрӯз бештар аз 4600 ададро ташкил медиҳад. Соҳаи саноат хеле рушд ёфт. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати дар ҷамъбасти соли 2014 - 131963,4 ҳазор сомониро ташкил дода дар муқоиса ба соли 2010 - 59229,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардид ва 181,4 фоизро дарбар гирифт.

Шумораи корхонаҳои соҳа зиёд гардиданд. Дар ин давра 7 корхонаи коркарди пахтаи хом, 3 корхонаи истеҳсоли равғани растанӣ, 3 корхонаи истеҳсоли ғишт, бузургтарин фабрикаи ресандагӣ дар қаламрави вилоят ва ҷумҳурӣ ҶСП «Олим Текстайл» ба номи «20 солагии Истиқлолият», корхонаи истеҳсоли семент ҶДММ «Суғдсемент», 2 корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ, 1 корхонаи коркарди маҳсулоти гӯштӣ, 3 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, 2 корхонаи истеҳсоли нон ва маҳсулоти нонӣ, 4 корхонаи истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ, 34 корхонаҳои хизматрасонии техникӣ, 6 коргоҳҳои истеҳсоли ғишти сементӣ, 4 коргоҳи дӯзандагӣ сохта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Тибқи барномаҳои вилоятии «Соли 2014- соли роҳҳои обод» ва «Соли 2015- соли идомаи роҳҳои обод» шоҳроҳи «Бустон-Комсомол» дар масофаи 27,5 км аз таъмири асоси бароварда шуда, шоҳроҳи «Мастчоҳ-Спитамен» дар масофаи 16,5 км бо асфалти гарм пӯшонида шуд. Коргузории ҷамоатҳои деҳоти Мастчоҳ, Палдорак ва шаҳраки Бустон нисбат ба дигар ҷамоатҳо беҳтар ба роҳ монда шуд.

Муассисаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг мувофиқи нақшаҳои пешбинӣ гардида ба таъмири ҷорӣ ва таъмири асоси фаро гирифта шуданд.

Ҳамчунин дар пешрафти ноҳия «Барномаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2008-2015», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2008 таҳти №399 қабул гардида буд нақши муҳиме бозид.

Дар партави ин барнома мактаб барои 180 нафар хонанда дар маҳаллаи Навободи АХД «Зарафшон» ҷамоати Мастчоҳ, мактаб барои 320 нафар хонанда дар маҳаллаи «Ҷавонӣ», синфхонаҳои иловагӣ дар МТМУ №13 ҷамоати Палдорак, муассисаи таълимоти асосии умумии №2 дар деҳаи Сардоб барои 240 нафар хонанда ва 6 синфхона барои 180 нафар хонанда филиали МТМУ №32 дар ҷамоати Навбаҳор, муассисаи таҳсилоти асосии умумӣ дар маҳаллаи Фрегат, филиали муассисаи таълимтоти миёнаи умумии №11 дар АХД ба номи Фирдавсӣ ҷамоати Оббурдон, беморхонаи касалиҳои сил дар шаҳраки Бустон ба маблағи 4300,0 ҳазор сомонӣ, таъмиру тармим ва барқарорсозии пойгоҳҳои обкашӣ ва дигар иншоотҳои ирригатсионӣ ба маблағи 4415,0 ҳазор сомонӣ, барқарорсозии хати оби нӯшокӣ дар шаҳраки Бустон ба маблағи 3161,3 ҳазор сомонӣ, барқарорсозии шабакаҳои барқӣ ба маблағи 12935,0 ҳазор сомонӣ, таъмиру тармими муассисаҳои маориф ба маблағи 1720,0 ҳазор сомонӣ ба роҳ монда шуд.

Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки бандҳо ва нақшаҳои алоҳидаи дар ин барнома пешбинӣ шуда амали нашудаанд. Аз ин хотир мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, вазорату

идораҳои дахлдор корбарӣ намуда истодааст, ки иҷрои корҳои нотамомро дар мӯҳлатҳои минбаъда ба охир расонад.

Қабули барномаи нав барои солҳои 2016-2020 аз ҳамаи мо масъулияти баланди хизматӣ, ҳисси беандозаи диёрдорӣ ва ватанпарастӣ, васеъ ба роҳ мондани корҳои ташкилотчигиро тақозо дорад.

Таҳлилу омӯзиши вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳия нишон медиҳад, ки афзоиши босуръати нуфузи аҳолӣ, вазъи воқеъии иҷтимоӣ, андешидани чораҳои таъхирнопазирро талаб менамояд.

Кӯҳнаву фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашӣ ва иншоотҳои ирригатсионӣ, бад гардидани ҳолати мелиоративии заминҳо, нокифоягии техникаҳои кишоварзӣ, мавсими фаъолият намудани корхонаҳои калони саноатӣ, пурра таъмин набудани техникаи электронӣ ва пайваст набудани онҳо ба шабакаи Интернет дар муассисаҳои таълимӣ, ҷавобгӯйи рӯз набудани заминаи моддию техникии муассисаҳои табобатӣ, норасоии таҷҳизоти замонавии ташхисию табобатӣ, иштироки маҳдуди бахши хусусӣ, нокифоя будани марказҳои ҷавонон ва комплексҳои варзишӣ дар ҷамоатҳо, паст нагаштани муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни ҷавонон, норасоии оби тозаи ошомиданӣ, кӯҳнашавии таҷҳизоти пойгоҳҳо ва фарсудагии қубурҳои интиқоли обу ташноб ва техникаву нақлиёти муассисаҳои обтаъминкунӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ номгӯи нопурраи ҳамаи он камбудиҳое мебошанд, ки муаммоҳои ҳалталаби иҷтимоию иқтисодии ноҳия маҳсуб меёбанд.

Барномаи мазкур самтҳои асоси ва афзалиятнокӣ пешрафти ноҳия дониста шуда, он мунтазам бо тағир ёфтани афзои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, пайдо гардидани заруриятҳои воқеъи таҳрир карда шуда ба болоравии сатҳи зиндагонии сокинони ноҳия равона карда мешавад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамкориро бо соҳибкорон, созмонҳои байналхалқӣ ривоҷ дода аз ҳамаи имконият ва шароитҳои мавҷуда самаранок истифода намуда иҷроиши барномаи мазкурро бо дастгирии вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, вакилони ҷамоатҳо, соҳибкорони ноҳия ва аҳли ҷамоатчигӣ таъмин менамояд.

## Пешгуфтор

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2016-2020 (баъдан Барнома) тибқи "Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии рушди шаҳру ноҳияҳо ва нақшаҳои рушди ҷамоатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, ба мисли "Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола", «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015», «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015», барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ тартиб дода шудааст.

Барнома аз тарафи гурӯҳи кории ноҳияи Мастчоҳ, дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ таҳия шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома - баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар натиҷаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии фаъол ва устувори ноҳия мебошад. Бо амали намудани он метавон, ба самтҳои афзалиятнок ва тақвият бахшидани ҳамаи соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия ноил гардид.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2016-2020 128 лоиҳа ба маблағи 141,4 млн сомониро дар бар мегирад. Аз шумораи умумии лоиҳаҳо 25 - тои он ба маблағи 81,8 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 68 лоиҳа бо маблағи 38,8 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 20 лоиҳа бо маблағи 16,1 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 5 лоиҳа ба маблағи 3,7 млн сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқуллода, 10 лоиҳа ба маблағи 0,9 млн сомонӣ барои беҳтар намудани иқтидори идоракунӣ таалluқ дорад.

## *Боби 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеии ноҳияи Мастчоҳ*

### *1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия*

Ноҳияи Мастчоҳ дар қисми шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардида, аз шимол бо вилояти Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон, аз шарқ ва ҷануб бо ноҳияи Б. Ғафуров ва аз ғарб бо ноҳияи Спитамени вилояти Суғд ҳамсарҳад мебошад. Масоҳати умумии ноҳия 4712,3 километри мураббаъро ташкил намуда, мутаносибан 18,5 фоизи масоҳати вилояти Суғдро ишғол менамояд. Шумораи аҳолии ноҳия, ба санаи 1-уми январи соли 2015-ўм 110715 нафарро ташкил дод.

Маркази ноҳия шаҳраки Бустон буда он аз маркази вилоят шаҳри Хуҷанд дар масофаи 56 км ва аз пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе дар масофаи 360 км ҷойгир шудааст.

Аҳолии ноҳияро асосан намояндагони тоҷикон ва ўзбекон ташкил намуда, намояндагони дигар миллатҳо низ дар он истиқомат доранд. Дар ҳудуди ноҳия 4 ҷамоати деҳот ва 3 ҷамоати шаҳрак амал менамоянд, ки инҳо мебошанд:

Ҷамоати деҳоти Мастчоҳ
Ҷамоати деҳоти Оббурдон
Ҷамоати деҳоти Палдорак
Ҷамоати деҳоти Навбаҳор
Ҷамоати шаҳраки Бустон
Ҷамоати шаҳраки Обшорон
Ҷамоати шаҳраки Суғдиён

Расми 1. Харитаи тақсимоти маъмӯриву ҳудудии ноҳияи Мастчоҳ



## 1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ

Таърихи ноҳияи Мастчоҳ ду марҳиларо дарбар гирифта дар ибтидо аз соли 1929 то соли 1956 дар қисми болоби дарёи Зарафшон ва баъдан ба азхудкунии дашти Дилварзин аз соли 1956 то имрӯз.

Солҳои аввали муҳоҷират ба дашти Дилварзин мардуми ноҳияро мушкилиҳои зиёде пеш омад. Нарасидани кадрҳои таҷрибадор дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, тағирёбии иқлим аз шароити кӯҳистон ба шароити водӣ ва дигар омилҳое, ки ҳаллу фасли онҳо чораҳои тахирнопазирро талаб менамуд.

Хушбахтона таҳти роҳбарии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сокинони ноҳия сари вақт бо хонаву ҷой таъмин гардиданд. Зиндагии мардум тадриҷан маҷрои худро ёфта, аҳли заҳмат бо часпу талошҳо ва дилгармии дучанд ба ояндаи дурахшон ба меҳнати зарбдор равона шуданд.

Дар муддати начандон тӯлонӣ кишоварзони ноҳия устодони касби худ гардида шӯҳрати ноҳия дар қаламрави вилоят, ҷумҳурӣ ва ҳатто собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ баланд гардида солҳои 1979-1982 чор сол пайи ҳам дар қатори беҳтарин ноҳияҳо баҳогузорӣ карда шуд.

Дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ дигар соҳаҳо низ бо маром пеш рафтанд ва тараққӣ карданд. Алалхусус соҳаҳои иҷтимоиёт – маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ бо суръат инкишоф ёфтанд. Дар ин давра даҳҳо нафар дастпарварони мактабҳои ноҳия Донишгоҳ ва Донишкадаҳои кишвар ва берун аз онро бо муваффақият хатм намуда баҳри пешрафти хоҷагии халқи мамлакат ҳиссаи арзанда гузошта меоянд.

Сафи олимон, адибон, кормандони санъат ва ҳунар, мутахассисони касбу кори гуногун хеле зиёд гардид. Узви иттифоқи нависандагон ва рӯзноманигорон, аълочиёни соҳаҳои маориф, фарҳанг ва тандурустӣ, ки тараннумгари дастовардҳои сокинони ноҳия мебошанд бо меҳнати софдилонаи худ сазовори ин унвонҳо гардидаанд.

## 1.3. Шароитҳои табиӣ ва иқлим

Иқлими ноҳия континенталӣ ҳисобида шуда, зимистон се моҳ давом мекунад. Боришот дар ҳудуди ноҳия кифоякунанда буда, ин омил барои кишту кор мусоидат менамояд. Мавсими кишту кори кишоварзони ноҳия асосан тирамоҳу баҳор ба ҳисоб меравад. Барои парвариши парранда ва чорводорӣ мувофиқ мебошад. Барои ташкил намудани гармхонаҳо, имконияту шароитҳо мусоидат мекунад.

Ноҳия манбаъ ва захираҳои оби табии надошта асосан тавассути пойгоҳҳои Обкашӣ обёрӣ карда мешавад. Алҳол ба воситаи 17 пойгоҳи пуриқтидор оби дарёи Сир ба баландии 256 метр баланд бардошта шуда, парвариши зироатҳои кишоварзӣ ба роҳ монда шуда истодаанд.

## 1.4. Вазъи демографӣ

Шумораи аҳолии ноҳия ба 1 январи соли 2015- 110715 нафарро ташкил додааст. Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 91706 нафар 82,8 фоиз дар деҳот ва 19009 нафар 17,2 фоиз дар шаҳрак зиндагонӣ мекунанд.

**Ҷадвали №1. Шумораи аҳолӣ дар охири сол;**

| № | Номгӯй | Ҳисобот (нафар) | | | | Суръати афзоиши миёнаи солона (фоиз) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2010 | 2014 | 2015 | 2010-2000 | 2014-2000 | 2015-2000 | 2015-2010 |
| | **Ҳамагӣ аҳолӣ** | **86000** | **102000** | **110715** | **115200** | **118,6** | **128,7** | **133,9** | **112,9** |
| 1 | аз ҷумла аҳолии шаҳракҳо | 15050 | 18360 | 19009 | 21312 | 122,0 | 126,3 | 116,1 | 116,0 |
| 2 | аҳолии деҳот | 70950 | 83640 | 91706 | 93888 | 117,9 | 117,9 | 112,3 | 112,2 |

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисобот | Баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | | | (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбати 2014 |
| **Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ** | **110,7** | **113,7** | **116,9** | **119,4** | **123,0** | **126,2** | **129,3** | **116,8** |
| **аз ҷумла шаҳрак** | 19,0 | 19,5 | 20,1 | 20,6 | 21,1 | 21,7 | 22,0 | 115,8 |
| **деҳот** | 91,7 | 94,2 | 96,8 | 98,8 | 101,9 | 104,5 | 107,3 | 117,0 |

**Ҷадвали №2.Дурнамои аҳолӣ барои то соли 2020**

Соли 2014 дар ноҳия 3676 нафар таваллуд шуда, шумораи вафот ба 393 нафар расидааст.

Ҳангоми то соли 2020 дар сатҳи нишондиҳандаҳои солҳои 2010 - 2015 нигоҳ дошта шудани суръати афзоиши аҳолӣ, шумораи аҳолии муқимӣ дар ибтидои соли 2016 – 118,1 ҳазор нафар ва дар охири соли 2020 – 139,6 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки назар ба соли 2010 ба андозаи 37,6 ҳазор нафар ё 23,6 фоиз зиёд мегардад. Шумораи хонаводаҳо дар ноҳия 16079 ададро ташкил менамояд.

**Афзоиши табиии аҳолӣ дар се соли охир чунин ба назар мерасад:**
**Ҷадвали №3. Нишондиҳандаҳои асосии демографи;**

| *Солҳо* | *Таваллуд* | *Шумораи фавт* | *Афзоиши табии аҳолӣ* | *Афзоиши табии аҳолӣ бо %* | *Шумории умумии аҳолӣ* |
|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 3068 | 404 | 2664 | 2,5 | 107,4 |
| 2013 | 3371 | 379 | 2992 | 2,7 | 110,3 |
| 2014 | 3676 | 393 | 3583 | 3,2 | 110,7 |

Маълумотҳои омори нишон медиҳанд, ки аз рӯи синну сол шумораи аҳолии то 14 сола 28,5 фоиз, аҳолии қобили меҳнат 45,2 фоиз ва аҳолии дар синни нафақа буда 26,3 фоизро дарбар мегирад.

*Ҷадвали №4. Сохтори ҷинсӣ ва синну соли аҳолӣ дар соли 2014;*

| | *Ҷамъ* | *Аз ҷумла духтарон/занон* | *% духтарон/занон* |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | *30557* | *14880* | *48,7* |
| Миёнасолон | *65765* | *31173* | *47,4* |
| Аҳолии синну соли нафақа (63 мардон/58 занон) ва боло | *14393* | *7865* | *54,6* |
| **Ҷамъ:** | **110715** | **53918** | ***48,7*** |

**1.5 Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодии ноҳия;**

Айни ҳол дар ноҳия 31 корхонаҳои хурду калони саноатӣ, 3 корхонаҳои сохтмон, 1 корхона оиди таъмир ва истифодаи роҳҳои автомобилгард, 4671 хоъагињои дењќонӣ, 24 хоҷагии ёрирасон, 9 муасисаьои таьсилоти томактабӣ, 33 муассисаи таьсилоти умумӣ, 9 муассисаи таҳсилоти асосӣ, 2 муассиса-литсей, 1 Коллеҷи кишоварзӣ, 1 Коллеҷи омӯзгорї, 1 Литсейи касби саноатии кишоварзӣ, 18 адад китобхонаьои оммавӣ, 8 адад марказьои фарьангӣ, 1 мактаби мусиќии бачагона, беморхонаи маркази ноьия, 5 беморхонаи минтаќавӣ, 1 маркази саломатии ноьиявӣ, маркази ташаккули тарзи ьаёти солим, маркази мубориза зидди касалии сил, 21 адад маркази саломатии деьот, 8 хонаьои саломатӣ ва хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ фаъолият менамоянд.

Маҳсулоти саноатии содироти нахи пахта ва ришта ҳисоб ёфта ба кишварҳои Россия, Туркия, Беларус, Италия ва Эрон содирот гардида, маҳсулотҳои дигар- чигит, тибит, торак, равғани пахта, кунҷора, шелӯха, ғишт дар бозори дохилии ноҳия ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба фурӯш бароварда мешаванд. Бо истифода аз захираҳои фаровони ашёи хоми маҳаллӣ, дар сурати ҷалби сармоя ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо шарикони рушд, дар ноҳия корхонаи азими коркард бунёд намуда, барои мардум ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, ба паст шудани сатҳи камбизоатӣ таъсири ҷиддӣ расонидан мумкин аст.

Самти дигари афзалиятноки рушди ноҳия соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ноҳия дорои 102923 га майдони умумии замин мебошад. Аз ҷумла заминҳои обӣ 30406 га, заминҳои корам 28517 га, аз он обӣ 24116 га, дарахтҳои бисёрсола 2363 га, аз он обӣ 2324 га, заминҳои боир 971 га, аз он обӣ 143 га, алафзорҳо 62 га, чарогоҳ 35571 га мебошад. Ҳамаги заминҳои кишоварзӣ 67484 га аз он обӣ 26579 га. Заминҳои назди ҳавлигӣ 3505 га, аз он обӣ 1992 га. Заминҳои хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон (заминҳои Президентӣ) 1517 га, аз он обӣ 1417 га. Заминҳои ҷангалу бешазорҳо 745 га, аз он обӣ 414 га. Буттазорҳо 1111 га, ботлоқҳо 1 га, заминҳои зери об (заҳбуру каналҳо) 3677 га. Заминҳои зери роҳҳо 1276 га, заминҳои зери иморат ва майдонҳо 2131 га ва дигар замиҳо 21476 га- ро ташкил медиҳад. Барои парвариши пахта ва ғалладона, аз ҷумла гандум ва ҷав, сабзавот, зироатҳои равғандор, меваю ангур ва ҳамчунин, парвариши чорво шароити мусоид ва имкониятҳои васеъ мавҷуд ҳаст. Оид ба ин масъала ва мушкилиҳои мавҷудаи соҳа дар боби кишоварзӣ маълумот дода мешавад.

Шабакаи муассисаҳои хизматрасонӣ дар ҷамоатҳо нокифоя мебошанд.

Роҳҳои махаллӣ давоми ду соли охир хеле таъмир гардида бошанд ҳам ин раванд дар солҳои минбаъда бояд ҷоннок карда шавад.

Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар соли 2014-ӯм 407 млн. 608 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2003-ӯм 117,6 фоиз афзоиш ёфтааст ва ба маблағи 61 млн. 2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

## 1.6. Оиндабинии *ноҳия (Дурнамои ноҳия);*

Ноҳияи Мастчоҳ яке аз ноҳияҳои рушдёфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маркази муосири истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатӣ, дорои инфрасохтори хуби иҷтимоию иқтисодӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна, бо ҳолати хуби экологӣ, ки зиндагии арзанда ва солими аҳолиро таъмин менамояд шинохта шудааст.

Оиндабинии мазкур дар асоси таҳлили паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии ноҳия, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гардидааст, ки номгӯи бархе аз он нишондиҳандаҳо инҳо мебошанд;

*Ҷадвали №5. Таҳлили вазъи умумии ноҳияи Мастчоҳ (SWOT)*

| *Паҳлӯҳои мусбӣ;* | *Паҳлӯҳои манфӣ;* |
|---|---|
| Мавҷудияти:<br>Захираҳои калони замини корами обӣ;<br>Иқлими хуб;<br>Мавҷудияти ашёи хоми кишоварзӣ (пахта, мева, сабзавот, полезӣ, офтобпараст, чормағзи заминӣ, шир, гӯшт, тухм ва дигарҳо);<br>Мавҷудияти корхонаҳои саноатӣ;<br>Мӯҳлати вегетатсионии дароз;<br>Шумораи зиёди мутахассисони соҳибтаҷриба;<br>Коммуникатсияҳои муҳандисӣ (роҳҳо, каналҳо, пойгоҳҳои обкашӣ ва ғайра);<br>Шӯрнокии пасти заминҳо;<br>Мавҷудияти муассисаҳои миёнаи махсуси таълимӣ (Коллеҷҳои кишоварзӣ ва омӯзгорӣ, литсейи касби саноатӣ кишоварзӣ);<br>Релеф ва иқлими мусоид;<br>Мавҷудияти иншоотҳои селпарто; | Норасоии оби нӯшокӣ ва полезӣ;<br>Фарсудагии иншоотҳои ирригатсионӣ;<br>Нокифоя будани корхонаҳои саноатие, ки давоми сол пурра кор мекунанд;<br>Дар вазъи бунбаст қарор доштани ноҳия;<br>Маҳдудияти роҳҳои транзитӣ бо воситаи давлати ҳамсоя Узбекистон;<br>Норасоии техникаи муосири кишоварзӣ ва нархи гарон доштани нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ;<br>Норасоии обанборҳои оби нӯшокӣ ва сифати пасти он;<br>Норасоии мутахассисони тибб ва таҷҳизотҳои муосири ин соҳа;<br>Норасоии иншоотҳои фарҳангӣ ва варзишӣ (варзишгоҳ ва толорҳои варзишӣ);<br>Пурра дастрас набудани барномаҳои иттилоотии телевизиони вилоятӣ;<br>Норасоии сармоягӯзорон;<br>Набудани танзими муҳоҷирати меҳнатӣ;<br>Зиёдшавии ҳаҷми бақияи қарзҳои андоз; |
| ***Имкониятҳо*** | ***Хавфҳо*** |
| Ҷалби сармоягузорон;<br>Сохтмони гармхонаҳо;<br>Ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ;<br>Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналхалқӣ;<br>Таҳияи Барномаи рушди ноҳия;<br>Ба кор андохтани корхонаҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ресандагӣ, коркарди маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти гӯшти ва саноати кӯҳӣ; | Баландравии фоизи ќарзҳои бонкӣ ва таварруми асъор.<br>Баландравии нархномаи об ва қувваи барқ.<br>Бӯҳрони молиявию иқтисодӣ;<br>Хавфи офатҳои табиии (сел, хушксолӣ)<br>Таъсири манфии партови корхонаҳои Узбекистон;<br>Доман паҳн кардани пайдоиши ҳашароти зараррасон (малах, кирми пахта, тортанак ва ғайраҳо) |

## Боби 2: *Таҳлили ҳолат ва шарҳи стратегияи соҳаҳо;*
### 2.1. Иқтисодиёт;
### 2.1.1. Саноат;

Соҳаи саноати ноҳия яке аз ҷузъҳои таркибии саноати вилояти Суғд ба ҳисоб рафта, дар он коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (пахта) нақши аввалиндараҷа дорад.

Мақсади асосии рушди саноати ноҳия, ин ташаккул ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва сатҳи технологии истеҳсолот, таъмини истеҳсоли маҳсулоти ба талаботи замон ҷавобгӯй бо истифодаи технологияи пешқадам барои бозори дохилӣ, васеъ намудани номгӯи маҳсулот барои бозори беруна ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти аз пахта тайёршуда мебошад.

Дар ноҳия 31 корхонаи саноатӣ фаъолият мекунад, ки истеҳсоли маҳсулот дар онхо бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар корхонаҳои мазкур, асосан коркарди пахта, чигит, ришта ва семент ба роҳ монда шуда, дар онҳо 1158 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Дар давоми солҳои 2016-2020 афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, дар ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, бо назардошти шароити имрӯза ва вазъи иқтисодии ноҳия пешбинӣ гардидааст.

Иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатии ноҳия дар як сол коркарди зиёда аз 180 ҳазор тонна пахтаи хом, коркарди 5000 тонна нахи пахта, истеҳсоли 2 ҳазор тонна равғани растанӣ, истеҳсоли 50 ҳазор тонна семент, 350 ҳазор дона хишт мебошад.

Дар асл коркарди пахтаи хом ба миқдори 20-24 ҳазор тонна, истеҳсоли нахи пахта 6,5-7,5 ҳазор тонна, истеҳсоли равған 1500-1800 тоннаро ташкил медиҳад. Сабаби асосии истифода нагардидани иқтидорҳои мавҷуда, ин нокифоягии истеҳсоли пахта ва ҳосилнокии пасти он мебошад.

**Ҷадвали №6. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ;**

| № т/б | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| 1. | **ҶСК ба номи Ҳасан Абдулов** | | | |
| | Нах, тн | 5490,4 | 784,5 | 140,3 |
| | Чигити тухмӣ, тн | **9175** | 1265,1 | 222,3 |
| | Тибит, тн | 265,6 | 34,8 | 9,8 |
| | Торак, тн | 65,6 | 15,7 | 4,3 |
| | Пат, тн | 38,5 | 8,1 | 1,7 |
| 2. | **ҶДММ «Зарнишон»** | | | |
| | Нах, тн | 827 | 1681 | 1120 |
| | Чигити тухмӣ, тн | 1319 | 2689 | 1771 |
| | Торак, тн | 40 | 61 | 45 |
| 3. | **ҶДММ «Шариф Асад»** | | | |
| | Нах, тн | 199,3 | 1585 | 1769,2 |
| | Чигити тухмӣ, тн | 322,4 | 2497,8 | 2985,2 |
| | Тибит, тн | 8,5 | 57,9 | 47,5 |
| | Пат, тн | 2,8 | 20,9 | 25,5 |
| 4. | **ҶДММ «Амир Шукур»** | | | |
| | Нах, тн | 2789 | 152 | 1278 |
| | Чигити тухмӣ, тн | 4476 | 2427 | 1993 |
| | Тибит, тн | 123 | 61 | 43 |
| | Торак, тн | 72 | 28 | 26 |
| | Пат, тн | 26 | 12 | 12 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Равған, тн | 239 | 135 | 19 |
| | Кунчола, тн | 1467 | 908 | 15 |
| | | | | |
| 5. | **ҶДММ «Солеҳ»** | | | |
| | Нах, тн | 2361,3 | 1132,2 | 976,2 |
| | Чигити тухмӣ, тн | 3888,4 | 1837,9 | 1639,3 |
| | Тибит, тн | 83,5 | 37,8 | 32,9 |
| | Торак, тн | 83 | 28,1 | 24,7 |
| | Пат, тн | 39,3 | 16,2 | 13,7 |
| 6. | **ҶДММ «Сезар»** | | | |
| | Нах, тн | - | 103 | 378,63 |
| | Чигити тухмӣ, тн | - | 154 | 367,9 |
| 7. | **ҶСП «Олим Текстайл»** | | | |
| | Ришта, тн | 3577,9 | 1457,5 | 2046 |
| 8. | **ҶДММ «Суғд-семент»** | | | |
| | Семент, тн | 1002 | 10617 | 17247 |
| 9. | **ҶДММ «Музаффар К»** | | | |
| | Нах, тн | 1254,3 | 1143,3 | 1681,8 |
| | Чигити тухмӣ, тн | 2038,7 | 1875,6 | 2719,1 |
| | Торак, тн | 65,4 | 53,8 | 56,6 |
| | Равғани пахта, тн | 168 | 105,3 | 50,0 |
| | Кунчола, тн | 534,5 | 470 | 304,4 |
| | Шелуха, тонна | 534,5 | 181,5 | |
| 10. | Дорис | | | |
| | Равғани пахта, тонна | 237,1 | - | - |
| | Кунчола, тн | 781,2 | - | - |
| | Шелуха, тонна | 782,5 | - | - |
| 11. | **ҶСП «Вализодаи Ниёз»** | | | |
| | Ришта, тн | 2,3 | 2,5 | 3,65 |
| | Шолча м.м. | 81,5 | 28,5 | 26,6 |
| | Матоъи борҷомагӣ ҳ.ҷуфт | 24,2 | 8,7 | 9,8 |
| 12. | **ҶСП «Ҷаъфар»** | | | |
| | Равғани пахта, тн | 136,5 | 85,2 | 62,9 |
| | Кунҷола, тн | 451,5 | 281,7 | 208 |
| | Шелуха, тн | 388,5 | 242,4 | 179 |
| 13. | **ҶСП «Маҷмуи куҳии Чашма»** | | | |
| | Охаксанг, тн | - | 11229 | 23275 |
| 14. | **ҶДММ «Фараҳноз 2013»** | | | |
| | Хишти хом, ҳ.д | - | 362,3 | 479 |
| | Хишти пухта, ҳ.д | - | 103,6 | 177 |
| 15. | **ҶДММ «Ҳоҷи Мирисмоил»** | | | |
| | Хишти хом, ҳ.д | 190,0 | 378 | 25 |
| | Хишти пухта, ҳ.д. | - | 102 | 32 |
| 16. | **ҶДММ « Сомон Зарафшон»** | | | |
| | Нах, тн | - | - | 606,1 |
| | Торак, тн | - | - | 60 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Пат,тн | - | - | 8,4 |
| | Чигит | - | - | 1011,6 |
| | Пух | | | 7,2 |
| 17. | **Корхонаи нонпазӣ** | | | |
| | Нон ва маҳсулоти нонӣ, тн | 158,4 | 107,3 | 42,8 |
| 18. | **Матбаа** | | | |
| | Варақаҳои чопӣ, нусха | 186,9 | 136,5 | 77,5 |
| 19. | **Корхонаҳои хурд** | | | |
| | Равғани пахта, тонна | 54,7 | 36,9 | 38,2 |
| | Кунҷора, тонна | 331,7 | 221,5 | 236,2 |
| | Ҳасиб, тн | 6 | 7 | 7,8 |
| | Панир, тн | - | 11,5 | 12 |
| | Қаймоқ, тн | - | 3,2 | 4 |
| | Айрон, тн | - | 10,7 | 7 |
| | Кефир, тн | - | 10,2 | 29,4 |
| | Шир, тн | - | 1,6 | 24 |
| | Маҳсулоти пластикӣ, м.м. | 162,8 | 277,2 | 233,3 |
| | Хишти хом, ҳ.д. | 556,7 | 102,4 | 326,2 |
| 20. | **Сектори хусусӣ** | | | |
| | Гушт, тн | 91,2 | 129,6 | 260,7 |
| | Нон ва маҳсулоти нон, тн | 168,1 | 184,3 | 225,3 |
| | Маҳсулоти духта, сомонӣ | 18421 | 20356 | 25020 |

**Ҷадвали №7. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шакли аслӣ дар солҳои 2016-2020;**

| Нишондиҳандаҳо | с2014 – ҳисобот | с2015-баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | | | 2020 бо % нисбати соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| **ҶСК ба номи Ҳасан Абдулов** | | | | | | | | |
| Нах, тн | 140,3 | 168,4 | 183,8 | 192,2 | 202,0 | 210,4 | 224,5 | 160,0 |
| Чигити тухмӣ, тн | 222,3 | 266,8 | 291,2 | 304,5 | 320,1 | 333,4 | 355,7 | 160,0 |
| Тибит, тн | 9,8 | 11,8 | 12,8 | 13,4 | 14,1 | 14,7 | 15,7 | 160,0 |
| Торак, тн | 4,3 | 5,2 | 5,6 | 5,9 | 6,2 | 6,4 | 6,9 | 160,0 |
| Пат, тн | 1,7 | 2,0 | 2,2 | 2,3 | 2,4 | 2,6 | 2,7 | 160,0 |
| **ҶДММ «Зарнишон»** | | | | | | | | |
| Нах, тн | 1120 | 1344 | 1467 | 1534 | 1612 | 1680 | 1851 | 165,3 |
| Чигити тухмӣ, тн | 1771 | 2125 | 2320 | 2426 | 2550 | 2656 | 2883 | 162,8 |
| Торак, тн | 45 | 54,0 | 58,9 | 61,6 | 64,8 | 67,5 | 71 | 158,0 |
| **ҶДММ «Шариф Асад»** | | | | | | | | |
| Нах, тн | 1769,2 | 2123,0 | 2317,6 | 2423,8 | 2547,6 | 2653,8 | 2830,7 | 160,0 |
| Чигити тухмӣ, тн | 2985,2 | 3582,2 | 3910,6 | 4089,7 | 4298,6 | 4477,8 | 4776,3 | 160,0 |
| Тибит, тн | 47,5 | 57,0 | 62,2 | 65,0 | 68,4 | 71,2 | 76,0 | 160,0 |
| Пат, тн | 25,5 | 30,6 | 33,4 | 34,9 | 36,7 | 38,5 | 40,8 | 160,0 |
| **ҶДММ «Амир** | | | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шукур»** | | | | | | | | |
| Нах, тн | 1278 | 1533,6 | 1674,1 | 1750,8 | 1840,3 | 1917,0 | 2044,8 | 160,0 |
| Чигити тухмӣ, тн | 1993 | 2391,6 | 2610,8 | 2730,4 | 2869,9 | 2989,5 | 3188,8 | 160,0 |
| Тибит, тн | 43 | 51,6 | 56,3 | 58,9 | 61,9 | 64,5 | 68,8 | 160,0 |
| Торак, тн | 26 | 31,2 | 34,0 | 35,6 | 37,4 | 39,0 | 41,6 | 160,0 |
| Пат, тн | 12 | 14,4 | 15,7 | 16,4 | 17,2 | 18,0 | 19,2 | 160,0 |
| Равған, тн | 19 | 22,8 | 24,8 | 26,0 | 27,3 | 28,5 | 30,4 | 160,0 |
| Кунчола, тн | 15 | 18 | 19,6 | 20,5 | 21,6 | 22,5 | 24,0 | 160,0 |
| **ҶДММ «Солеҳ»** | | | | | | | | |
| Нах, тн | 976,2 | 1171,4 | 1278,8 | 1337,4 | 1405,7 | 1464,3 | 1561,9 | 160,0 |
| Чигити тухмӣ, тн | 1639,3 | 1976,2 | 2147,5 | 2245,8 | 2360,6 | 2458,9 | 2622,9 | 160,0 |
| Тибит, тн | 32,9 | 39,5 | 43,1 | 45,1 | 47,4 | 49,3 | 52,6 | 159,9 |
| Торак, тн | 24,7 | 29,6 | 32,4 | 33,8 | 35,6 | 37,1 | 39,5 | 160,0 |
| Пат, тн | 13,7 | 16,4 | 17,9 | 18,8 | 19,7 | 20,1 | 21,1 | 154,0 |
| **ҶДММ «Сезар»** | | | | | | | | |
| Нах, тн | 378,6 | 454,3 | 496,0 | 518,7 | 545,2 | 576,9 | 605,8 | 160,0 |
| Чигити тухмӣ, тн | 367,9 | **441,5** | **481,9** | **504,0** | **529,8** | **551,9** | **588,6** | 160,0 |
| **ҶСП «Олим Текстайл»** | | | | | | | | |
| Ришта, тн | 2046 | 2455,2 | 2680,3 | 2803,0 | 2946,2 | 3069,0 | 3273,6 | 160,0 |
| **ҶДММ «Суғд-семент»** | | | | | | | | |
| Семент, тн | 17247 | 20696,4 | 22593,6 | 23628,4 | 24835,7 | 25870,5 | 27595,2 | 160,0 |
| **ҶДММ «Музаффар К»** | | | | | | | | |
| Нах, тн | 1681,8 | 2018,2 | 2203,2 | 2304,1 | 2421,8 | 2522,7 | 2690,1 | 160,0 |
| Чигити тухмӣ, тн | 2719,1 | 3262,9 | 3562,0 | 3725,2 | 3915,5 | 4078,6 | 4350,6 | 160,0 |
| Торак, тн | 56,6 | 67,9 | 74,1 | 77,5 | 81,5 | 84,9 | 90,1 | 159,1 |
| Равғани пахта, тн | 50,0 | 60,0 | 65,5 | 68,5 | 72,0 | 75,0 | 80,0 | 160,0 |
| Кунчола, тн | 304,4 | 365,3 | 398,8 | 417,0 | 438,3 | 456,6 | 487,0 | 160,0 |
| **ҶСП «Вализодаи Ниёз»** | | | | | | | | |
| Ришта, тн | 3,6 | 4,3 | 4,7 | 4,9 | 5,2 | 5,4 | 5,8 | 161,1 |
| Шолча м.м. | 26,6 | 31,9 | 34,8 | 36,4 | 38,3 | 39,9 | 42,6 | 160,2 |
| Матоъи борҷомагӣ ҳ.ҷуфт | 9,8 | 11,8 | 12,8 | 13,4 | 14,1 | 14,7 | 15,7 | 160,2 |
| **ҶСП «Ҷаъфар»** | | | | | | | | |
| Равғани пахта, тн | 62,9 | 75,5 | 82,4 | 86,2 | 90,6 | 94,4 | 100,6 | 159,9 |
| Кунҷола, тн | 208 | 249,6 | 272,5 | 285,0 | 299,5 | 312,0 | 332,8 | 160,0 |
| Шелуха, тн | 179 | 214,8 | 234,5 | 245,2 | 257,8 | 268,5 | 286,4 | 160,0 |
| **ҶСП «Маҷмуи куҳии Чашма»** | | | | | | | | |
| Охаксанг, тн | 23751 | 660 | 890 | 960 | 1070 | 1130 | 1180 | 5,0 |
| **ҶДММ «Фараҳноз 2013»** | | | | | | | | |
| Хишти хом, ҳ.д | 479 | 575 | 627 | 656 | 690 | 718 | 766 | 160,0 |
| Хишти пухта, ҳ.д | 177 | 212 | 232 | 242 | 255 | 266 | 283 | 159,8 |
| **ҶДММ «Ҳоҷи Мирисмоил»** | | | | | | | | |
| Хишти хом, ҳ.д | 25 | 30 | 33 | 34 | 36 | 38 | 40 | 160,0 |
| **ҶДММ « Сомон Зарафшон»** | | | | | | | | |
| Нах, тн | 606,1 | 727,3 | 794,0 | 830,3 | 872,8 | 909,1 | 969,8 | 160,0 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Торак, тн | 60 | 72 | 79 | 82 | 86 | 90 | 96 | 160,0 |
| Пат,тн | 8,4 | 10,0 | 11,0 | 11,5 | 12,0 | 12,6 | 13,4 | 159,5 |
| Чигит | 1011,6 | 1213,9 | 1325,1 | 1385,9 | 1456,7 | 1517,4 | 1618,6 | 160,0 |
| Пух | 7,2 | 8,6 | 9,4 | 9,9 | 10,4 | 10,8 | 11,5 | 159,7 |
| **Корхонаи нонпазӣ** | | | | | | | | |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ, тн | 42,8 | 51,3 | 56,0 | 58,6 | 61,6 | 64,2 | 68,5 | 160,0 |
| **Матбаа** | | | | | | | | |
| Варақаҳои чопӣ, нусха | 77,5 | 93,0 | 101,5 | 106,2 | 111,6 | 116,2 | 124,0 | 160,0 |
| **Корхонаҳои хурд** | | | | | | | | |
| Ҳасиб, тн | 7,8 | 9,4 | 10,2 | 10,7 | 11,2 | 11,7 | 12,5 | 160,2 |
| Панир, тн | 12 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 158,3 |
| Қаймоқ, тн | 4 | 4,8 | 5,2 | 5,5 | 5,8 | 6 | 6,4 | 160,0 |
| Айрон, тн | 7 | 8,4 | 9,2 | 9,6 | 10,0 | 10,5 | 11,2 | 160,0 |
| Кефир, тн | 29,4 | 35,3 | 38,5 | 40,3 | 42,3 | 44,1 | 47,0 | 159,8 |
| Шир, тн | 24 | 29 | 31 | 33 | 35 | 36 | 38 | 158,3 |
| Маҳсулоти пластикӣ, м.м. | 233,3 | 279,9 | 305,6 | 319,6 | 335,9 | 349,9 | 373,2 | 160,0 |
| **Сектори хусусӣ** | | | | | | | | |
| Гушт, тн | 260,7 | 312,8 | 341,5 | 357,2 | 375,4 | 391,0 | 417,1 | 160,0 |
| Нон ва маҳсулоти нон, тн | 225,3 | 270,3 | 295,1 | 308,7 | 324,4 | 382,9 | 360,4 | 160,0 |
| Маҳсулоти духта, сомонӣ | 25020 | 30024 | 32776 | 34277 | 36029 | 37530 | 40032 | 160,0 |

Тибқи нишондиҳандаҳо дурнамои соҳаи саноатӣ ноҳия, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 нисбати соли 2014 – 160 фоиз пешбинӣ гардидааст.

**Ҷадвали №8. Нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноат барои солҳои 2016-2020;**

| Нишондиҳандаҳо | с2014 – ҳисобот | с2015 баҳодиҳи | Дурнамо | | | | | 2020 бо % нисбат и соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| **Саноат** | 131,9 | 158,3 | 172,8 | 180,7 | 190,0 | 197,9 | 211,1 | 160,0 |
| **Маҳсулоти саноатӣ (корҳо хизматрасониҳо) бо нархҳои яклухти корхонаҳо дар корхонаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият – ҳамагӣ** | 131,9 | 158,3 | 172,8 | 180,7 | 190,0 | 197,9 | 211,1 | 160,0 |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | | |
| **дар корхонаҳои дорои шаклҳои моликияти давлатӣ** | 0,042 | 0,050 | 0,055 | 0,057 | 0,060 | 0,063 | 0,067 | 159,5 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| дар корхонаҳои дорои ҳамаи шаклҳои моликияти ғайридавлатӣ | 131,9 | 158,3 | 172,8 | 180,7 | 190,0 | 197,9 | 211,1 | 160,0 |
| ҶСК «Ҳ.Абдулов» | 2,6 | 3,0 | 3,3 | 3,6 | 3,74 | 3,9 | 4,2 | 161,5 |
| ҶДММ «Амир Шукур» | 12,3 | 14,8 | 16,1 | 16,8 | 17,7 | 18,4 | 19,7 | 160,2 |
| ҶДММ «Музаффар К» | 14,8 | 17,8 | 19,4 | 20,3 | 21,3 | 22,2 | 23,7 | 160,1 |
| ҶДММ «Зарнишон» | 10,9 | 13,0 | 14,3 | 14,9 | 15,7 | 16,3 | 17,4 | 159,6 |
| ҶДММ «Шариф Асад» | 15,3 | 18,4 | 20,0 | 21,0 | 22,0 | 23,0 | 24,5 | 160,1 |
| ҶДММ «Солеҳ» | 8,0 | 9,6 | 10,5 | 11,0 | 11,5 | 12,0 | 12,8 | 160,0 |
| ҶДММ «Сезар» | 3,7 | 4,4 | 4,8 | 5,1 | 5,3 | 5,5 | 5,9 | 159,4 |
| ҶДММ « Сомон Зарафшон» | 6,6 | 7,9 | 8,6 | 9,0 | 9,5 | 9,9 | 10,6 | 160,6 |
| ҶДММ «Сафедгул» | - | 3,0 | 3,5 | 4,0 | 4,5 | 5,0 | 5,5 | - |
| ҶСП «Олим Текстайл» | 31,4 | 37,7 | 41,1 | 43,0 | 45,2 | 47,1 | 50,2 | 159,8 |
| ҶДММ «Суғд-семент» | 11,1 | 13,3 | 14,5 | 15,2 | 16,0 | 16,6 | 17,8 | 160,4 |
| ҶСП «Вализодаи Ниёз» | 0,154 | 0,184 | 0,202 | 0,210 | 0,222 | 0,231 | 0,246 | 159,7 |
| ҶСП «Ҷаъфар» | 0,803 | 0,963 | 1,051 | 1,100 | 1,156 | 1,204 | 1,285 | 160,0 |
| ҶДММ «Анис Т» | - | 0,700 | 0,917 | 0,959 | 1,008 | 1,050 | 1,120 | - |
| ҶСП «Маҷмуи куҳии Чашма» | 0,678 | 0,813 | 0,888 | 0,929 | 0,976 | 1,017 | 1,084 | 159,9 |
| ҶДММ «Ҷаъфар-2014» | 0,278 | 0,333 | 0,364 | 0,380 | 0,400 | 0,417 | 0,445 | 160,1 |
| ҶДММ «Фараҳноз 2013» | 1,528 | 1,833 | 2,033 | 2,093 | 2,200 | 2,292 | 2,445 | 160,0 |
| ҶДММ «Ҳоҷи Мирисмоил» | 0,0475 | 0,057 | 0,062 | 0,065 | 0,068 | 0,071 | 0,076 | 160,0 |
| Корхонаи нонпазӣ | 0,112 | 0,134 | 0,147 | 0,153 | 0,161 | 0,168 | 0,179 | 159,8 |
| Матбаа | 0,042 | 0,050 | 0,055 | 0,057 | 0,060 | 0,063 | 0,067 | 159,5 |
| Корхонаҳои хурд | 0,515 | 0,618 | 0,675 | 0,705 | 0,742 | 0,772 | 0,824 | 160,0 |
| Хизматрасонии пулакӣ | 2,911 | 3,493 | 3,813 | 3,988 | 4,192 | 4,366 | 4,658 | 160,0 |
| Сектори хусусӣ | 10,732 | 12,878 | 14,059 | 14,703 | 15,454 | 16,098 | 17,171 | 160,0 |

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2014 бо нархҳои ҷорӣ 131,9 миллион сомониро ташкил дод, ки он нисбати нишондиҳандаҳои соли 2010-ум 166,3 фоиз зиёд гардидааст. Дар ин давра 7 корхонаи коркарди пахта, фабрикаи ресандагии «Олим Текстайл» ба номи «20 солагии Истиқлолият», корхонаи истеҳсоли семент ҶДММ «Суғд семент», се корхонаи истеҳсоли хишт ва даҳҳо корхонаҳои хурди саноатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд, ки соҳаи саноат хеле рушд кард.

Дуруст ба роҳ мондани рушди корхонаҳои саноатии ноҳия, метавонад дар оянда ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуда, бозори дохилию беруниро аз маҳсулот ғанӣ гардонад. Аз ҷумла, корхонаҳое, ки бо коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд дар инкишофи минбаъдаи ноҳия мавқеъи хоса доранд.

**Ҷадвали №9. Рӯйхати корхонаҳои саноатӣ аз рӯи иқтидорҳои мавҷуда;**

| р/т | Номгӯи корхонаҳо | Намуди фаъолият (маҳсулоти истеҳсолшаванда) | Иқтидори лоиҳавии солона тонна | Иқтидори амалӣ тонна | Ҳолати техникӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК ба номи Ҳасан Абдулов | нахи пахта | 39000 | 770 | коршоям |
| 2 | ҶДММ «Зарнишон» | нахи пахта | 15000 | 3344 | коршоям |
| 3 | ҶДММ «Шариф Асад» | нахи пахта | 15000 | 2842 | коршоям |
| 4 | ҶДММ «Амир Шукур» | нахи пахта | 15000 | 2385 | коршоям |
| 5 | ҶДММ «Солеҳ» | нахи пахта | 15000 | 382 | коршоям |
| 6 | ҶДММ «Музаффар К» | нахи пахта | 15000 | 3180 | коршоям |
| 7 | ҶДММ « Сомон Зарафшон» | нахи пахта | 15000 | 2324 | коршоям |
| 8 | ҶДММ «Сезар» | нахи пахта | 10000 | 840 | коршоям |
| 9 | ҶДММ «Сафедгул» | нахи пахта | 10000 | 731 | коршоям |
| 10 | ҶСП «Олим Текстайл» | ришта | 5000 т. нах | 4260 | коршоям |
| 11 | ҶДММ «Суғд-семент» | семент | 50000 | 20000 | коршоям |
| 12 | ҶСП «Вализодаи Ниёз» | ришта, шолча | 2500 компл. | - | коршоям |
| 13 | ҶСП «Ҷаъфар» | равған | 10000 т.чигит | 5600 | коршоям |
| 14 | ҶСП «Маҷмуи куҳии Чашма» | оҳаксанг | 200 тонна | 15 | коршоям |
| 15 | ҶДММ «Фараҳноз 2013» | хишт | 20000 дона | | коршоям |
| 16 | ҶДММ «Ҳоҷи Мирисмоил» | хишт | 20000 дона | | коршоям |
| 17 | ҶДММ «Ҷаъфар-2014» | хишт | 30000 дона | | коршоям |
| 17 | Корхонаи нонпазӣ | нон | 120 тонна | 112 т. | коршоям |
| 18 | Матбаа | варақаи чопи | 110 ҳ. в.чоп | 50 ҳ.в.ч. | коршоям |
| 19 | ҶДММ «Анис Т» | равған | 10000 т. чигит | 3200 т. | коршоям |
| 20 | Корхонаҳои хурд | дару тирезаи пластикӣ | | | коршоям |
| 21 | Сектори хусусӣ | маҳсулоти консервагӣ | | | коршоям |

Мушкилиҳои асосии соҳаи саноат. Барои самаранок фаъолият намудани соҳаи саноат омилҳои зерин таъсири манфӣ расонида истодаанд:

- таъминоти номуратаби нерӯи барқ;
- норасоии ашёи хом;
- набудани захираҳои лозимии молиявӣ барои гузаронидани таъмир ва азнавсозии истеҳсолот;
- хаҷми нокифояи сармоягузории бевосита ва мустақим;
- сатҳи пасти мененҷмент, набудани системаи ҳозиразамони маркетинг;

Ҳадафи Барнома дар соҳаи саноат ба таври интенсивӣ таъмин сохтани инкишофи бахши саноат дар ноҳия мебошад. Дар мадди аввал, рушди он соҳаҳои саноат, ки ашёи хоми маҳаллиро истифода мебаранд, ҳамзамон рушди саноати хӯрокворӣ, коркарди маҳсулот, аз чумла дар заминаи барпо сохтани шаклҳои истеҳсолоти хурд, зарур мебошад.

Пешрафти соҳаи саноат дар ноҳия андешидани тадбирҳои зеринро тақозо менамояд:

- рушди инфраструктураи истеҳсолӣ;
- ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ;
- таъсиси корхонахои коркарди махсулоти кишоварзӣ бо истифодабарии технологияхои пешқадам;
- ташкил намудани хизматрасонии техникӣ (сервис) ва хизматрасониҳои ёрирасон;

- тараққӣ додани системаи сертификатсиякунонии истеҳсолот ва маҳсулот;
- мукаммалсозии системаи нигоҳдории маҳсулот;
- ба роҳ мондани истеҳсол ва содироти маҳсулоти тайёр аз пахта;
- ташкили корхонаҳои хурди истеҳсоли орд, шир, ҳасиб ва коркарди меваю сабзавот;
- бунёди корхонаи коркарди пашму пӯст;
- дуруст ба рох мондани сиёсати кадрӣ ҳангоми интихоби мутахассисони соҳа;

Чунин муносибат имконият медиҳад, ки соҳаи саноати ноҳия рушд ёфта, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шаванд, ки ин ба таври мусбат ба раванди мухоҷират таъсир мерасонад ва ба рушди устувори равандҳои демографӣ замина мегузорад.

### 2.1.2 Соҳибкории хурду миёна;

Хусусигардонии моликияти давлатӣ нишонаи аввалиндараҷаи дигаргунсозиҳои давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ буда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ҳамдастии онҳо дар мӯътадилсозии молиявӣ, бо ҷойҳои нави корӣ, таъмин намудани аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ замина мегузорад.

Соҳаи соҳибкории хурду миёна захираи азими рушди иқтисодии ноҳия маҳсуб меёбад. Ин раванд дар чунин соҳаҳо, чун савдою маҳсулоттайёркунӣ ва фаъолияти омехта, хизматрасонии маишии аҳолӣ ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ нақши муҳим дорад. Шумораи ашхосе, ки ба соҳибкорию тиҷорати хурду миёна машғуланд, сол то сол меафзояд. Ба санаи 1 январи соли 2015 дар ноҳия 3945 нафар соҳибкорон, аз ҷумла 454 нафар тибқи патент, 181 нафар тибқи шаҳодатнома ва 2721 дар сохтори кишоварзӣ фаъолият менамоянд.

Барои таъмини рушди босуръати иқтисодиёти ноҳия, дастгирии соҳибкорони дар соҳаи истеҳсолот ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғул буда муҳим мебошад. Дар ноҳия рушди соҳибкорӣ сол аз сол вусъати тоза гирифта, айни ҳол зиёда аз 30 адад корхонаҳои соҳаи саноат, нақлиёт ва сохтмон фаъолият мебаранд. Шумораи умумии субъектхои хоҷагидорӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ зиёда 500 адад мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисми бештари соҳибкорони ба қайд гирифташуда ба фаъолияти тиҷорат ва хизматрасонии нақлиётӣ машғул ҳастанд. Аз рӯи маълумотҳои мавҷуда, аз шумораи умумии соҳибкорон зиёда аз 50 нафар ба фурӯши молҳои саноатӣ ва хӯрокворӣ, 500 нафар ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ, хизматрасонии савдо ва пулакӣ машғуланд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки раванди васеъгардонии миқдори корхонаҳои соҳибкории хурд нокифоя мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мусоид ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши зиёди шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои ба молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ, мусоидат намоянд.

Омӯзиш нишон дод, ки рушди соҳаи соҳибкории хурду миёна ба рушди инфрасохтори иқтисодӣ, сиёсати дурусти андоз ва андозбандӣ, шаффофияти фаъолияти институтҳои молиявӣ ва ба дастгирии соҳибкорон аз тарафи давлату ҳукумат такя мекунад. Аз ҷониби дигар, рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут аст.

Барои истифодаи самараноки иқтидори вуҷуддоштаи иқтисодии ноҳия, чунин сиёсатеро роҳандозӣ намудан лозим аст, ки он ба фаъолсозии рушди соҳибкории хурду миёна замина гузорад. Самти афзалиятнок бояд баланд бардоштани нақши саноат дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна ба ҳисоб равад.

**Ҷадвали №10. Шумораи субъектҳои соҳибкорони хурду миёна;**

| Нишондиҳандаҳо | соли 2011 | соли 2012 | соли 2013 | соли 2014 | суръати афзоиш с.2014 нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 15 нафар | 85 | 98 | 115 | 139 | 163,5 |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 50 нафар | 53 | 95 | 98 | 78 | 147,2 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 15 нафар | 212 | 355 | 364 | 391 | 184,4 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 50 нафар | 53 | 95 | 98 | 78 | 147,2 |
| Шумораи коргарон ( нафар) | 789 | 1253 | 1415 | 1615 | 204,7 |
| Маблағи умумӣ аз фӯруши маҳсулот ва хизматрасонӣ (ҳазор сомонӣ) | 7073,5 | 1949,3 | 1391,2 | 2345 | 33,2 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ , аз ҷумла | 753 | 816 | 796 | 1703 | 226,2 |
| - бо фаъолияти шаҳодатнома ( нафар) | 160 | 189 | 204 | 986 | 616,3 |
| -бо патент (нафар) | 593 | 627 | 592 | 717 | 120,9 |

**Фаъолияти бонкҳо.** Дар инкишофи соҳибкории хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд.

Айни ҳол дар ноҳия филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶДММ ТАҚХ «Имон интернешнл», ҶСП «Тоҷпромбонк», ҶСК «Ориёнбонк», намояндагии ҶДММ ТАҚХ «Арванд», «Соҳибкорбонк», «Ҳумо» ва дигар нуқтаҳои хурди қарзиҳӣ фаъолият доранд.

Фаъолияти онҳо ба талаботи дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 мутобиқ гардонида шуда, баҳри амалӣ намудани Стратегияи миёнамӯҳлати рушди низоми бонкии Тоҷикистон равона карда шудааст. Дар бонкҳои ноҳия нуқтаҳои ивази асъор фаъолият менамоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳраку деҳот, бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кредити пешниҳод намуда баҳри пешрафти истеҳсолоти онҳо мусоидат менамоянд. Рушди соҳибкорӣ аз ҷониби бахшу шӯъбаҳои бонкҳо дар давоми соли 2014 дастгирии ҳамаҷониба зоҳир гардид. Сандуқи қарзии онҳо дар маҷмӯъ наздик ба 96 млн 690 ҳазор сомониро ташкил дод. Аз он ҷумла ба соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 51586 ҳазор сомонӣ, барои тиҷорат 13494 ҳазор сомонӣ, дигар соҳаҳо 31610 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст. Ба соҳаҳои ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла барои рушди сохибкории хурду миёна зиёда аз 16 млн 789 хазор сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст.

Дар соли 2014 аз хориҷи кишвар ба бонкхо 245191 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гашта, саривақт дастраси мизоҷон гардид.

Ҳарчанд ҳаҷми умумии қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳод гардида солҳои охир зиёд шуда бошад ҳам вале фоизи онҳо хеле баланд буда, мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ мебошад, ки ин барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолот имконияти хуб фароҳам намеорад.

**Ҷадвали №11.Маълумот оиди маблағгузории қарзии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия аз тарафи муассисаҳои бонкӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби млн.сомонӣ);**

| № | Номгӯи муассисаҳои бонкӣ ва ташкилотҳои хурди қарзӣ | Меъёри фоизи истифодаи қарз | кишоварзӣ | савдо | истеъмолот | саноат | хизматрасонӣ | сохтмон | дигар соҳаҳо | Ҳамаги маблағи қарзӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | «Амонатбонк» | 24-36 | 0,7 | 0,5 | | | | 0,5 | 2,2 | 3,9 |
| 2 | «Агроинвестбонк» | 18-32 | 9,9 | 0,3 | 1,1 | | | 0,048 | 0,25 | 11,7 |
| 3 | «Бонки Эсхата» | 18-32 | 25,5 | 5,4 | 4,1 | | | | 5,5 | 40,5 |
| 4 | «Тоҷиксодиротбонк» | 24-36 | 0,5 | | 0,04 | 3,0 | | 0,056 | 0,3 | 3,9 |
| 5 | «Имон интернешнл» | 24-36 | 5,8 | | | | | | 9,6 | 15,4 |
| 6 | «Ориёнбонк» | 18-32 | | 0,4 | | | | | 1,0 | 1,4 |
| 7 | «Тоҷпромбонк» | 18-32 | 1,4 | 0,5 | | | | | | 1,9 |
| 8 | «Арванд» | 18-32 | 2,8 | 2,0 | 0,3 | | | | | 5,1 |
| 9 | «Соҳибкорбонк» | 18-32 | 0,05 | 0,01 | | | | | 0,58 | 0,64 |
| 10 | Аввалин бонки молиявии хурд | 18-36 | 4,1 | 4,0 | 1,4 | | | | | 9,5 |
| 11 | Ҳумо | 18-24 | 0,45 | 0,29 | | | 0,1 | 0,13 | 1,5 | 2,5 |
| 12 | Мададгори Мастчоҳ | 18-32 | 0,22 | | | | | | 0,4 | 0,26 |
| | **Ҷамъ:** | | **51,2** | **13,4** | **6,9** | **3,0** | **0,1** | **0,73** | **21,3** | **96,7** |

Ҳамчунин нуқтаҳои хизматрасонии ташкилотҳои хурди қарздиҳии «Агроинвестбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ҶДММ ТАКХ «Имон-Интернешнл», ҶСК «Ориёнбонк», намояндагии ҶДММ ТАКХ «Арванд» дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҷойгир гардида, ба пешниҳоди қарзҳои хурд машғул мебошанд. Ҳамасола аз ҷониби ин нуқтаҳои хизматрасонӣ, барои ривоҷи хоҷагии халқи ноҳия, ба миқдори зиёде қарзҳои хурду миёна дастрасӣ аҳолӣ гардонида мешавад.

Аммо фоизи қарзҳои марказҳои мазкур баланд буда аз 18 то 36 фоизро ташкил медиҳад, ки ин барои қарзгирандагон дар шароити имрӯза боиси рушд наёфтани соҳибкорӣ мегардад.

**Барои рушд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна амалӣ намудани пешниҳодҳои зайл мусоидат хоҳад кард:**

- ташкил намудан ва вусъат бахшидан ба фаъолияти Ассосиатсияи соҳибкорону тоҷирони хурду миёна, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқӣ ва моддии онҳо дар назди мақомоти гуногун (МИҲД, нозироти андоз, гумрук ва ғайра),
- бо ҷалби созмонҳои байналмиллалӣ ба бозомӯзӣ фаро гирифтани соҳибкорони хурд;
- муқаррар намудани имтиёзҳо ба намудҳои соҳибкорие (хоса хизматрасонӣ), ки мардум ба он ниёз доранд (дар ҷудо намудани замин, бино, андозбандӣ ва ғайра);
- фароҳам овардани имконияти гирифтани қарзи бонкии дарозмӯҳлат ба соҳибкороне, ки бо истеҳсоли маҳсулот машғуланд.
- муқаррар намудани имтиёз ба соҳибкороне, ки аз хориҷи кишвар техникаю технологияи истеҳсолӣ ворид менамоянд,
- зина ба зина бехтар намудани инфрасохтори иқтисодии ноҳия,
- ташкил намудани намояндагии бонкҳои тиҷоратӣ ва фондҳои қарзҳои хурд дар ноҳия.

**Ҷадвали №12. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори истеъмолӣ барои солҳои 2016-2020 (ҳазор сомонӣ);**

| Нишондиҳандаҳо | с2014 ҳисобот | с2015- баҳоди ҳи | Дурнамо | | | | | 2020 бо % нисбати соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| **Бозори истеъмолӣ** | | | | | | | | |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо | 99262 | 107203 | 115739 | 124077 | 134996 | 146908 | 158918 | 160,0 |
| Ҳаҷми хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 1506 | 1626 | 1756 | 1882 | 2048 | 2229 | 2410 | 160,0 |
| Ҳамаги хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо | 33644 | 36335 | 39229 | 42055 | 45756 | 49793 | 53830 | 160,0 |

**Чадвали №13. Самтҳои асосии дурнамои рушди соҳибкории хурду барои солҳои 2016-2020**

| Нишондиҳандаҳо | с2014 – ҳисобот | с2015- баҳоди ҳи 104 | Дурнамо | | | | | 2020 бо % нисба ти соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 108 | 2017 112, 5 | 2018 116, 8 | 2019 121,7 | 2020 126, 5 | |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 15 нафар | 139 | 145 | 150 | 156 | 162 | 169 | 176 | 126,6 |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 50 нафар | 10 | 10 | 11 | 11 | 12 | 12 | 13 | 130,0 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 15 нафар | 110 | 114 | 119 | 124 | 128 | 134 | 139 | 126,4 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 50 нафар | 10 | 10 | 11 | 11 | 12 | 12 | 13 | 130,0 |
| Шумораи коргарон ( нафар) | 700 | 728 | 756 | 788 | 818 | 851 | 885 | 126,4 |
| Маблағи умумӣ аз фӯруши маҳсулот ва хизматрасонӣ (ҳазор сомонӣ) | 320,0 | 332,8 | 345,6 | 360,0 | 373,7 | 389,4 | 404,8 | 126,5 |
| Шумораи соњибкорони инфиродї (ҳазор нафар) | 2,9 | 2,1 | 3,1 | 3,3 | 3,4 | 3,5 | 3,7 | 127,5 |
| - бо фаъолияти шањодатнома (ҳазор нафар) | 2,5 | 2,6 | 2,7 | 2,8 | 2,9 | 3,0 | 3,1 | 124,0 |
| -бо патент (нафар) | 0,4 | 0,4 | 0,43 | 0,45 | 0,5 | 0,5 | 0,6 | 150,0 |

### 2.1.3 Кишоварзӣ

Кишоварзӣ яке аз соҳаи асосии хоҷагии халқи ноҳия ба шумор рафта, дар ҳаёти иқтисодии ноҳия накши аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Дар ин соҳа қисми зиёди аҳолии қобили меҳнати ноҳия фаъолият менамояд.

Майдони умумии заминҳои корами хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 23255 гектарро ташкил медиҳад, ки дар ин майдонҳо ҳамасола кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида мешавад. Соҳаи асосии кишоварзии ноҳия пахтакорӣ буда, дар баробари ин дигар зироатҳои кишоварзӣ аз қабили полезӣ, сабзавот, зироатҳои равғандор, ғалладонагиҳо ва хӯроки чорво кишту кор карда мешаванд.

Дар ноҳия 12 ассосиатсияҳои истифодабарандагони об ва зиёда аз 4700 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ амал мекунанд, ки дар шакли хоҷагиҳои инфиродӣ, оилавӣ ва ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Иқлими ноҳия ниҳоят континенталӣ буда, зимистонаш сард ва тобистонаш гарм мебошад. Миқдори боришот кам ва барои кишту кор мусоидат менамояд. Беҳтарин мавсими кишт барои ноҳия тирамоҳу баҳор ба ҳисоб меравад.

Обёрии заминҳои ноҳия бо тарзи сунъӣ амали карда мешавад. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия тавассути 17 адад пойгоҳҳои обкашии дорои 73 адад дастгоҳи пуриқтидор ва 7 канали магистралӣ бо оби полезӣ таъмин мегарданд.

Рушди иктисодиёти ноҳия асосан ба соҳаи кишоварзӣ вобастаги дошта ҳаҷми асосии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст.

Ба санаи 1 ноябри соли 2015 масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ дар ноҳия 43189 гектарро ташкил менамояд, ки аз он заминхои корам 23255 га (53,8%), аз ҷумла 21824 га (50,5%) заминҳои корами обӣ, дарахтони бисёрсола 2134 га (4,9%), чарогоҳ 8197 га (18,9 %) –ро дарбар мегирад.

**Ҷадвали №14. Истифодаи коммуникатсионии замин.**

| № б/т | Истифодабарии заминҳо | Масоҳат, га |
|---|---|---|
| | Шумораи заминистифодабарандагон (нафар) | 33868 |
| 1 | **Майдони умумии заминҳо** | 43189 |
| 1.1 | Аз ҷумла: замини обӣ | 27398 |
| 2 | **Замини корам** | 23255 |
| 2.1 | аз ин замини обӣ | 21824 |
| 3 | Дарахтҳои бисёрсола | 2134 |
| 3.1 | аз ин: обӣ | 2128 |
| 6 | Чарогоҳ | 8197 |
| | **Ҳамагӣ заминҳои кишоварзӣ:** | **33586** |
| 1 | Заминҳои наздиҳавлигӣ | 2963 |
| | аз онҳо: заминҳои обӣ | 1735 |
| 2 | Заминҳои хоҷагӣ ё шахсӣ (ҳамааш обӣ) | 1411 |
| 2.1 | аз ҷумла обӣ | 1311 |
| 3. | Ҷангалу бешазор | 403 |
| 4. | Бутазор | 45 |
| 5. | Ботлоққо | 0 |
| 6. | Заминҳои зери об | 1722 |
| 7. | Роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар | 664 |
| 8. | Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо | 969 |
| 9. | Дигар заминҳо | 1426 |

Дар сектори кишоварзии ноҳия ҳамаи намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ истеҳсол карда мешаванд. Дар соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбати соли 2013 ба андозаи 109,4 фоиз афзоиш ёфта, ба ҳар сар аҳолӣ ғалладонагиҳо 71 кг, сабзавот 123 кг, шир 166 кг, гӯшт 25,5 кг ва тухм 105 донаро ташкил дод.

**Растанипарварӣ.** Дар соли 2014 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 294348,0 ҳазор сомониро ташкил дод,

ки дар қиёс ба соли 2013 ба андозаи 115,6 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2014 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 73 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра 22931 тонна пахта, 7956 тонна ғалладона, 13642 тонна сабзавот, 596 тонна мева ва 231 тонна ангур истеҳсол карда шуд.

**Ҷадвали №15. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ дар солҳои 2010-2014;**

| № | нишондиҳандаҳо | воҳиди ченак | солҳо | | | | | 2014 бо % нисбати 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 22 | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ | ҳазор сомонӣ | 250209 | 269119 | 338156 | 346396 | 407406 | 162,8 |
| | аз ҷумла: растанипарварӣ | ҳазор сомонӣ | 178164 | 195877 | 247504 | 254512 | 294348 | 165,2 |
| | чорводорӣ | ҳазор сомонӣ | 72045 | 73242 | 90652 | 91884 | 113058 | 156,9 |
| 1 | Ғалладонагӣ | тонна | 6617 | 4743 | 5685 | 6378 | 7956 | 120,2 |
| 2 | Пахта | тонна | 21448 | 28596 | 25400 | 25121 | 22931 | 106,9 |
| 3 | Сабзавот | тонна | 11902 | 11745 | 11784 | 12772 | 13642 | 114,6 |
| 4 | Картошка | тонна | 1529 | 1970 | 2162 | 2090 | 1706 | 111,6 |
| 5 | Меваҷот | тонна | 510 | 502 | 560 | 565 | 596 | 116,9 |
| 6 | Ангурпарварӣ | тонна | 30 | 182 | 221 | 225 | 231 | 770,0 |
| 7 | Хӯроки чорво | тонна | 29877 | 26781 | 33550 | 35324 | 47312 | 158,4 |
| 8 | Полезӣ | тонна | 25204 | 18779 | 27910 | 29438 | 32276 | 128,0 |
| 9 | Гӯшт | тонна | 2241 | 2300 | 2514 | 2559 | 2824 | 126,0 |
| 10 | Шир | тонна | 16508 | 14443 | 17768 | 17893 | 18144 | 109,9 |
| 11 | Тухм | тонна | 7589 | 6617 | 9231 | 9753 | 11570 | 152,4 |
| 12 | Асал | тонна | 14 | 14 | 15 | 15 | 15 | 107,1 |
| 13 | Пилла | тонна | 6 | 11 | 3 | 7 | 5,4 | 90,0 |
| 14 | Пашм | тонна | 48 | 51 | 54 | 58 | 62 | 129,2 |
| 15 | Моҳӣ | тонна | 0 | 0 | 0 | 2 | 3 | 0 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар тӯли солҳои 2010-2014 бо нархҳои муқоисавӣ 162,8 фоиз афзудааст. Ҳамчунин истеҳсоли пахта 106,9 фоиз, сабзавот 114,6 фоиз, меваҷот 116,9 фоиз, ангурпарварӣ 7,7 баробар, хӯроки чорво 1,6 баробар, полезӣ 128 фоиз нисбати соли 2010 зиёд шудааст.

**Пахтакорӣ.** Соҳаи пахтакорӣ соҳаи асосии кишоварзии ноҳия ба хисоб меравад. Рушди соҳаи саноати ноҳия маҳз ба ин соҳа вобаста мебошад.

**Ҷадвали №16. Нишондиҳандаҳои соҳаи пахтакорӣ;**

| Солҳо | Майдон(га) | Ҳосилнокӣ, с/га | Истеҳсол, тонна |
|---|---|---|---|
| 2005 | 16000 | 19,6 | 31403 |
| 2006 | 15496 | 20,6 | 31933 |
| 2007 | 15014 | 19,1 | 28722 |
| 2008 | 12380 | 16,8 | 20856 |
| 2009 | 9793 | 19,7 | 19315 |
| 2010 | 10002 | 21,9 | 21448 |
| 2011 | 12894 | 23,3 | 29869 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2012 | 11244 | 22,6 | 25400 |
| 2013 | 10021 | 25,1 | 25121 |
| 2014 | 10918 | 21,0 | 22931 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир соҳаи пахтакорӣ рӯ ба пастрави ниҳодааст. Ин ҳолат ислоҳоти соҳаро, яъне зиёд кардани майдони кишти пахта ва аз ҳар як гектар баланд бардоштани ҳосилнокии пахтаро тақозо менамояд.

Аммо солҳои охир аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ аз ҷумла, сабзавот, картошка, ғалладонагиҳо ва полезиҳо маҷмӯи маҳсулоти соҳа то ба маротиб афзоиш ёфтааст.

**Таъминот бо техникаи кишоварзӣ.** Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ, ин ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳо бо техникаи кишоварзӣ мебошад. Аз соли 1992 инҷониб ба хоҷагиҳои кишоварзӣ, техникаи кишоварзии нав хеле кам ворид шудааст ва он пешрафти соҳаро таъмин карда наметавонад.

**Ҷадвали №17. Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ.**

| № | Номгӯи техникаҳо | Воҳиди ченак | Ҳамагӣ | Коршоям | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Тракторҳо | адад | 674 | 561 | 83 |
| 2. | Комбайни ғалладарав | адад | 5 | - | - |
| 3. | Ядакҳои тракторӣ | адад | 327 | 297 | 91 |
| 4. | Испорҳои тракторӣ | адад | 167 | 132 | 79 |
| 5. | Тухмипошакҳои тракторӣ | адад | 186 | 170 | 91 |
| 6. | Тухмипошакҳои пахта | адад | 181 | 165 | 91 |
| 7. | Култиваторҳо | адад | 270 | 240 | 89 |

Аз 674 адад тракторҳои мавҷудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ 561 адад ба кор омода буда, 98 ададашон корношоям мебошанд. Дар баробари ин, норасогии қисмҳои эњтиёті, сўзиишворӣ, равғанҳои молиданї ва гаронии нархи онҳо ба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзї бевосита мусоидат мекунад. Аз сабаби хело фарсуда будан ва корношоям гардидани техникаҳои мавҷуда, дар аксарияти хоҷагиҳои ноҳия корҳои агротехникӣ дар муҳлатҳои оптималӣ гузаронида намешаванд.

Баҳри рушди соҳаи лизингӣ техникаи кишоварзӣ, дар ноҳия хуб ба роҳ монда шуда, дар давоми 3 соли охир тавассути лизинг ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 67 адад тракторҳои нав ворид гардид.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо, яке аз бахши асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 27 фоизро ташкил менамояд. Дар соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзӣ дар якҷояги бо аҳолии ноҳия, ба андозаи 113058 ҳазор сомонӣ маҳсулоти чорводорӣ истеҳсол намудаанд, ки нисбати соли 2013 1,6 фоиз зиёд мебошад.

Дар ноҳия дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ, зиёда аз 44800 саршумори моли калони шохдор, 93429 сар моли майда, 459 сар асп ва 144179 сар мурғ мавҷуд аст, вале афзоиши саршумор ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ нисбати талабот дар сатҳи паст қарор дорад.

**Ҷадвали №18. Саршумори умумии чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар).**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2014/ 2010%** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Чорвои калон | 35913 | 36419 | 41782 | 43124 | 44863 | 124,9 |
| 2. Бузу гӯсфанд | 71258 | 73568 | 90178 | 91714 | 93429 | 131,1 |
| 3. Мурғ | 95758 | 117349 | 119778 | 131298 | 144179 | 150,6 |
| 4. Асп | 505 | 456 | 456 | 456 | 459 | 90,9 |

Аз ҷадвал бармеояд, ки сол аз сол зиёдшавии саршумори чорвои калон ва парранда хеле назаррас буда, соли 2014 нисбат ба соли 2010 суръати афзоиши чорвои калон 124,9 %, бузу гӯсфанд 131,1 % ва мурғ 150,6 %-ро ташкил дод. Дар баробари ин саршумори асп 9,1 фоиз кам гардидааст.

Аз рӯи натиҷаи таҳлилҳо маълум гардид, ки аз нисф зиёди хоҷагиҳои хонагӣ ба сифати сарчашмаи даромад, фурӯши ҳайвони калони шохдор ва фурӯши бузу гӯсфандро нишон додаанд.

Бинобар ин, барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва бо мақсади иҷро намудани «Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво», тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007 таҳти №501 «Дар бораи барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво» дар ноҳия қарори дахлдор қабул карда шудааст.

Дар шароити ҳозираи соҳаи кишоварзӣ, ривоҷ додани асппарварӣ барои мардуми маҳал яке аз соҳаҳои зарурӣ ба шумор меравад. Бо ин мақсад дар доираи иҷроиши «Барномаи рушди соҳаи асппарварӣ барои солҳои 2009-2016» дар як катор хоҷагиҳо парвариши асп ба роҳ монда шудааст. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, ба санаи 1 январи соли 2014 ҳамагӣ дар ноҳия 459 сар асп парвариш карда мешавад.

Дар сектори чамъиятӣ гарчанде саршумори чорво афзоиш ёфта бошад ҳам аммо маҳсулнокии он мувофиқи матлаб нест. Зеро, ки гарифтани гӯсола аз сад сар модагов ва ширҷӯшӣ аз 1 сар модагов то ба маротиб паст рафта истодааст ва ин соҳа сол аз сол зиёновар буда, зиёни он 20-30 фоизро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати ривоҷ додани соҳаи чорводорӣ, пеш аз ҳама бояд зотҳои чорвои калони шохдорро бо зотҳои сиёҳ-ало пурра иваз намуд. Дар натиҷаи иваз намудани зотҳо ба ҳисоби миёна аз ҳар як модагов дар як сол 3500-3600 литр шир ҷӯшида ва як сар насл гирифта мешавад.

**Моҳипарварӣ** барои ноҳия яке аз соҳаҳои нав ва муфид ба ҳисоб меравад. Бо мақсади рушди соҳа тибқи қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 № 306 ва қарори Раиси вилояти Суғд № 29 аз 30 январи соли 2009 дар бораи нақша чорабиниҳо оид ба тадбиқи «Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ барои солҳои 2009-2015» қарори Раиси ноҳияи Мастчоҳ аз 20 майи соли 2009 таҳти № 391 интишор гардида, нақша-чорабиниҳои мушаххас оид ба тадбиқи барномаи мазкур таъсис додашудааст, ки мувофиқи он барои рушди соҳа ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо ин мақсад дар базаи хоҷагии деҳқонии «Моҳипарвар» 2 гектар, дар хоҷагии деҳқонии «Ғаффориён» 0,5 гектар хавзи моҳидорӣ бунёд ва ба истифода дода шуд. Дар ин давра аз ҳисоби ин ду хоҷагии деҳқонӣ ба андозаи 3 тонна моҳӣ истеҳсол ва ба фурӯш бароварда шудааст.

**Занбуриасалпарварӣ.** Солҳои охир дар ноҳия занбӯриасалпарварӣ низ, ривоҷ ёфта, ассотсиатсияи занбӯрпарварон ташкил карда шудаст. Дар хоҷагиҳои ноҳия баҳри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №338 «Дар бораи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи замбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Раиси вилояти Суғд аз 14 марти соли 2006 таҳти №72, корҳои муайяне ба сомон расонида шудааст. Дар натиҷа, соли 2014 миқдори занбӯри асал дар ноҳия ба 950 оила расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 2010 32 оила зиёд мебошад. Дар соли 2014 15 тонна асал истеҳсол карда шуд, ки ин ба ҳар як оилаи занбурӣ асал 15,8 кг рост меояд. Ҷиҳати васеъ намудани соҳаи занбурпарварӣ, шароит мусоид мебошад. Зеро аз ҳисоби гули пахта, юнучқа ва дигар зироатҳо заминаи кифоякунандаи хӯрокворӣ ва маводи ғизоӣ мавҷуд аст. Вобаста ба ин имконияти боз ҳам зиёд намудани оилаи занбӯр мавҷуд аст. Ҷиҳати ривоҷ додани ин соҳа базаи моддӣ-техникиро тавассути ассосиатсияи занбӯрпарварон ҷоннок намудан лозим аст. Зеро ҳавасмандгардонии занбӯрпарварон аз тарафи ассосиатсияи занбӯрпарварон бо сабаби

набудани маблағ, ба роҳ монда нашудааст. Инчунин барои парвариши ин миқдор оилаҳои занбӯри асал, дар фасли зимистон барои нигоҳубини он маводҳои хӯрокворӣ, барои пешгирии бемориҳо ва ҳашаротҳои зараррасон дорувориҳо ва маблағҳои зарурӣ лозим мебошад. Барои гирифтани қарз аз бонкҳо ба соҳаи мазкур имтиёзҳо мавҷуд бошанд ҳам, лекин мӯҳлати қарздиҳӣ кам буда, фоизи қарзҳо низ баланд мебошад.

**Ҳадафҳои асоси дар соҳаи чорводорӣ;**

- паст намудани зиёни истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва афзоиш додани даромаднокии он;
- зиёд намудани саршумори чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ;
- зиёд намудани махсулнокии соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи маҳсулоти хӯроки чорво;
- рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ;
- рушди соҳаи моҳипарварӣ;
- ташкили фермаҳои хурд барои нигоҳдории чорвои хурду калон;
- бунёди корхонаҳои хурд оиди коркарди пашму пӯст;

Амали намудани тадбирҳои зикргардида оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш ёфта, амнияти озуқаворӣ таъмин карда шавад ва иқтидори содиротии соҳаи мазкур афзун гардад.

**Ҷадвали №19. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди кишоварзӣ. Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ.**

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 | с.2016 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | с.2020 нисбат ба с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Зироаткорӣ; | | | | | | | |
| Замини шудгор, ҳ.га | 26,812 | 26,975 | 26,988 | 26,990 | 26,990 | 26,990 | 101 |
| аз ҷумла обӣ | 24,4 | 24,46 | 24,49 | 24,49 | 24,878 | 24,878 | 102 |
| Майдони умумии кишт | 21,65 | 22,23 | 22,51 | 22,80 | 24,536 | 24,550 | 113 |
| Ғалладона | 2,89 | 2,94 | 2,96 | 3,00 | 3,029 | 3,07 | 106 |
| аз ҷумла гандум | 1,12 | 1,15 | 1,16 | 1,17 | 1,317 | 1,370 | 122 |
| Пахта | 11 | 11,18 | 11,24 | 11,33 | 11,305 | 11,355 | 104 |
| Зироатҳои техникии рағандор | 4,89 | 4,44 | 4,16 | 3,87 | 1,215 | 1,237 | 25,0 |
| Картошка | 0,06 | 0,12 | 0,12 | 0,12 | 0,202 | 0,210 | 350 |
| Сабзавот | 0,37 | 0,41 | 0,43 | 0,44 | 0,45 | 0,46 | 124 |
| Полезии хӯрока | 1,48 | 1,54 | 1,58 | 1,61 | 1,99 | 2,07 | 140 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | 5,91 | 6,04 | 6,19 | 6,31 | 6,42 | 6,39 | 108 |
| Майдони боғҳои мевадиҳанда | 0,17 | 0,18 | 0,18 | 0,18 | 0,168 | 0,168 | 99 |
| Майдони ангур | 0,123 | 0,126 | 0,128 | 0,13 | 0,152 | 0,197 | 161 |
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, с/га | | | | | | | |
| Ғалладона | 27,3 | 28,0 | 29 | 29 | 30 | 31 | 115 |
| аз ҷумла гандум | 21 | 22 | 23 | 23 | 23 | 24 | 114 |
| Пахта | 21,0 | 24 | 25 | 25,1 | 25,3 | 25,3 | 121 |
| Картошка | 267 | 159,5 | 166,2 | 167,4 | 269,0 | 270,0 | 101 |

### Ҷадвали №20. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди кишоварзӣ; Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 | с.2016 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | с.2020 нисбат ба с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Зироаткорӣ; | | | | | | | |
| Замини шудгор, ҳ.га | 22,85 | 22,86 | 22,86 | 22,86 | 23,25 | 23,25 | 101,8 |
| аз ҷумла обӣ | 21,43 | 21,43 | 21,43 | 21,43 | 21,82 | 21,82 | 101,8 |
| Майдони умумии кишт | 19,3 | 19,87 | 20,1 | 20,36 | 22,13 | 22,13 | 114,7 |
| Заминҳои умумии кишт бо тақсимоти зироатҳо, ҳ.га | | | | | | | |
| Ғалладона, га | 1,88 | 1,913 | 1,923 | 1,946 | 1,95 | 1,98 | 105,3 |
| аз ҷумла гандум, га | 1,02 | 1,044 | 1,049 | 1,057 | 1,100 | 1,150 | 112,7 |
| Пахта, га | 10,86 | 11,12 | 11,17 | 11,26 | 11,30 | 11,35 | 104,5 |
| Картошка, га | 0,01 | 0,006 | 0,006 | 0,006 | 0,010 | 0,012 | 120,0 |
| Сабзавот, га | 0,08 | 0,084 | 0,085 | 0,086 | 0,090 | 0,095 | 118,8 |
| Полезии хӯрока, га | 1,36 | 1,40 | 1,43 | 1,46 | 1,75 | 1,82 | 133,8 |
| Зироатҳои хӯроки чорво, га | 5,12 | 5,34 | 5,47 | 5,59 | 5,93 | 5,93 | 115,8 |
| Майдони боғҳои мевадиҳанда, га | 0,11 | 0,113 | 0,113 | 0,113 | 0,135 | 0,135 | 122,7 |
| Майдони ангур, га | 0,004 | 0,004 | 0,004 | 0,004 | 0,005 | 0,005 | 112,5 |
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ; | | | | | | | |
| Ғалладона, с/га | 20,3 | 20,5 | 20,6 | 20,7 | 21,5 | 23,0 | 113,3 |
| аз ҷумла гандум, с/га | 21,2 | 21,5 | 21,6 | 21,7 | 22,5 | 23,3 | 109,9 |
| Пахта, с/га | 21,0 | 24,0 | 25,0 | 25,2 | 25,2 | 25,2 | 120,0 |
| Картошка, с/га | 142,6 | 141,1 | 165,0 | 171,0 | 185,0 | 188,0 | 131,8 |
| Сабзавот, с/га | 195,6 | 269,2 | 269,8 | 269,5 | 270,0 | 270,0 | 138,0 |
| Полезии хӯроквории, с/га | 202,9 | 206,0 | 207,5 | 208,0 | 209,0 | 210,0 | 103,5 |
| Мевагӣ, с/га | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 2,8 | 3,0 | 111,1 |
| Истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣдар шакли аслӣ | | | | | | | |
| Ғалладона, тонна | 3,86 | 3,92 | 3,96 | 4,03 | 4,19 | 4,55 | 117,98 |
| аз ҷумла гандум, тонна | 2,16 | 2,24 | 2,26 | 2,29 | 2,48 | 2,68 | 124,05 |

### Ҷадвали №21. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди кишоварзӣ. Хоҷагиҳои ҷамоавӣ;

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 | с.2016 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | с.2020 нисбат ба с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Зироаткорӣ; | | | | | | | |
| Замини шудгор, ҳ.га | 0,389 | 0,389 | 0,389 | 0,389 | 0,389 | 0,389 | 100,0 |
| аз ҷумла обӣ | 0,388 | 0,388 | 0,388 | 0,388 | 0,388 | 0,388 | 100,0 |
| Майдони умумии кишт | 0,146 | 0,15 | 0,152 | 0,154 | 0,156 | 0,160 | 109,6 |
| Заминҳои умуии кишт бо тақсимоти зироатҳо, ҳ.га | | | | | | | |
| Ғалладона, га | 0,024 | 0,024 | 0,025 | 0,028 | 0,029 | 0,030 | 125,0 |
| Пахта, га | 0,063 | 0,065 | 0,065 | 0,065 | 0,067 | 0,070 | 111,1 |
| Полезии хӯрока, га | 0,005 | 0,005 | 0,005 | 0,005 | 0,005 | 0,005 | 100,0 |
| Зироатҳои хӯроки чорво, га | 0,054 | 0,056 | 0,057 | 0,056 | 0,055 | 0,055 | 101,9 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ; | | | | | | | |
| Ғалладона, с/га | 44,6 | 45,0 | 45,4 | 46,0 | 46,5 | 60,0 | 134,5 |
| Полезии хӯрокворӣ, с/га | 193,7 | 184,3 | 183,3 | 184,0 | 190,0 | 195,0 | 100,7 |
| Пахта, с/га | 15,2 | 15,1 | 15,1 | 15,0 | 20,0 | 22,0 | 110,0 |
| Истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣ дар шакли аслӣ; | | | | | | | |
| Ғалладона, тонна | 0,107 | 0,11 | 0,111 | 0,113 | 0,135 | 0,180 | 168,2 |
| Пахта, тонна | 0,095 | 0,097 | 0,098 | 0,099 | 0,130 | 0,150 | 162,1 |
| Полезии хӯрокворӣ, тонна | 0,092 | 0,096 | 0,097 | 0,099 | 0,095 | 0,098 | 106,0 |
| Маҳсулнокии саршумори чорво ва парранда, ҳазор сар; | | | | | | | |
| Чорвои калони шохдор, сар | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,012 | 0,014 | 140,0 |
| аз ҷумла модагов, сар | 0,002 | 0,002 | 0,002 | 0,002 | 0,002 | 0,003 | 150,0 |
| Парранда, сар | 90,235 | 92,137 | 93,151 | 94,548 | 95,1 | 95,3 | 105,6 |
| Истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ дар шакли аслӣ; | | | | | | | |
| Гӯшти чорво ва парранда бо вазни зинда, тонна | 0,06 | 0,062 | 0,062 | 0,063 | 0,063 | 0,065 | 108,3 |
| Шир, тонна | 0,002 | 0,002 | 0,002 | 0,002 | 0,003 | 0,003 | 150,0 |
| Тухм, млн. дона | 90,717 | 84,1 | 85,7 | 86,55 | 90,21 | 92,35 | 101,8 |
| | | | | | | | |

**Ҷадвали №22. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди кишоварзӣ. Хоҷагиҳои аҳолӣ;**

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 | с.2016 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | с.2020 нисбат ба с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Зироаткорӣ; | | | | | | | |
| Замини шудгор, ҳ.га | 3,3 | 3,42 | 34,42 | 3,42 | 3,42 | 3,42 | 103,6 |
| аз ҷумла обӣ | 2,59 | 2,67 | 2,67 | 2,67 | 2,67 | 2,67 | 103,1 |
| Майдони умумии кишт, га | 2,2 | 2,21 | 2,26 | 2,29 | 2,26 | 2,26 | 102,7 |
| Заминҳои умуии кишт бо тақсимоти зироатҳо; | | | | | | | |
| Ғалладона, га | 0,988 | 1,0 | 1,02 | 1,03 | 1,05 | 1,06 | 107,4 |
| аз ҷумла гандум, га | 0,095 | 0,10 | 0,10 | 0,10 | 0,15 | 0,15 | 157,9 |
| Пахта, га | | | | | | | |
| Зироатҳои техникӣ, га | 1,1 | 1,21 | 1,16 | 1,,13 | 1,15 | 1,17 | 106,4 |
| Картошка, га | 0,058 | 0,109 | 0,111 | 0,112 | 0,112 | 0,115 | 108,3 |
| Сабзавот, га | 0,29 | 0,325 | 0,342 | 0,356 | 0,36 | 0,365 | 125,9 |
| Полезии хӯрока, га | 0,123 | 0,135 | 0,140 | 0,141 | 0,145 | 0,150 | 122,0 |
| Зироатҳои хӯроки чорво, га | 0,743 | 0,640 | 0,650 | 0,656 | 0,433 | 0,400 | 53,8 |
| Майдони боғҳои мевадиҳанда, га | 0,029 | 0,032 | 0,033 | 0,033 | 0,033 | 0,033 | 113,8 |
| Майдони ангур, га | 0,015 | 0,016 | 0,017 | 0,017 | 0,017 | 0,017 | 113,3 |
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ; | | | | | | | |
| Ғалладона, с/га | 40,4 | 42,9 | 42,0 | 44,5 | 45,0 | 46,0 | 113,9 |
| аз ҷумла гандум | 25,3 | 26,4 | 35,0 | 35,3 | 38,0 | 40,0 | 158,1 |
| Картошка, с/га | 279,1 | 160,6 | 167,7 | 168,9 | 180,0 | 190,0 | 68,1 |

**Низоми обёрӣ -** ноҳияи Мастчоҳ дар миқёси вилоят, яке аз ноҳияҳои калони бо тариқи мошинӣ обёришаванда мебошад. Дар ноҳия заминҳои обёришаванда бо воситаи пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ мешаванд. Обёрии онҳо ва таъминот бо оби полезӣ тавассути 17 пойгохои обкашии пуриқтидор, ки дар як вақт 47 метри мукааб обро ба баландии 70 метр мекашанд ва бо воситаи 11 канали магистралии обёрӣ, ки 44-23км тул кашидаанд, ба роҳ монда шудааст.

Давоми солҳои охир, шароити кории пойгоҳҳои обкашии ноҳия суст шуда истодааст.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005 №236, «Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷа оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2019» ва қарори Раиси вилояти Суғд №71 аз 14 июни соли 2006, ҳамасола аз ҳисоби маблағҳои давлати, барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда маблағҳо ҷудо мешаванд, аммо ҳаҷми маблағҳо нокифоя аст.

Ҳолати иқтисодӣ ва молиявии идораи давлатии хоҷагии оби ноҳия вазнин буда, аз 66 адад чоҳҳои амудии мелиоративӣ, 15-тоаш коршоям мебошад ва боқимонда 20-адад чоҳҳои амудӣ, аз сабаби нарасидани таҷҳизотҳои зарурӣ кор намекунанд. Барои таъмири 1 адад чоҳи амудӣ, ба ҳисоби миёна тақрибан 10 ҳазор доллари америкоӣ маблағ лозим мебошад.

Дар ҳолати ба кор даровардани як адад чоҳи амудӣ, зиёда аз 20 гектар заминҳои кишоварзӣ бо оби полезӣ таъмин мешавад ва наздик 20 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешавад. Дар ин раванд, даромади хоҷагиҳои кишоварзӣ зиёд гардида, ба ҳисоби миёна дар як сол, аз ҳисоби як ҳосил, ғайр аз хароҷотҳо, қариб 6 ҳазор доллари ИМА фоидаи соф ба даст меоранд. Ҳамин тавр, таъмир намудани чоҳҳои амудӣ имкон медиҳад, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва беҳтар намудани шароити зисти хоҷагидорон шароит фароҳам мегардад.

Масъалаи дигари ҳалталаби системаи обёрӣ, таъмир ва барқарор намудани иншоотҳои обченкунии каналҳои ИДБЗО Мастчоҳ мебошад.

Дар баробари он 6-адад дастгоҳҳои обкашӣ, 297-адад иншоотҳои обгирӣ, 22-адад обченкунакҳо ба таъмиру тармим ниёз доранд.

Тайи 2-соли охир, танҳо аз ҳисоби буҷетҳои вилоят ва ноҳия 354 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардида, 70,5 ҳазор метри мукааб заҳбурҳо тоза карда шудаанд.

Канали магистралии ВДК, ки 43,6 км дарозӣ ва зиёда аз 60 гӯшаҳои обтақсимкунӣ дорад, ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта сохта шудааст. Канал барои обёрии зиёда аз 31,2 ҳазор гектар заминҳо пешбинӣ карда шудааст ва айни ҳол дар ҳолати ногувор қарор дошта, таъмирталаб мебошад.

Барои таъмири канали мазкур, аз рӯи ҳисоби пешакии мутахассисон зиёда аз 900 ҳазор сомонӣ зарар мебошад, аммо бо сабаби маҳдуд будани имкониятҳои молиявии ноҳия, ҷудо намудани маблағ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, дар шароити имрӯза имконнопазир аст.

Дар ҳолати таъмири канали ВДК мувофиқи маълумотҳо 30 млн м3 оби полезӣ сарфа карда шуда, бо пойгоҳои обкашӣ об пурра таъмин карда мешавад. Дар натиҷа бештар аз 1500 нафар бекорон соҳиби ҷойи кор гардида, зиёда аз 8,0 ҳазор тонна ғаладонагиҳо ё дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ рӯёнида мешаванд. Аз ин ҳисоб ба буҷети ноҳия андоз ворид шуда, шароити зисти аҳолии ноҳия беҳтар мешавад.

Гӯшаҳои обтақсимкунӣ ва иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагиҳо, ки 200 км-ро ташкил медиҳад таъмирталаб гардидаанд.

Канали магистралии ДМ-2, ки аксари хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия тавассути он обёрӣ карда мешаванд, алҳол дар ҳолати ногувор қарор дошта, ба таъмир ниёз дорад.

Барои таъмири канали мазкур, аз рӯи ҳисоби мутахассисони соҳа зиёда аз 1 млн 300 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад, ки барои таъмири он аз ҳисоби хизматрасонӣ ё буҷет имконнопазир мебошад.

Дар ҳолати таъмири канали ДМ-2, мувофиқи маълумотҳои мавҷуда наздик 10 млн.м3 оби полезӣ сарфа карда шуда, 2225 гектар замин бо оби полезӣ пурра таъмин карда мешавад ва шумораи зиёди бекорон соҳиби ҷойи кор шуда истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣ зиёд карда мешавад.

Аз ин ҳисоб маблағгузори ба буҷети ноҳия афзун гардида, ин омил барои беҳдошти шароити иқтисодии сокинони ноҳия мусоидат менамояд.

Баъди таҷдиди хоҷагиҳои калони кишоварзӣ (колхозу совхозҳо), иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагиҳо бесоҳиб монда, қубуру гидрантҳо тамоман аз кор баромаданд. Дар натиҷа, ҳангоми тақсимоти оби полезӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, тақсимоти об нодуруст мешавад ва хоҷагиҳое, ки дар поёноб ҷойгир шуданд аз сабаби нарасидани оби полезӣ зарари калон мебинанд. Айни ҳол, тақсимоти оби полезии дохили хоҷагиҳо ба зиммаи Ассосиатсияи истифодабарандагони об (АИО) гузошта шудааст, ки аз сабаби надоштани маблағ ва техникаҳои лозимӣ иншоотҳои гидротехникиро таъмир карда наметавонанд ва ҳангоми тақсимоти об, миқдори зиёди оби полезӣ талаф меёбад.

Барои таъмири иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагӣ, маблағҳои калон заруранд, аммо дар шароити имрӯза ин ассосиатсияҳо наметавонанд бо қувваи худ аз ҳисоби ҷамъоварии ҳаққи хизмати обрасонӣ, иншооҳоро таъмир кунанд.

Дар ҳолати таъмири иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагӣ, тақсимоти одилонаи об ба роҳ монда шуда, вазъи молиявии хоҷагиҳои поёноб беҳтар мешавад ва талафоти оби полезӣ кам мегардад.

Дар ҳолати номӯътадил кор кардани пойгоҳҳои обкашӣ, ҳамаи танзимгарон бо ҳамроҳи сардорони каналҳо, оби дар каналҳо бударо мувофиқи гӯшаҳо кам ё зиёд мекарданд.

Ҳоло идораҳои хоҷагии об аз ӯҳдаи барқарор кардани ин системаи идоракунии тақсимоти об намебароянд, чунки барои барқароркунии ин система маблағҳои зиёд лозиманд.

Агар ин системаи идоракунӣ барқарор карда шавад, оби дар каналҳо буда, мунтазам ҷорӣ мегардад, хоҷагиҳои дар охири каналҳо буда, бо оби полезӣ таъмин шуда, талафоти об дар каналҳо кам мешавад ва шароити молиявӣ ва шароити зисти аҳолии ноҳия беҳтар мегардад.

Пойгоҳҳои обкашии дар мувозинаи идораи давлатии хоҷагии оби ноҳия буда, пойгоҳи обкашии «ДНС-1,2» бо 12 агрегат, пойгоҳи обкашии «2,2а» бо 11 агрегат, пойгоҳи обкашии «ДНС-3» бо 4 агрегат, пойгоҳи обкашии «Янток» бо 11 агрегат, мебошад, ки дар аввали солҳои 60-уми асри гузашта сохта ба истифода дода шудаанд. Мӯҳлати истифодабарии онҳо кайҳо гузашта, айни ҳол онҳо дар ҳолати фарсудагӣ қарор доранд. Барои бо пуррагӣ таъмир намудани онҳо маблағҳои махсусан зиёд лозим аст.

Дар натиҷаи пурра таъмир намудани пойгоҳҳои обкашӣ, ҳамаи агрегатҳои пойгоҳи обкашӣ бо иқтидори пурраашон ба кор даромада, заминҳои кишоварзӣ бо оби полезӣ пурра таъмин шуда, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ баланд гардида, даромади молиявӣ ва шароити зисти хоҷагидорон беҳтар мешавад.

Вазъи мелиоративии беш аз 3 ҳазор гектар заминҳои ноҳия дар ҳолати паст қарор доранд. Барои барқароркунии ҳолати мелиоративии онҳо 163,9 км заҳбуру заҳкашҳои дохили хоҷагӣ ва байни хоҷагиро тозаву барқарор кардан зарур дониста мешавад. Бо ин мақсад мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ 830 ҳазор сомонӣ маблағ зарур дониста мешавад.

Корҳои дар боло зикр шуда, асосан дар ҳудуди ассосиатсияҳои истифодабарандагони оби ба номи Ҳ.Амиров, «Зарафшон», «Сомониён», «Мироб-2014», ба номи М.Азизов, ба номи Фирдавсӣ, «Дӯстӣ», «Мастчох», «Сипарои Палдорак», «Дашти Дилварзин», «Айрихуҷабобо», ба номи А.Маликова, «Фотехобод» ва «Обрасон» дида мешавад.

Барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративи замин аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ, буҷаи мутамарказ, ҳаққи хизматрасонии об, маблағҳо ҷудо мешаванд вале ин маблағҳо нокифоя мебошанд.

Агар ҳолати мелиоративии 1000 га замин беҳтар карда шавад, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд гардида, зиёда аз 1500 нафар шаҳрванд бо ҷойи кори доимӣ таъмин мешаванд, шароити зиндагониашон беҳтар мегардад ва аз ин ҳисоб ба буҷети ноҳия маблағҳои зарурӣ ба намуди андоз ворид гардида, бозори дохилӣ ва беруна аз маҳсулотҳои кишоварзӣ фаровон мешавад.

Бо дарназардошти танқисии таъминоти об ва таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ, бо мақсади истифодаи оқилонаи об ва баҳри пешгирӣ ва рӯй надодани нофаҳмиву муноқиша байни хоҷагиҳои сершумори деҳқонӣ, дар вақти таъминот бо оби полезӣ, зарурияти таъсиси ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ба миён омада буд. Аз солҳои 2014-2015 сар карда, дар ноҳия 14 адад ассотсиатсияи истифодабарандагони об таъсис дода шудааст, ки зиёда аз 4600 хоҷагиҳои деҳқонию кооперативҳои истеҳсолиро муттаҳид намуда, айни замон фаъолият карда истодаанд.

Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия дорои 17 пойгоҳи бузурги обкашӣ аст. Миқдори дастгоҳҳои обкашии он 66 адад буда, аз он 19 тояш дастгоҳҳои азими обкашианд, ки дар як сония 17,5 метри мукааб об мекашанд. Оби баровардашуда бо воситаи каналҳои ВДК ва ДМ-2, ки иқтидори онҳо мутаносибан 2,5 ва 9,5 м3/с мебошад, ба муштариён расонда мешаванд. Майдони умумии заминҳои обёришаванда бештар аз 16,5 ҳазор га мебошанд.

Барои ҳалли масъалаи дарёфти маблағҳо баҳри таъмиру барқарорсозии иншоотҳои афзалиятноки соҳаи обёрии ноҳия зарур ҳаст, ки ҳамаи он чорабиниҳое, ки дар «Барномаи тараққиёти иҷтимоӣ иқтисодии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2008-2015», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2008 таҳти №399 қабул гардида буд, ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқии соҳаи обёрӣ ва сармоягузорӣ фаъолиятдошта, дигар сармоягузорони пуриқтидор ҳамкорӣ намуда, лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳия намудан мувофиқи мақсад дониста мешавад.

**Ҷадвали №23. Истеҳсол ва таъмини оби полезӣ дар ИДБЗО чунин аст:**

| Солҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Оби кашида, млн. м3 | 265,1 | 264,2 | 263,2 | 261,4 | 259,7 |

Чи хеле, ки мебинем аз сабаби сол то сол фарсуда шудани пойгоҳҳо, кашидани ҳаҷми зарурии оби полезӣ торафт кам шуда истодааст ва барои ҳалли ин масъала андешидани чораҳои зарурӣ оид ба дарёфти воситаҳои иловагии молиявӣ зарур мебошад.

Барои ин, нахуст заминаи моддию техникии пойгоҳҳои обкаширо мустаҳкам кардан зарур аст. Зина ба зина иваз намудани қисмҳои фарсудаю корношоями муҳаррикҳою дастгоҳҳои обкашӣ, қубурҳои баландфишор ва таҷҳизоти барқии пойгоҳҳо бояд ба нақша гирифта шаванд. Дар баробари бозсозии дастгоҳҳои бузурги обкашӣ, эҳёи куллии пойгоҳҳои хурду миёнаи ДНС-1а, 1б, к-1,2,2а,3, ва Янток-1,2,3,4 бояд дар мадди назар бошад, то ки ҳангоми кам будани талабот ба об, ба ҷойи дастгоҳҳои бузург дастгоҳҳои хурд корандозӣ шаванд.

Самти муҳими дигар дар ҳалли ин масъала, таъмири асосии каналҳои обтаъминкунанда, каналҳои магистралии ВДК ва ЯМ-1 ва иншооти гидротехникии онҳо, насби воситаҳои ченкунии об ва умуман такмили механизми обтақсимкунӣ ва рӯёнидани ҳаққи хизматрасонии об мебошад.

Ин ду самти асосӣ, ки мо номбар кардем, дар сурати татбиқ шудан, имконият медиҳанд, ки коэффитсиенти истифодаи муҳаррикҳо ва дастгоҳҳо, маҳсулнокии пойгоҳҳои обкашӣ афзояд, исрофи об чӣ дар пойгоҳҳо ва чӣ дар каналу даҳанаҳо коста гардад ва дар фарҷоми мавсим нерӯи барқ сарфа гашта, корхонаи хоҷагии об бо зиёни ночиз ё фоида солро ҷамъбаст намояд. Мутассифона, имрӯз суръати кор баръакс гардидааст. Агар ИДБЗО дар соли 2014 ба маблағи 6219,8 ҳазор сомонӣ оби полезӣ дода бошад, сарфи нерӯи барқ дар ҳамин давра бо нархи имтиёзнок 5694,5

ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки 91,6 % арзиши маҳсулоти асосии корхонаро дарбар мегирад. Ин фоизи назаррас аст. Агар хароҷотҳои ҷории корхонаро ба болои он зам кунем, барои бозистеҳсолкунии иқтисоди корхона маблағи ночиз мемонад. Умуман маблағи хароҷоти барқ назаррас аст ва агар вазорату ташкилотҳои дахлдори ҷумҳурӣ, масъалаи барои пойгоҳҳои обкашии Мастчох арзон ё ки бепул намудани нерӯи барқро ҳал накунанд, ин корхонаҳо ҳамоно зараровар мемонанд.

**Ҷадвали №24. Хароҷоти барқ дар чанд соли охир;**

| Солҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти нерӯи барқ, млн кВт.с | 136,1 | 135,5 | 123,5 | 110,0 |
| Арзиш, ҳазор сомонӣ | 2194,2 | 2602,6 | 2474,1 | 2279,6 |

**Мушкилиҳои соҳаи обёрӣ.**

Заҳбуру заҳкашҳо, ки дарозии умумиашон 163,9 км аст, аз сабаби норасогии маблағҳои зарурӣ, сари вақт тоза карда намешавад.

Ҳолати иқтисодӣ-молиявии идораҳои хоҷагии давлатии об ва пойгоҳҳои обкашии ноҳия вазнин мебошад.

Паст будани маоши коргарони идораи об ва аз ҳамин сабаб аз кор рафтани мутахассисон.

Дар ҳолати ғайриқаноатбахши техникӣ қарор доштани стансияҳои обтаъминкунӣ.

Ба таъмири куллӣ ниёз доштани 66 адад дастгоҳҳои обкашии пойгоҳҳои обкашӣ, 297-адад иншоотҳои обгирӣ, 22 адад обченкунакҳо ва 51 адад чоҳҳои амудӣ.

Дар ҳолати садамавӣ қарор доштани қубурҳои баландфишори пойгоҳҳои обкашии ДНС-1,1б,1к, ВДК.

Каналҳои магистрали ВДК ва ДМ ЯМК 2, 3 таъмирталаб мебошанд.

**Ҳадаф.** Беҳтар намудани ҳолати кори пойгоҳҳои обкашӣ дар ноҳия ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ба кор таъмин намудани аҳолии ноҳия мебошад. Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои ноҳия.

**Чораҳо ва вазифаҳои зарурӣ барои расидан ба ин ҳадаф.** Эҳё ва такмил додани инфраструктураи мавҷудаи соҳа. Эҳё кардани парки нақлиёти одамкашон ва боркаш, техникаи заминков, ташкил намудани алоқаи боэътимоду ҳозиразамон байни пойгоҳҳои обкашӣ, миёни ИДБЗО ва ҷаҳони беруна тавассути шабакаи интернет, мукаммал гардондани базаи саноатӣ, такмили механизми таъминот, истифодаи дастовардҳои муосири низоми идоракунӣ ва ахборот, беҳтар намудани шароити кори зиндагии коргарон, зиёд намудани сафи мутахассисон аз ҳисоби мутахассисони таҷрибадор, хусусан аз ҳисоби ҷавонон.

## Ҷадвали №25. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иқтисодиёт:

| *Ҳадаф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ)* | *Солҳо;* | | | | | *Масъул* | *Сарчашмаи маблағгузорӣ* | *Натиҷаи нишондиҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | | |
| *Саноат;* | | | | | | | | | | | |
| Баланд бардоштани сатхи рушди саноат; | 1. Мувафақ гаштан ба коркарди зиёди ашёи хоми маҳаллӣ; | 1.1. Сохтан ва ба истифода додани марҳилаи дуюми фабрики «Олим Текстайл» | 10000 | | 2000 | 2000 | 3000 | 3000 | МИХД | Фабрикаи ҶСП «Олим Текстайл» | Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ то соли 2020 ба 211,1 млн. сомонӣ расонида мешавад. Ҳиссаи корхонаҳо и саноатӣ ба қисми даромади буҷети ноҳия то соли 2020 ба 25% афзоиш меёбадд. Шумораи ҷойҳои нави кории аз ҳисоби корхонаҳо и саноатӣ ташкилгардида то соли 2020 зиёда аз 1500 нафар расонида мешавад. |
| | | 1.2. Таъсиси корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар ноҳия | 1000 | 250 | 250 | 250 | 250 | - | МИХД | Аз ҳисоби соҳибкории маҳаллӣ | |
| | | 1.3. Сохтмони корхонаи истеҳсоли семент дар ҷамоати Суғдиён | 20000 | 10000 | 10000 | | | | МИХД | Аз ҳисоби сармоягузории хориҷӣ | |
| | | 1.4 Таъсиси корхонаи истеҳсоли трубаҳои полиэтиленӣ дар шаҳраки Обшорон | 1500 | | | 1500 | | | МИХД | Аз ҳисоби соҳибкории маҳаллӣ | |
| | | 1.5.Ташкил намудани корхонаи истеҳсоли қоғаз дар ҷамоати Палдорак | 900 | | 900 | | | | МИХД | Аз ҳисоби соҳибкории маҳаллӣ | |
| Ҷамъ дар соҳаи саноат | | | **33400** | **10250** | **13150** | **3750** | **3250** | **3000** | | | |
| *Соҳибкории хурду миёна;* | | | | | | | | | | | |

| *Ҳадаф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ* | *Солҳо;* | *Масъул* | *Сарчашмаи* | *Натиҷаи нишондиҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | *(ҳазор сомонӣ)* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | *маблағ-гузорӣ* | *ҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Бехтар намудани рушди сохибкорӣ** | 1. Зиёд намудани хачми гардиши мол дар сохибкорӣ | 1.2 Сохтмони марказҳои дӯзандагӣ ва бофандагӣ | 1250 | 250 | 250 | 250 | 250 | 250 | | Соҳибкорони маҳаллӣ | Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) бахши СХМ то соли 2020 то 50-55% расонида мешавад. Зиёд гардидани ҳаҷми пардохтҳо и бахши СХМ ба буҷети ноҳия (то соли 2020 то 6 млн. сомонӣ) Шумораи ҷойҳои кории нави аз ҳисоби СХМ ташкилгардида то соли 2020 зиёда аз 1000 ҷойи кори расонида мешавад. |
| | | 1.3. Сохтмони меҳмонхона дар шаҳраки Бустон | 1000 | | 500 | 500 | | | | Соҳибкорони маҳаллӣ | |
| | | 1.3. Сохтмони чойхонаи миллӣ дар шаҳраки Бустон | 600 | | 200 | 200 | 200 | | МИҲД | Соҳибкорони маҳаллӣ | |
| | | 1.4. Бунёди нуктаҳои хизматрасонии техникӣ, маишӣ ва ошхона ва тарабхонаҳо | 1500 | | | 500 | 500 | 500 | МИҲД | Соҳибкорони маҳаллӣ | |
| | | 1.5. Сохтмони мағозаҳои тиҷоратӣ, озуқаворӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва супермаркетҳо | 5000 | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 | МИҲД | Соҳибкорони маҳаллӣ | |
| **Ҷамъ дар соҳаи СХМ** | | | **9350** | **1250** | **1950** | **2450** | **1950** | **1750** | | | |

***Кишоварзӣ;***

| *Ҳадаф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ)* | *Солҳо;* | | | | | *Масъул* | *Сарчашмаи маблағгузорӣ* | *Натиҷаи нишондиҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | | |
| 1. Баланд бардоштани | 1.Баланд бардоштани ҳосилнокии | 1.1 Сохтмон ва кофтани 10 адад чоҳҳои амудӣ | 1500 | 300 | 300 | 300 | 300 | 300 | Раёсати кишоварзӣ ва идораи давлатии | Сармояи хориҷӣ, Маблағҳо | Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | зироатҳои кишоварзӣ | 1.2 Ташкили марказҳои хизматрасонии зообойторӣ дар ҳар як ҷамоат | 700 | 700 | | | | | беҳдошти замин ва обёрӣ Раёсати кишоварзӣ ва идораи бойторӣ | и худӣ Маблағҳои худӣ, сармояи дохилӣ | то соли 2020 ба 530,6 млн. сомонӣ афзоиш меёбад. |
| | | 1.3 Ташкили марказҳои хизматрасонии техникӣ (МТС) дар ҳар як ҷамоат | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Раёсати кишоварзӣ | Маблағҳои худӣ, сармояи дохилӣ | Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани майдони заминҳои бекорхобида. |
| | | 1.4.Ҷоннок намудани фаъолияти Хадамоти мубориза зидди ҳашарот | 500 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | Раёсати кишоварзӣ | Номаълум | Шумораи ҷойҳои нави кори ташкил гардида то соли 2020 ба 3000 расонида хоҳад шуд. |
| | | 1.5. Барқарорсозии обанбори «Сардобсой» дар ҷамоати Навбаҳор | 3000 | 500 | 500 | 600 | 700 | 700 | Раёсати кишоварзӣ ва идораи Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ | Номуайян | Майдони 790 га заминҳои АХД «Хайём» обёрӣ карда шуда, боғи сиёҳолӯ ташкил гардида 1000 нафар соҳиби ҷои кор мегарданд. |
| | | 1.6. Таъмиру барқарорсозии пойгоҳҳои обкашии ДВЗ-1, ДВЗ-2 ДВЗ-3 | 8000 | - | 2000 | 2000 | 2000 | 2000 | Раёсати кишоварзӣ ва идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ | АДБЗО назди ҲҶТ, буҷети вилоят | |
| | | 1.7. Ҳамкори бо ташкилотҳои байналхалқӣ, ки дар самти пешгирии бемории чорво фаъолият менамоянд. | 25 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | Раёсати кишоварзӣ ва идораи бойторӣ | Номаълум | Ба миқдори 4,30 млн м3 оби полезӣ |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2. Таъминот и мураттаб и оби полезӣ | Мақсаднок истифодабарии заминҳои назди заҳбурӣ | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | кишоварзӣ ва идораи давлатии беҳдошт и замин ва обёрӣ | Буҷети вилоят | сарфа гардида, 420 га замини кишоварзӣ бо оби полезӣ таъмин мегарданд, 10 млн 80 ҳазор м3 оби полезӣ сарфа карда мешавад мегардад. Ҳосилнокии зироатҳо баланд гардида, заминҳои бекорхобидаи ҷамоати Суғдиён ба гардиши кишоварзӣ дохил мегарданд ва бо ин роҳ дар таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат ҳисса хуб гузошта мешавад. Инчунин ҳосилнокии пахта – аз 20-22 то 25-30 с/га ғалладонагиҳо – аз 20 то 25 с/га сабзавот – аз 200 то 300 с/га полезиҳо |
| | | 2.2.Барқарорсозии каналҳои байнихоҷагӣ ва тоза намудани заҳбурҳо | 660 | 120 | 120 | 130 | 140 | 150 | Раёсати кишоварзӣ ва идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ | Аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва худи хоҷагиҳо | |
| | | 2.3 Ташкил намудани хочагии тухмипарвар ва сехҳои заҳролудкунии тухмӣ | 200 | 50 | 50 | 50 | 50 | - | Раёсати кишоварзӣ | Аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва худи хоҷагиҳо | |
| | 3. Зиёд намудани даромаднокии соҳаи кишоварзӣ | 3.1 Паст намудани таъсири хашаротҳои зараррасон ба зироатҳои кишоварзӣ | 1500 | 300 | 300 | 300 | 300 | 300 | Раёсати кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳурияви | |
| | | 3.2 Идома додани сохтмони гармхонаҳо барои истеҳсоли помидор ва бодиринг | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | Раёсати кишоварзӣ | Соҳибкорони маҳаллӣ ва хочагихои дехкони | |
| | 4. Рушди соҳаи занбӯрпарварӣ | 4.1 Ташкили 1000 оилаи занбӯр | 220 | 40 | 40 | 40 | 50 | 50 | МИҲД, раёсати кишоварзӣ | Соҳибкорони маҳаллӣ ва хочагихои дехкони | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 5. Ривоҷ додани боғу токпарварӣ | 5.1 Ташкил намудани боғу токзорҳо аз ҳисоби заминҳои бекорхобида | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | Раёсати кишоварзӣ | Соҳибкорони маҳаллӣ ва хочаги хои дехкони | – аз 160 то 250 с/га расонида мешавад. Ҳолати мелиоративии 1000 гектар заминҳои мавзеъи канали Тоҷикистони Советӣ беҳтар мегардад. |
| **Ҷамъ дар соҳаи кишоварзӣ** | | | **18605** | **2575** | **3875** | **3985** | **4105** | **4065** | | | |
| **Ҳамагӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла** | | | | | | | | | | | |
| Буҷети маҳаллӣ | | | - | - | - | - | - | - | | | |
| Буҷети вилоятӣ | | | 5050 | 1010 | 1010 | 1010 | 1010 | 1010 | | | |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | | | 6500 | 1300 | 1300 | 1300 | 1300 | 1300 | | | |
| Сармояи хориҷӣ | | | 21100 | 10500 | 10150 | 150 | 150 | 150 | | | |
| Аҳолӣ, соҳибкорон, хизматрасонӣ ва ғ. | | | 43700 | 5800 | 9550 | 10650 | 9150 | 8550 | | | |
| Номаълум | | | 5525 | 1305 | 1305 | 1305 | 1505 | 105 | | | |

**Дурнамои рушди соҳаҳои иқтисодиёт.** Дар ҳолати амалӣ гардидани лоиҳаҳои соҳаи иқтисодиёти Барнома дар соли 2020 аҳолии ноҳия ба 129,3 ҳазор нафар ё 116,8 фоиз, маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 530,6 млн сомонӣ ё 130,2 фоиз, ҳаҷми истеҳсоли соҳаи саноат 211,0 млн сомонӣ ё 160,0 фоиз, ҳаҷми гардиши савдои чакана 156,8 млн сомонӣ ё 158,0 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ 44,5 млн сомонӣ ё 132,4 фоиз расонида мешавад.

**Ҷадвали №26. Нишондиҳандаҳои асосии дурнамои рушди иқтисодӣ барои давраи то соли 2020.**

| Нишондиҳандаҳо | с2014 – ҳисобот | с2015-баҳодиҳи | Дурнамо | | | | | 2020 бо % нисбати соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| **Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ** | 110,7 | 113,7 | 116,9 | 119,4 | 123,0 | 126,2 | 129,3 | 116,8 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **аз чумла шаҳрак** | 19,0 | 19,5 | 20,1 | 20,6 | 21,1 | 21,7 | 22,0 | 115,8 |
| **деҳот** | 91,7 | 94,2 | 96,8 | 98,8 | 101,9 | 104,5 | 107,3 | 117,0 |
| **Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (млн. сомонӣ ) аз чумла** | 672,3 | 731,9 | 804,3 | 846,7 | 879,7 | 899,0 | 942,9 | 140,2 |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ | 407,6 | 427,9 | 477,7 | 505,0 | 523,7 | 528,5 | 530,6 | 130,2 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ | 131,9 | 140,0 | 172,8 | 180,7 | 190,0 | 197,9 | 211,0 | 160,0 |
| Ҳаҷми гардиши савдои чакана | 99,2 | 110,0 | 116,3 | 122,9 | 127,4 | 132,8 | 156,8 | 158,0 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | 33,6 | 36,6 | 37,5 | 38,1 | 38,6 | 39,8 | 44,5 | 132,4 |

Дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1650 тонна ё 20,7 фоиз, пахта 5830 тонна ё 36,0 фоиз, картошка 700 тонна ё 40,9 фоиз сабзавот 1375 тонна ё 10,3 фоиз, полезӣ 11860 тонна ё 36,7 фоиз, меваҷот 80 тонна 13,4 фоиз, ангур 40 тонна 16,0 фоиз, хӯроки чорво 8918 тонна ё 22,6 фоиз, гӯшт 255 тонна 9,0 фоиз, шир 473 тонна ё 2,0 фоиз, пашм 0,2 тонна ё 6,2 фоиз, тухм 1690 ҳазор дона ё 1,8 фоиз, пилла 4,6 тонна 85,2 фоиз ва асал 1 тонна 6,7 фоиз нисбати соли 2015-ум меафзояд.

**Ҷадвали №27. Нишондиҳандаҳои дурнамои ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз руи намудҳои маҳсулот ва соҳаҳо;**

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисоб от | Баҳодиҳӣ, соли | Дурнамо, солҳои | | | | | 2020 бо % нисбати 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Ғалладонагӣ, т. | 7960 | 8100 | 8320 | 8550 | 8670 | 9050 | 9610 | 120,7 |
| аз ҷумла гандум | 2410 | 2370 | 2510 | 2630 | 2670 | 3050 | 3280 | 136,0 |
| Пахта, тонна | 22930 | 24000 | 24240 | 24480 | 24720 | 28610 | 28760 | 125,4 |
| Картошка, т. | 1710 | 1760 | 1840 | 1950 | 1980 | 2200 | 2410 | 140,9 |
| Сабзавот, тонна | 13640 | 13630 | 13900 | 14180 | 14320 | 14670 | 15015 | 110,3 |
| Полезӣ, тонна | 32280 | 33760 | 34840 | 35430 | 36170 | 42270 | 44140 | 136,7 |
| Мевагӣ, тонна | 600 | 630 | 650 | 670 | 680 | 680 | 680 | 113,4 |
| Ангур, тонна | 230 | 240 | 250 | 260 | 270 | 270 | 270 | 116,0 |
| Хошок, тонна | 39464 | 40450 | 42029 | 44125 | 45462 | 46520 | 48382 | 122,6 |
| Гӯшт, тонна | 2820 | 2620 | 2670 | 2840 | 2900 | 2941 | 3075 | 109,0 |
| Шир, тонна | 18140 | 18030 | 18120 | 18290 | 18470 | 18538 | 18613 | 102,6 |
| Пашм, тонна | 52 | 52,5 | 53,0 | 53,5 | 54,0 | 54,8 | 55,2 | 106,2 |
| Тухм (ҳ. дона) | 92430 | 84192 | 85810 | 87427 | 88294 | 91960 | 94120 | 101,8 |
| Пилла, тонна | 5,4 | 5,6 | 6,2 | 8,0 | 9,0 | 10,0 | 10,0 | 185,2 |
| Асал, тонна | 15,0 | 15,2 | 15,6 | 15,7 | 15,8 | 15,9 | 16,0 | 106,7 |

## *БОБИ 3. СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ*

### *3.1 Тандурустӣ*

Айни замон, мутобиқи принсипҳои умумии қабулгардидаи Маркази Солимии Репродуктивӣ (МСР) мақсади асосии соҳаи тандурустй аз мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, паст намудани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятй, инчунин аз байн бардоштани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда иборат мебошад.

## Саломатии модар ва кӯдак.

Тибқи нишондиҳандаҳои омори госпиталӣ, ба санаи 1 январи соли 2015 шумораи умумии занони синни ҳомиладорӣ 28782 нафар мебошанд.

**Ҷадвали №28. Шумораи таваллудшудагон дар муассисаҳои госпиталӣ ва дар шароити хона, шумораи фавти модарон (нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | с.2014 нисбат ба соли 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамаги таваллуд** | 3171 | 3202 | 3399 | 3593 | 3808 | 120 |
| Таваллудшудагон дар таваллудхона | 3076 | 3141 | 3392 | 3570 | 3799 | 121 |
| Таваллуд дар шароити хона | 95 | 61 | 57 | 29 | 9 | 9 |
| Фавти кӯдакони то 1-сола | 46 | 54 | 23 | 29 | 23 | 50 |
| Мурдатаваллудшуда | 42 | 32 | 38 | 22 | 27 | 64 |
| Шумораи фавти модар (шумора ба 100 ҳазор зинда таваллудшуда) | - | 1 | 3 | 1 | - | - |

Ҳодисаҳои фавти модарон солҳои охир кам гаштааст. Яке аз сабабҳои дар сатҳи паст қарор доштани саломатии занони синну соли ҳомиладорӣ ба он вобаста аст, ки дар ноҳия занон фосилаи байни таваллудро риоя намекунанд (25-30% аз шумораи умумии таваллудшудагон) ва ин шаҳодат медиҳад, ки сатҳи маълумотнокии аксарияти занон аз масъалаҳои солимии репродуктивӣ ва ба нақшагирӣ беҳбудиро мехоҳанд. Мутахассисони соҳа сабаби дигари сатҳи пасти саломатии модаронро дар он мебинанд, ки дар байни занон бемории камхунӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст ва он пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки занони ҳомиладор дар вақти ҳомиладорӣ хӯроки серғизо ва дуруст истеъмол намекунанд.

Нишондиҳандаҳо собит менамоянд, ки солҳои охир нишондоди фавти кӯдакон беҳтар шуда истодааст ва ин раванд ба маҷмӯъи барномаҳои эмкунӣ алоқамандии зич дорад. Сатҳи фавти кӯдакон дар ноҳия нисбати нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ кам мебошад.

**Ҷадвали №29. Шумораи таваллуд ва фавт дар солҳои 2010-2014**

| № | Номгу | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | с.2014 нисбат ба соли 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Таваллуд | 3171 | 3202 | 3399 | 3599 | 3808 | 120 |
| 2 | Фавти кӯдакони то 14-со | 61 | 66 | 75 | 60 | 70 | 114 |
| 3 | Фавтидагони то 1-сола | 46 | 54 | 23 | 29 | 23 | 50 |

Шумораи фавтидагон дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 мутаносибан кам шудааст. Шумораи таваллуд дар давоми 5-соли охир афзудааст ва дар 3-соли охир ба ҳисоби миёна тақрибан 10800 кӯдакон ба дунё омадаанд. Афзоиши шумораи аҳолӣ нисбат ба соли 2010 дар соли 2014 аз ҳисоби занҳои бори аввал ҳомиладоргардида, зиёд шудааст.

Нишондиҳандаҳои фавти кӯдакони то синни 5-сола дар давоми 3 соли охир аз 46 то 23 нафар паст шудааст. Сабаби он иҷрои саривақтии барномаҳои тандурустӣ, ХБК, эмгузаронӣ, синамаконӣ ва иҷрои дигар чорабиниҳои самаранок мебошад.

**Ҷадвали №30. Бемориҳое, ки сабаби асосии фавти навзодон мешаванд.**

| № | Бемориҳо | Бо фоиз |
|---|---|---|
| 1 | Паталогияи перинаталӣ | - |
| 2 | Дарунравӣ | 93,4 |
| 3 | Бемориҳои шадиди роҳи нафас | 60,8 |
| 4 | Бемории ирсӣ | 5 |
| 5 | дигарҳо | - |

Аз ин лиҳоз, барои беҳтар намудани маърифатнокии аҳолӣ, ҷоннок намудани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба пешгирии ҳаргуна бемориҳо дар байни аҳолӣ, фаҳмондадиҳии занҳои қобили таваллуд ва ҳомиладорон барои пешгирии фавти модар ва кӯдак – сари вақт ба қайд гирифтан, муолиҷа намудан ва пешгирии оризаҳо, беҳтар намудани фаъолияти кормандони сохторҳои госпиталӣ ва кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), момопизишкӣ ва момодояҳо, пурзӯр намудани фаъолияти Маркази солимии репродуктивӣ хеле зарур мебошад.

**Бемориҳои сироятӣ ва дигар намуди бемориҳо:**

Таҳлили ҳолати феълӣ соҳа нишон медиҳад, ки дар давоми даҳ соли охир, имкониятҳои хадамоти санитарию эпидемиологӣ, дар муқоиса бо сохторҳои дигари соҳаи тандурустӣ кам шудаанд. Маълумотҳои расмии оморӣ оид ба сатҳи паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ вазъи воқеиро инъикос намекунанд. Дар ҷадвали зерин муқоисаи суръати афзоиши ҳодисаҳои баъзе бемориҳои сироятӣ (шумораи мутлақ) оварда шудаанд.

**Ҷадвали №31. Шумораи мутлақи бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2012-2014 (нафар).**

| Бемориҳои сироятӣ | 2012 | 2013 | 2014 | с.2014 нисбат ба соли 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|
| Бемориҳои сил | 104 | 99 | 101 | 97 |
| Бемории вараҷа | - | - | - | - |
| Бемории буғумдард (брутселёз) | 42 | 163 | 149 | 354 |
| ВИЧ/СПИД | 51 | 60 | 70 | 137 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо (укусыиослюнение) | 178 | 153 | 180 | 101 |
| Бемории домана | - | - | - | - |
| Исҳоли хунин (дизентерия) | 28 | 25 | 42 | 150 |

Шумораи бемориҳои сироятӣ зиёд буда, сабабҳои асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ, маълумоти дуруст ва кофӣ надоштани аҳолӣ оид ба пешгирии касалиҳои сироятӣ, сатҳи пасти заминаи хизматрасонии идораи санитарию эпедимиологии ноҳия, сари вақт ташхис нагардидани беморон, махсусан дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастрасӣ надоранд (аз ҷумла аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ, шахсони аз озодӣ маҳруми мубталои бемории сил ва СПИД), сатҳи пасти имкониятҳои молиявии шаҳрвандон, нархи гарони хизматрасониҳои тиббӣ ва доруворӣ, маҳдудияти таъминоти оби тозаи ошомиданӣ барои аксарияти аҳолӣ, дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани шароити санитарӣ ва ҷамъоварию безараргардонии партовҳо мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар байни аҳолии ноҳия шумораи бемориҳои шадиди роҳи нафас (ШРН), астма, касалии рӯда, касалии дил, фишори хун зиёд буда, сабабҳои асосии ин бемориҳо ба он вобаста аст, ки беморон саривақт табобат намегиранд, ба фарбеҳшавӣ мусоидат менамоянд, нӯшокиҳои спиртӣ ва тамоку истеъмол менамоянд, ҳамчунин аҳолӣ оид ба масъалаҳои пешгирии чунин бемориҳо маълумоти зарурӣ надорад.

Сатҳи пасти имкониятҳои молиявии шаҳрвандон, гаронии нархи хизматрасониҳои тиббӣ ва доруворӣ, маҳдудияти таъминоти барқ ва омилҳои муҳити зист, ба саломатии аҳолии ноҳия таъсири манфӣ расонида истодаанд.

Солҳои охир яке аз муаммоҳои асосии саломатии аҳолии ноҳия ба он вобаста аст, ки дар байни аҳолӣ дучор гаштан ба бемориҳои асаб зиёд шуда истодааст ва дар натиҷаи таъсири ин беморӣ, дар байни аҳолӣ ҳолатҳои худкушӣ, хусусан худкушии занон ва ҷавонон бештар мушоҳида мегардад, ки он аз афзоши ҳолати асабонияти шаҳрвандон далолат менамояд. Шумораи беморони ВИЧ/СПИД-и бақайдгирифташуда рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Вазифаи асосии соҳаи тандурустӣ, ин беҳтар намудани шароити дастрасӣ ба системаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), беҳдоштӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббӣ мебошад. Барои беҳтар намудани хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) давоми солҳои охир дар ноҳия 7 маркази саломатии деҳот ва 1 маркази саломатии ноҳия, 21-адад бунгоҳи саломати ташкил карда шуд.

***<u>Инфрасохтори соҳаи госпиталӣ, раванди ислоҳот;</u>***

Дар ноҳия 38 адад муассисаҳои тандурустӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла беморхонаи марказии ноҳия бо 280 кат, маркази мубориза зидди касалиҳои сил бо 25 кат. Дар якҷоягӣ ҳамаи муассисаҳои тандурустии ноҳия бо 630 кат ба мардум хизматрасонӣ намуда истодаанд.

Маркази саломатии ноҳия ва марказҳои саломатӣ дар ҷамоатҳо 8 адад, хонаҳои саломати 21 адад ва маркази назорати давлатии санитариву эпидемиологӣ (МНДСЭ) зерсохторҳои соҳаи тандурустии ноҳия мебошанд. Таъминот бо катҳо бо 10000 нафар аҳолӣ 111,3 % - ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали №32. Таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо (коэффитсент).**

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Таъминоти аҳолӣ бо духтурон | 1-нафар ба 10-ҳазор аҳолӣ | 11,0 | 11,0 | 11,5 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ | 1- нафар ба 10-ҳазор аҳолӣ | 11,0 | 11,0 | 11,5 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо катҳо | 1-кат ба 10-ҳазор аҳолӣ | 630 | 630 | 630 |

Айни ҳол дар муассисаҳои тандурустии ноҳия 127 нафар духтурон, 359 нафар ҳамшираҳои шавқат кор мекунанд. Шумораи ҳамшираҳои шафқат 86 фоизи кормандони соҳаро ташкил медиҳад. Айни ҳол нарасидани духтуронии соҳавӣ, духтурони тибби оилавӣ, ҳамшираҳои таббии оила сабаби паст ба роҳ монда шудани хизматрасонии тиббӣ мебошад.

Бинобар кам будани шумораи духтурон ва ҳамшираҳои шафқат, ки аксари онҳо бо меъёри 1,5 воҳиди корӣ кор карда истодаанд ва ин ҳолат ба онҳо мондашавии зиёди рӯҳӣ, эмотсионалӣ талаб намуда, ҷиҳати ба аҳолӣ расонидани кӯмаки тиббӣ, таъсири манфӣ мерасонад.

***Ҷадвали №33. Ихтисоснокии кормандони Госпиталӣ;***

| *Нишондиҳандаҳо* | *Шумораи умумии кормандон нафар* | *Маълумоти олӣ дошта нафар* | *Маълумоти миёнаи махсус дошта нафар* | *Дигар кормандон нафар* |
|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 271 | 72 | 141 | 58 |
| Беморхонаи статсионарӣ | 518 | 55 | 218 | 245 |
| **Ҳамагӣ** | **789** | **127** | **359** | **303** |

Муассисаҳои тандурустӣ аз буҷаи маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд. Дар назар аст, ки бо гузаштан ба низоми маблағгузории сарикасӣ, ки дар доираи «Стратегияи солимгардонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2020» амалӣ мегардад, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифат таъмин хоҳад шуд.

Дастрасӣ ба хизматрасонии муассисаҳои госпиталӣ дар давраи 15-соли охир, коҳиш ёфтааст ва бевосита ба нигоҳдории госпиталӣ ва ҳолати саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳоло дар соҳаи тандурустии ноҳия 18 барномаҳои миллӣ ва 3 қарори Раиси вилояти Суғд, ки ба паст намудани сатҳи бемориҳо ва пешгирии онҳо равона шудаанд дар амал татбиқ шуда истодаанд. Вале мушкилии кор дар он мебошад, ки маблағгузории ин барномаҳо аз буҷаи маҳаллӣ таъмин карда мешаванд.

**Ҷадвали №34. Шумораи муроҷиаткардагон ба муассисаҳои тиббӣ (нафар).**

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | с.2014 нисбат ба соли 2013 бо % |
|---|---|---|---|
| Беморхонаҳо | 7481 | 8554 | 114,3 |
| Маразi саломатии ноҳия | 91273 | 92497 | 101,3 |
| Маркази саломатии деҳот | 118639 | 98347 | 82,9 |
| Хонаҳои саломатӣ | 55189 | 42790 | 77,5 |
| Ҳамагӣ; | 272582 | 242188 | 89,8 |

**Сохтори кӯмаки аввалияи тиббӣ санитарии ноҳия;**

Дар ин сохтор 1 маркази саломатии ноҳия, 7 марказҳои саломатӣ ва 21 хонаҳои саломатӣ дар ҷамоатҳо фаъолият менамоянд.

**Ҷадвали №35 Шумораи кормандони КАТС**

| Кормандони КАТС | Воҳиди корӣ | Шумораи кормандон |
|---|---|---|
| Духтурон | 116,5 | 72 |
| Кормандони миёнаи тибб | 192,7 | 141 |

Маркази саломатии ноҳия дар бинои лоиҳавӣ ҷойгиршуда аз 2 ошёна иборат мебошад ва барои 500 муроҷиат дар як баст пешбинӣ шудааст. Давоми 10 соли охир таъмири асосии гузаронида нашудааст. Системаи гармидиҳӣ ва корезии он кор намекунад. Аз 8 маркази саломатии деҳот 3 тои онҳо дар биноҳои мутобиқ карда шуда ва 5 тои дигар дар биноҳои ба талабот ҷавобгӯ ҷойгир мебошанд. Дар ҳеҷ кадоме аз ин биноҳо, оби нӯшокӣ дар дохили бино мавчуд нест. Системаи гармидиҳӣ кор намекунад ва биноҳо тавассути бухориҳо гарм карда шуда, ҳар сол бо 20-25 тонна ангишсанг таъмин карда мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки ғайр аз маркази саломатии маҳаллаи Майдончаи Комсомолӣ, боқӣ ҳама биноҳо таъмирталаб мебошанд. Сохтмон ва таҷҳизонидани маркази саломатии ҷамоати деҳоти Оббурдон ва хонаи саломатӣ дар деҳаи Сардоб ҷамоати Навбаҳор пешбинӣ шуда истодааст, ки аз ҳисоби лоиҳаи Бонки умумичаҳонӣ ва Барномаи беҳтаркунонии хизматрасонони тиббй ба роҳ монда мешавад.

**Мушкилиҳои имрӯзаи соҳаи тандурустӣ;**

Мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи тандурустиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) Дар сатҳи паст қарор доштани заминаи моддию техникие, ки боиси паст шудани сифати хизматрасонии тиббӣ ва баланд шудани сатҳи паҳншавии сироятҳои аз нигоҳи ичтимоӣ хатарнок ва фавти модару кӯдак пайдо мегарданд;

2) нарасидани мутахассисони соҳаи тандурустӣ;

3) суръати пасти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ аз сабаби номукамалии механизмҳо ва нокифоя будани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ;

**Љадвали №36. Номгӯи муфассали мушкилотҳои соҳаи госпиталӣ чунинанд;**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | **Бад гардидани заминаи моддию техникӣ:** | |
| | **Номгӯи мушкилотҳо:** | **Мавзеъ;** |
| | Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти муоинаи тиббии рентгенӣ, таҷҳизотҳои ФГС, УЗИ, автоклав, кювез, ЭКГ, дефиблятор, кардиомонитор, таҷҳизоти нафаси сунъи (ИВЛ-РО-9), халтаи амбулаторӣ, дастгоҳи чарроҳӣ | Беморхонаи марказии ноҳия ва таваллудхона |
| | Нарасидани таҷҳизоти УВЧ, ИВЛ, электрофарез | Беморхонаи марказии ноҳия, беморхонаҳои минтақавӣ |
| | Норасогии доруворихои ройгон барои шахсони имтиёздошта | Беморхонаи марказии ноҳия ва беморхонаҳои минтақавӣ, муассасаҳои КАТС |
| | Мавҷуд набудани нақлиёти ёрии таъчилӣ ва нокифоягии онҳо дар БМН | Беморхонаи марказии ноҳия ва беморхонаҳои минтақавӣ |
| | Фарсуда ва корношоям шудани катҳо, таҷҳизотҳои зарурӣ (кӯрпа, болин, болопӯшҳо) | Беморхонаҳои марказӣ, беморхонаҳои минтақавӣ |
| | Сохтмони бинои шуъбаи ёрии таъҷилии ноҳия ва сохтмони шуъбаи кардиология | Беморхонаи марказии ноҳия |
| | Фарсуда ва корношоямии системаи гармидиҳии БМН. (Агар системаи гармидиҳӣ ба истифодаи барқ гузаронида шавад, дар 1 сол барои гармидиҳии барқӣ 25-30 ҳазор сомонӣ маблағ хароҷот мешавад, ки нисбати гази табии 8-10 баробар ба БМН арзон меафтад) | Беморхонаи марказии ноҳия |
| | Сохтмони нотамоми бинои КАТС дар ҷамоати деҳоти Оббурдон | Маркази саломатии ҷ.д.Оббурдон |
| 2. | **Норасогии кадрҳо** | **Неанотолог, эҳёгар, силшинос, нарколог, рӯҳшинос, духтурони тибби оилавӣ;** |
| | Сатхи пасти тахасусии табибони ҷавон | |
| | Нарасидани шумораи табибони оилавӣ дар деҳот | Дар тамоми деҳаҳо ва шаҳракҳо |
| 3. | **Суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ** | |
| | Маблағҳои зарури барои амали шудани барномаҳо ҷудо намешаванд | Беморхонаи марказии ноҳия ва КАТС |

## Ҷадвали №37. 3.2. Стратегия ва вазифаҳои соҳахои иҷтимої;

| *Ҳадаф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ)* | *Солҳо;* | | | | | *Масъул* | *Сарчашмаи маблағгузорӣ* | *Натиҷаи нишондиҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | | |
| ***Тандурустӣ;*** | | | | | | | | | | | |
| Беҳтар намудани дастрасии хизматӣ ва тарзи хаёти солим | 1. Баланд бардоштани сатҳи ташхиси табобатӣ ва пешгирии бемориҳо. | 1.1 Таъминот бо маводхои ташхисии табобатӣ ва пешгирӣ (R-пленка-1000 дона, воситахои дезинфексия-1 тн) | 200 | 20 | 20 | 30 | 50 | 80 | МИҲД, беморхонаи марказӣ | Маблағҳои худӣ | Афзоиши шумораи муассисаҳо и нави муҷаҳазгардонидашудаи тандурустӣ то соли 2020 то 55%. Паст гардидани сатҳи бемориҳои сироятӣ дар ноҳия то соли 2020 то 80%. Камшавии шумораи фавти модару кўдак дар ноҳия то соли 2020 то 65%. Афзоиши сифат ва ҳаҷми фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ т о соли 2020 то 90%. |
| | | 1.2 Пурзўр намудани базаи моддӣ-техникии маркази ташаккули ҳаёти солим (харидории 1-адад нақлиёти махсус) | 30 | | | 30 | | | МИҲД беморхонаи марказӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | 2. Фароҳам овarии шароити хуби хизматрасонии тибби | 2.1 Таъмири иншоотҳои тиббӣ-профилатикӣ ва ёрирасон (алоқа, коммуникатсия, нақлиёт) | 1600 | | | 500 | 500 | 600 | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Номуайян | |
| | | 2.2 Идомаи сохтмони маркази саломатӣ дар ҷ.Оббурдон ва деҳаи Сардоб ҷ.Навбаҳор | 2000 | 2000 | | | | | МИҲД-и ноҳия, КАТС | Лоиҳаи Бонки умумиҷаҳонӣ «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» | |
| | | 2.3 Таъмири беморхонаи минтақавии ҷамоати Мастчоҳ | 1000 | | | | 1000 | | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Буҷети вилоят | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2.4 Аз нав намудани таҷҳизотҳои тиббӣ-ташхисӣ (дастгоҳи рентгенӣ ва гастроскоп) | 150 | 25 | 125 | | | | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 2.5 Аз нав намудани таҷҳизотҳои тиббӣ (автоклав 2-адад) | 60 | | | 30 | 30 | | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Буҷети вилоят | |
| | | 2.6 Аз нав намудани таҷҳизотҳои табобатӣ (кардиоманитор 1-адад, дефиброятор 1-адад) | 100 | | | | 40 | 60 | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 2.7 Аз нав намудани таҷҳизотҳои табобатӣ (дастгоҳи нафаси сунъӣ 2-адад) | 200 | | | 100 | 100 | | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| | | 2.8 Аз нав намудани таҷҳизотҳои табобатӣ (дастгоҳи электроотсос 2-адад) | 50 | | | 25 | 25 | | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 2.9 Аз нав намудани 2-адад мизи ҷарроҳӣ | 30 | | 15 | 15 | | | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 2.10 Харидани таҷҳизоти физотерапея (УВЧ 2-адад, диотермия 2-адад, амплипулс 1-адад, Электорфарез 1-адад) | 100 | | 20 | 20 | 20 | 40 | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 2.11 Харидории 3 адад нақлиёти | 200 | | 40 | 40 | 40 | 80 | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Буҷети ҷумҳурӣ, | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ёрии таъчилӣ | | | | | | | | | |
| | | 2.12 Барқарор ва азнав таъмин намудани таҷҳизоти сахт (мизу курсӣ 100 ҷуфт, яхдон 10 адад) | 500 | | 100 | 100 | 100 | 200 | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 2.13 Таъмири шуъбаи ёрии таъҷилии ноҳиявӣ | 100 | | | 45 | 55 | | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Буҷети вилоятӣ | |
| | | 2.14 Сохтмони маркази саломатӣ дар маҳаллаи Меҳробод ҷ.Суғдиён ва АХД «Зарафшон» | 2000 | | 2000 | | | | МИҲД-и ноҳия, беморхонаи марказӣ | Лоиҳаи Бонки умумиҷаҳонӣ «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» | |
| | | 2.15 Сохтмони маркази саломатӣ дар маҳаллаи «40 солагии Дилварзин» | 1000 | | 1000 | | | | МИҲД-и ноҳия, КАТС | Лоиҳаи Бонки умумиҷаҳонӣ «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» | |
| **Ҷамъ** | | | **9320** | **2045** | **3320** | **935** | **1960** | **1060** | | | |

### 3.3. Маориф;

***Сатҳи умумии маълумотнокӣ дар соҳаи маориф.*** Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолӣ солҳои охир афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали №38. Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии ноҳия дар соҳаи маориф аз рӯи ҷинсият**

| *Сол* | *2012* | | *2013* | | *2014* | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Сатҳи маълумотнокӣ* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон* |
| Олии касбӣ | 901 | 353 | 938 | 380 | 955 | 392 |
| Миёнаи махсус | 513 | 413 | 529 | 422 | 534 | 435 |
| Миёна | 1414 | 760 | 1467 | 802 | 1489 | 827 |

***Маълумоти то мактабӣ.*** Дар тобеияти шӯъбаи маорифи ноҳия 9 кӯдакистон амал мекунад. Аз шумораи умумии муассисаҳои томактабӣ танҳо 6 тои он ҷавобгӯйи талабот буда, бинои кӯдакистон боғчаи №12 танг буда кӯдакистони №2 ҷамоати Палдорак аз фаъолият бозмондааст. Фаъолияти он ҷавобгӯи талабот набуда ба азнавсозӣ ниёз дорад. Таҷҳизотҳои кӯдакистонҳои ноҳия фарсуда гардидаанд. Биноҳои муассисаҳои таҳсилоти то мактабии № 3,4,5,7,8 таъмирталаб мебошанд, зеро бинои ин кӯдакистонҳо хело кӯҳна ва фарсуда гардидаанд.

Муассисаҳои томактабии ноҳия дорои 63 гурӯҳҳо мебошанд. Шумораи мураббиён ба 64 нафар расидааст, ки 12 нафари онҳо бо таҳсилоти олӣ, 2 нафар дорои таҳсилоти олии нопурра, 44 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус фаъолият менамоянд.

Дар асоси нишондодҳои соҳаи маорифи ноҳия, ҳар сол тақрибан 2100 нафар кӯдакон аз синну соли томактабӣ ба сафи хонандагон шомил мешаванд. Агар ҳар сол 20 фоизи кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ барои тайёрӣ фаро гирифта шаванд, пас боқимондаи онҳо аз ин намуди фарогирӣ ва тайёрии пешазмактабӣ маҳрум мебошанд. Дар шаҳраку деҳоти ноҳия, шумораи зиёди аҳолӣ ба кӯдакистон ниёз доранд, аммо бинобар набудани маблағҳои зарурӣ, имконияти сохтмони кӯдакистонҳо мавҷуд нест. Майдончаи Комсомолӣ, маҳаллаҳои Ҷалолуддини Рӯмӣ ва Дилкушо дар навбати аввал ба ин муассисаҳо ниёзманд мебошанд.

Аксарияти кӯдакистонҳо ба таъмиру тармими капиталӣ ва ба таҷҳизоти нави ҳозиразамон ниёз доранд. Зеро бинову таҷҳизотҳои муассисаҳои томактабии ноҳия ҳанӯз аз давраи шӯравӣ боқӣ мондаанд ва айни ҳол кӯҳнаву фарсуда гаштаанд.

**Ҷадвали №39. Микдори ҷой дар муассисаҳои томактабӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (нафар);**

| № | Номгӯи муассисаҳои томактабӣ | Шумораи кӯдакон дар соли 2012 | | | Шумораи кӯдакон дар соли 2013 | | | Шумораи кӯдакон дар соли 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | умумӣ | писар | духтар | умумӣ | писар | духтар | умумӣ | писар | духтар |
| 1 | Муассисаи томактабии №1 | 35 | 21 | 14 | 37 | 23 | 14 | 39 | 24 | 15 |
| 2 | Муассисаи томактабии №3 | 80 | 44 | 36 | 87 | 47 | 40 | 93 | 48 | 45 |
| 3 | Муассисаи томактабии №4 | 80 | 44 | 36 | 94 | 64 | 30 | 95 | 62 | 33 |
| 4 | Муассисаи томактабии №5 | 115 | 74 | 41 | 120 | 70 | 50 | 127 | 75 | 52 |
| 5 | Муассисаи томактабии №6 | 120 | 75 | 45 | 123 | 73 | 50 | 129 | 70 | 59 |
| 6 | Муассисаи томактабии №7 | 80 | 48 | 32 | 85 | 45 | 40 | 92 | 47 | 45 |
| 7 | Муассисаи томактабии №8 | 40 | 22 | 18 | 43 | 23 | 20 | 45 | 24 | 21 |
| 8 | Муассисаи томактабии №10 | 40 | 28 | 12 | 45 | 30 | 15 | 50 | 32 | 18 |
| 9 | Муассисаи томактабии №11 | 65 | 38 | 27 | 70 | 40 | 30 | 73 | 41 | 32 |
| 10 | Муассисаи томактабии №12 | 50 | 27 | 23 | 54 | 30 | 24 | 58 | 32 | 26 |
| | Умумӣ | **705** | **421** | **284** | **758** | **445** | **313** | **801** | **455** | **346** |

Фоизи таъминоти кӯдакони синни томактабӣ бо боғчаҳои бачагона дар соли 2014 дар ноҳия то 7,0 фоизро (шумораи кӯдакони томактабӣ дар соли 2014, 14191 нафар) ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки дар аксари ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ниёзманд буда, аксарияти кӯдакистонҳо ба таъмиру тармими капиталӣ ва ба таҷҳизотҳои нави ҳозиразамон эҳтиёҷманд ҳастанд. Пояи моддии техникии

муассисаҳои томактабӣ айни ҳол қаноатбахш бошад ҳам, хусусан дар давраи зимистонгузаронӣ дар ин самт мушкилиҳои зиёди ҳалношуда ҷой доранд.

**Маълумоти мактабӣ.** Имрӯз дар ноҳия 45 адад муассисаҳои таълимӣ фаъолият намуда истодаанд. Аз ҷумла 35 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи асосӣ, 2 муассиса-литсей ҷамъ 21068 нафар хонандагонро ба таълиму тарбия фаро гирифтаанд ва 38 адади ин муассисаҳо дар деҳот фаъолият менамояд. Инчунин дар ноҳия 1 литсейи касбии саноатӣ кишоварзӣ, Коллеҷи кишоварзӣ ва Коллеҷи омӯзгорӣ фаъолият менамоянд.

Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ки 70 фоизи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19 дар ҳолати садамавӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи асосии №17 ва №6 дар ҳолати нимсадамавӣ қарор доранд.

Давоми солҳои 2012-2014 бо маблағгузорӣ дар партави иҷроиши «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2008-2015» 4 адад муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ таъмир гардида, 3 муассисаи нав сохта шуд. Дар маҳаҳаллаи Андарвашт, ҷамоати Оббурдон корҳои сохтмонии муассисаи нави таълимӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд давом дорад.

Мушкилоти дигаре ки, солҳои тӯлонӣ дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ҷой дорад ин иваз накардани мизу курсиҳои фарсудаю корношоям мебошад. Қисме аз мушкилот бо дастгирии Раиси вилоят ҳалли худро пайдо намуд ва дар соли 2014 25 муассисаи таълимии ноҳия ба миқдори 1800 ҷойи нишаст мизу курсиҳо, таъмин карда шуданд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 677 адад компютер ва 62 адад принтер мавҷуд аст, Аз шумораи умумии компютерҳо 180 адад компютерҳои УКНС, 70 адад компютерҳои пентюм 1, 52 адад компютерҳои тамғаи пентюм 2, ва 51 адад компютерҳои тамғаи пентюм 3, барои омӯхтани барномаи таълимии имрӯза мувофиқ нестанд. Аз ин рӯ тибқи барномаи нави компютеркунонӣ барои солҳои 2016-2020 зарурати дастрас намудани боз 490 адад компютер пеш омадааст.

Дар ноҳия Марказҳои таҳсилоти иловагӣ амал мекунанд, ки онҳо дар муассисаҳои таълимӣ ҷойгир шудаанд. Ин марказҳо дорои 94 маҳфил буда, асосан аз маҳфилҳои дӯзандагӣ, рассомӣ ва бофандагӣ иборат мебошанд. Маркази таълимоти берун азмактабии ноҳиявӣ бинои худро надорад. Он дар бинои кӯдакистони №1 шаҳраки Бустон ҷойгир шудааст ва таъмирталаб буда ба таҷҳизонидан ниёз дорад.

Бо сабаби набудани шароити мусоиди корӣ, маблағҳои зарурӣ, нарасидани бино ва воҳидҳои корӣ, асбобҳои аёнӣ, дастгоҳҳо аз қабили мошинаҳои ҳозиразамон дарздӯзӣ, дуредгарӣ, компютер ва набудани утоққои лингафонӣ ва мизу курсиҳо барои синфхонаҳои интихоби касб дар самти сифати таълим камбудиҳо ҷоӣ доранд.

**Ҷадвали №40. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар);**

| Синфҳо | 2012-2013 | | | | 2013-2014 | | | | 2014-2015 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтар | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтар | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтар |
| I | 2138 | 1114 | 1024 | 47,9 | 2140 | 1115 | 1025 | 47,9 | 2150 | 1120 | 1030 | 47,9 |
| II | 2049 | 1089 | 960 | 46,9 | 2055 | 1088 | 967 | 47,1 | 2060 | 1090 | 970 | 47,1 |
| III | 2010 | 1031 | 979 | 48,7 | 2015 | 1032 | 983 | 48,8 | 2020 | 1031 | 989 | 49,0 |
| IV | 2114 | 1102 | 1012 | 47,9 | 2120 | 1105 | 1015 | 47,9 | 2125 | 1105 | 1020 | 48,0 |
| **Ҳамагӣ I-IV** | 8311 | 4336 | 3975 | 47,8 | 8330 | 4340 | 3990 | 47,9 | 8355 | 4346 | 4009 | 48,0 |
| V | 2105 | 1090 | 1015 | 48,2 | 2110 | 1093 | 1017 | 48,2 | 2112 | 1092 | 1020 | 48,3 |
| VI | 2049 | 1090 | 959 | 46,8 | 2055 | 1092 | 963 | 46,9 | 2060 | 1093 | 967 | 46,9 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| VII | 2009 | 1074 | 935 | 46,5 | 2017 | 1076 | 941 | 46,7 | 2021 | 1078 | 943 | 46,7 |
| VIII | 1883 | 1036 | 847 | 45,0 | 1890 | 1040 | 850 | 45,0 | 1899 | 1044 | 855 | 45,0 |
| IX | 1876 | 1067 | 809 | 43,1 | 1880 | 1065 | 815 | 43,4 | 1887 | 1068 | 819 | 43,4 |
| **Ҳамагӣ V-IX** | 9922 | 5357 | 4565 | 46,0 | 9952 | 5366 | 4586 | 46,1 | 9979 | 5375 | 4604 | 46,1 |
| X | 1184 | 723 | 461 | 38,9 | 1200 | 720 | 480 | 40,0 | 1205 | 722 | 483 | 40,1 |
| XI | 1166 | 737 | 429 | 36,8 | 1177 | 737 | 440 | 37,4 | 1187 | 742 | 445 | 37,5 |
| **Ҳамагӣ X-XI** | 2350 | 1460 | 890 | 37,9 | 2377 | 1457 | 920 | 38,7 | 2392 | 1464 | 928 | 38,8 |
| **Ҳамагӣ** | 20583 | 1115 3 | 9430 | 45,8 | 2065 9 | 1116 3 | 9496 | 46,0 | 2072 6 | 1118 5 | 9541 | 46,0 |

Дар аксар муассисаҳои ноҳия утоққои лингофонӣ амал намекунанд. Утоқи алоҳида дар базаи мактабҳо барои омӯхтани забони англисӣ мавҷуд буда синфхонаҳои лингафонӣ надоранд.

Шумораи омӯзгорон дар соли хониши 2014-2015-ум 1528 нафар ташкил медиҳад, ки аз онҳо 843 нафарашонро занон ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии зикргардида 938 нафар бо таҳсилоти олӣ, 61 нафар бо таҳсилоти олии нопурра, 529 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус адои вазифа доранд. Танҳо нарасидани омӯзгорони таҳсилоти олидор айни замон 14 нафарро ташкил медиҳад, ки ба таълимӣ фанҳои забонҳои хориҷӣ, физика ва математика, технологияи информатсионӣ тааллуқ дорад.

**Ҷадвали №41. Шумораи омӯзгорон дар давраи солҳои 2012-2015 (нафар);**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои хониш | | |
|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | 2013-2014 | 2014-2015 |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1414 | 1467 | 1529 |
| аз ин занон | 782 | 802 | 843 |
| Аз ҷумла: | | | |
| Дорои маълумоти олӣ | 897 | 902 | 938 |
| аз ин занон | 349 | 357 | 380 |
| Олии нопурра | 43 | 52 | 61 |
| аз ин занон | 32 | 32 | 41 |
| Миёнаи махсус | 497 | 513 | 529 |
| аз ин занон | 406 | 413 | 422 |
| Муаллимоне, ки аз кор рафтаанд | 37 | 26 | 22 |
| аз ин занон | 24 | 12 | 14 |
| Норасогии кадрҳо | 24 | 18 | 12 |

**Ҷадвали №42. Мушкилотҳои мавҷудаи соҳаи маорифи ноҳия;**

| Мушкилиҳо | Рақами мактабҳо ва мавзеи ҷойгиршавии онҳо |
|---|---|
| 1.Бад будани базаи моддӣ техникии муассисаҳои талимӣ; | |
| - таъмирталаб будани бинои мактабҳо | МТМУ № 4,5,6,8,11,18,19,20,21,27, МТАУ№6 |
| - нарасидани синфхонаҳо | МТМУ №27, МТАУ №1,9 |
| - нотамом мондани сохтмони мактабҳо | МТМУ №29,10 |
| - таъмирталаб будани толор ва | МТМУ №3,6,7,8,18,20.21,24,27 |

| | |
|---|---|
| майдончаҳои варзишии назди мактабҳо | |
| - набудани муассисаҳои таълимиии нав | Маҳаллаҳои Саъди, Ҷ.Рӯмӣ, «Дилкушо», Меҳробод, Деҳқонобод |
| 2.Таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисон: | |
| - нарасидани омӯзгорон хусусан барои фанҳои дақиқ (математика, химия, физика, англисӣ ва ғайраҳо) | ҳамагӣ 14 нафар |
| 3.Шароити номусоид барои таҳсили хонандагон: | |
| - нарасидани таҷҳизоти мактабӣ, мизу курсиҳо барои хонандагон | МТМУ №3, 4,7,8,11,21,25,27 |
| -набудани ҳуҷраҳои фаннӣ бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон ҷиҳозонидашуда, нарасидани китобҳои дарсӣ. | МТМУ №1,2,4,6,7,8,9,10,18,20,21,22,23,27,28,35 ва МТАУ №17,6 |
| - аз кор баромадани таҷҳизоти гармидиҳии мактабҳо | |

Дар соли 2014-ӯм толибилмони муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуданд ва 103 нафари онҳо сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гаштаанд.

**Ҷадвали №43. Дараҷаи компютеркунонии мактабҳои ноҳия;**

| № | Ҷамоатҳо | Шумораи хонандагоне, ки фанни технологияи информатсиониро меомӯзанд | Шумораи компютерҳо | Ба чанд хонанда 1 компютер рост меояд |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | 8035 | 677 | 12,1 |

Дар натиҷаи тағйирёбии шакли маблағгузории соҳаи маориф, тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия ба шакли маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд.

**Ҷадвали №44. Шумораи хонандагони муассисаҳои таълимиро хатм намуда ва ба донишгоҳҳои олӣ дохилшуда;**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳамагӣ | духтарон | ҳамагӣ | духтарон | ҳамагӣ | духтарон |
| Маълумоти умумии миёна | нафар | 1042 | 496 | 1057 | 513 | 1039 | 522 |
| Ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус дохил шуданд | нафар | 397 | 80 | 445 | 186 | 512 | 113 |
| Аз онҳо бо квотаи Президентӣ | нафар | 18 | 9 | 20 | 10 | 21 | 11 |

**Ҷадвали №45. Сохтмон, таъмиру тармими муассисаҳои маорифи ноҳия давоми солҳои 2016-2020;**

| суроға ва ҷойгиршавии муассиса; | маблағи сметавӣ, ҳазор сомонӣ | мӯҳлат | манбаъи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|
| Сохтмони муассисаи таълимӣ барои 140 нафар хонанда дар маҳаллаи Саъдӣ, шаҳраки Бустон | 300 | 2017 | Буҷети вилоятӣ |
| Ба охир расонидани сохтмони бинои нотамоми МТМУ №20, барои 160 нафар хонанда ш. Бустон | 700 | 2017 | Вазорати маориф |
| Азнавсозии МТМУ №14 дар ҷ.Бустон | 2500 | 2017 | Буҷети вилоятӣ |
| Сохтмони бинои иловагӣ барои МТМУ №26, ҷамоати Оббурдон | 1000 | 2017 | Вазорати маориф ва илми ҶТ |
| Таъмири капиталии МТМУ №27, ҷамоати Оббурдон | 500 | 2018 | Вазорати маориф |
| Таъмири капиталии МТМУ №11, ҷамоати Оббурдон | 500 | 2018 | Вазорати маориф ва илми ҶТ |
| Сохтмони 4 синфхона барои 140 хонанда дар маҳаллаи «Дилкушо», ҷамоати Оббурдон | 300 | 2018 | Вазорати маориф ва илми ҶТ |
| Сохтмони бинои иловаги барои МТУА №9, барои 240 хонанда, ҷамоати Палдорак | 1000 | 2017 | Вазорати маориф ва илми ҶТ |
| Таъмири капиталии МТМУ №8, ҷамоати Палдорак | 300 | 2017 | Буҷети вилоятӣ |
| Таъмири капиталии МТМУ №13, ҷамоати Палдорак | 300 | 2017 | Буҷети вилоятӣ |
| Сохтмони филиал барои 140 нафар хонанда ва синфхона барои 180 нафар хонанда дар МТМУ №19 ҷ.Навбаҳор | 300 | 2017 | Буҷети вилоятӣ |
| Сохтмони синфхона барои МТМУ №32, барои 140 хонанда ҷ.Навбаҳор | 300 | 2016 | Буҷети вилоятӣ |
| Сохтмони синфхона барои МТМУ №19, барои 180 хонанда ҷ.Навбаҳор | 400 | 2017 | Буҷети вилоятӣ |
| Сохтмони синфхона барои МТМУ №21, барои 80 хонанда ҷ.Навбаҳор | 200 | 2016 | Буҷети вилоятӣ |
| Таъмири капиталии МТМУ №7, шаҳраки Суғдиён | 500 | 2016 | Вазорати маориф |
| Таъмири кӯдакистони №7 ҷ.д. Оббурдон | 100 | 2016 | Буҷети маҳаллӣ |
| | | | |
| Ҷамъ: | 9200 | | |

**Маълумоти ғайримактабӣ.** Ҷавонписарон ва духтарони ноҳия имконият доранд, ки маълумоти ғайримактабиро доро бошанд. Дар ноҳия инфрасохтори варзишӣ ва фарҳангии тараққикарда нест. Тақрибан 1300 нафар бачагон ва наврасон дар сексияҳои гуногуни варзишӣ иштирок менамоянд.

**Маълумоти миёнаи касбӣ.** Дар ноҳия ду муассисаи давлатии таълимии (МДТ) Коллеҷи кишоварзии Мастчоҳ ва Коллеҷи омӯзгорӣ, Литсейи касбии саноатӣ кишоварзӣ, фаъолият менамоянд.

Коллеҷи кишоварзии Мастчоҳ бо қарори Шӯрои иқтисодии Осиёи Миёна (САЭС) ва қарори Комиссариати халқии ҶШС Ӯзбекистон №3 аз 9 октябри соли 1928 дар шаҳри Хуҷанд техникуми хоҷагии деҳот таъсис ёфт ва аз 28 апрели соли 1929 баъди ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳшавии округи Хуҷанди ҶШС Ӯзбекистон номи омӯзишгоҳ техникуми марказии хоҷагии деҳоти Тоҷикистонро гирифт. Соли 1943 техникуми хоҷагии қишлоқи Ленинобод, соли 1960 совхоз-техникуми ба номи В.И.Ленини ноҳияи Мастчоҳ, аз 1 августи соли 1993 совхоз-коллеҷи ноҳияи Мастчоҳ, аз соли 1998 коллеҷи кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 таҳти рақами 591 Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи кишоварзии Мастчоҳ» номбар карда мешавад.

Ба 1 сентябри соли 2015 ба донишҷӯён 39- нафар омӯзгорон дарс мегӯянд, аз ҷумла 4 нафарашон занон мебошанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 31 нафари онҳо омӯзгорони асосӣ, 8 нафар омӯзгорони ҳамкор мебошанд. Аз ҷумла 9 нафар Аълочиёни маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 нафар омӯзгорони дараҷаи олӣ мебошанд. Аз 39 нафар омӯзгорон 18 нафарашон баробари доштани маълумоти олии касбӣ, дорои маълумоти педагогӣ мебошанд.

Алҳол дар муассиса 688 нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд, ки 71 нафарашон духтарон мебошанд.

Дар коллеҷ 80 синфхона, аз ҷумла 34 кабинетҳои таълимӣ мувофиқи имкониятҳои дохилӣ таҷҳизонида шудаанд ва ба талаботи замони ҳозира нисбатан ҷавоб дода метавонанд. Кабинетҳои компютерӣ 3 адад буда, бо 25 адад компютер ҷиҳозонида шудаанд, ки нисбатан кам мебошад. Барои босифат гузаронидани дарсҳои таълимӣ 20 адад компютер, 4 адад доскаҳои электронӣ ва 4 адад проектор зарур аст.

Хобгоҳ ва ошхонаи коллеҷ таъмирталаб буда, солҳои охир дар онҳо таъмири куллӣ гузаронида нашудааст.

Биноҳои устохонаҳои таълимӣ корношоям буда, аз собиқ техникум мерос мондааст. Барои босифат гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ дастрас намудани техникаҳои кишоварзӣ зарур мебошад.

Қубурҳои оби нушокӣ тамоман корношоям мебошад. Дар устохонаҳои таъмирӣ донишҷӯён касбҳои харротӣ, челонгарӣ, кафшергарӣ, таъмири трактору автомобилҳоро омӯхта малака пайдо мекунанду ба иловаи маълумоти миёнаи касбӣ соҳиби касбҳои «Челонгар», «Кафшергар», «Ронандаи трактор», «Ронандаи автомобил» мегарданд. Дар баробари ин аз сабаби кӯҳнаю фарсуда шудани аёнияту макетҳои таълимӣ сифати таълим хеле паст мебошад. Аз ин лиҳоз аёниятҳо, макетҳо, нақлиёти ронандагӣ ва дигар лавозимотҳои таълимии нав дастрас намудан лозим аст. Барои гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои ихтисоси тибби байторӣ умуман озмоишгоҳ амал намекунад.

Барои мувофиқи талабот ҷиҳозонидани синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳо, маблағи муайян лозим аст. Барои пурра таъмир намудани иншоотҳои дохили коллеҷ, маблағҳои ҷудошуда нокифоя мебошанд.

Коллеҷ дорои 120 га заминҳои хоҷагии таълимӣ мебошад, ки дар ин майдонҳо зироатҳои гуногуни кишоварзӣ парвариш карда мешаванд. Қайд кардан ба маврид мебошад, ки аз сабаби фарсуда будани техникаҳои кишоварзӣ ва саривақт коркард нашудани заминҳо аз зироатҳои киштшудашуда ҳосили дилхоҳ ба даст оварда намешавад.

Қабули донишҷӯён тибқи иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шаҳодатнома оиди аккредитатсияи давлатӣ ба шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона аз рӯи ихтисосҳои зерин ба роҳ монда шудааст:

2-740601.01- **Таъмини истифодабарии техникаи кишоварзӣ** – таҳсил аз ҳисоби буҷаи давлат ва шартномавӣ, шаҳодатномаи челонгари дараҷаи 3, тракторчии категорияи «А» «В», ронандаи автомобили категорияи «В» «С» ва дипломи техник-механик дода мешавад.

2-740302- **Тибби бойторӣ** – таҳсил аз ҳисоби буҷаи давлат ва шартномавӣ, шаҳодатномаи техник-осеменатор, дипломи фелдшери тиббӣ ва бойтор дода мешавад.

2-250135- **Ҳисоби муҳосибӣ, таҳлил ва назорат** – таҳсил аз ҳисоби буҷаи давлат

ва шартномавӣ, шаҳодатномаи ҳисобчӣ, оператори техникаи ҳисоббарор ва дипломи муҳосиб дода мешавад.

2-740201- **Агрономӣ** – таҳсил аз ҳисоби буҷаи давлат ва шартномавӣ, шаҳодатномаи устои зироаткор, тракторчии категорияи «А» «В» ва дипломи агроном зироатпарвар дода мешавад.

2-740631.02 – **Таъмини барқии соҳаи кишоварзӣ** – таҳсил аз ҳисоби буҷаи давлат ва шартномавӣ, дипломи техник-электрик дода мешавад.

2-440101.32 – **Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ** – таҳсил тариқи шартномавӣ буда, тахассуси техник доир ба ташкил ва идоракунӣ дода мешавад. 2-560101- **Заминсозӣ** – таҳсил тариқи буҷаи давлат ва шартномавӣ буда, тахассуси техник-заминсоз дода мешавад.

Мӯҳлати таҳсил дар шӯъбаи рӯзонаи коллеҷ баъди таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9) – 4 сол, баъди таҳсилоти умумӣ (синфи 11) – 3 сол; дар шӯъбаи ғоибона баъди таҳсилоти умумӣ (синфи 11) – 3 солу 6 моҳ мебошад.

Дар коллеҷ 80 синфхона, аз ҷумла 34 кабинетҳои таълимӣ таҷҳизонида шудаанд ва ба талаботи замони ҳозира пурра ҷавоб дода метавонанд. Кабинетҳои компютерӣ ба 3 адад расонида шуда, пурра бо 25 адад компютерҳои ҳозиразамон, принтерҳо ва ғайра ҷиҳозонида шудаанд.

Дар устохонаи таъмирӣ донишҷӯён касбҳои харротӣ, челонгарӣ, кафшергарӣ, таъмири трактору автомобилҳоро омӯхта малака пайдо мекунанду ба иловаи маълумоти миёнаи касбӣ соҳиби касбҳои «Челонгар», «Кафшергар», «Ронандаи трактор», «Ронандаи автомобил» мегарданд. Иловатан донишҷӯён дар майдонҳои таълимию истеҳсолӣ, ки масоҳаташ 112 гектар мебошад, малакаи касбӣ пайдо мекунанд.

Ҳамаи дастовардҳои таълимӣ ва истеҳсолии МДТ «Коллеҷи кишоварзии Мастчоҳ» шароити мусоиде пайдо намудааст, ки дар заминаи он филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

Маъмурияти Коллеҷ ният дорад, ки баҳри боз ҳам беҳтар намудани шароити таълиму тарбия, гирифтани даромади бештар аз ҳисоби хоҷагии ёрирасон корҳои зеринро ба анҷом расонад:

**Ҷадвали №46. Корҳои таъмири ободонии Коллеҷи кишоварзӣ давоми солҳои 2016-2020;**

| № б/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Маблағҳои пешбинӣ шуда ҳазор сомонӣ | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таъмири биноҳои таълимӣ, хобгоҳҳо, ошхона ва озмоишгоҳҳо | с. 2017 | 200 | Буҷети вилоятӣ |
| 2. | Сохтмони фермаи чорводорӣ барои 50 сар ЧКШ | с. 2018 | 50 | Аз ҳисоби маблағҳои истеҳсолӣ |
| 3. | Харидори намудани техника ва воситаҳои нақлиёти таълимӣ барои донишҷӯён (2 адад трактор ва 2 адад автомашина) | с. 2018 | 250 | Буҷети вилоятӣ |
| 4. | Таъмин намудани хобгоҳҳо бо мизу курсӣ вар ахти хоб | с. 2017 | 30 | Аз ҳисоби маблағҳои истеҳсолӣ |
| 5. | Таҷҳизонидани озмоишгоҳҳо ба асбобу дастгоҳҳои замонавӣ | с. 2016 | 35 | Аз ҳисоби маблағҳои истеҳсолӣ |
| 6. | Таъмин намудани оби ошомидани барои хобгоҳҳои донишҷӯён | с. 2018 | 200 | Буҷети вилоятӣ |
| 7. | Ташкил намудани заҳбуру заҳкашҳо | с. 2016 | 20 | Аз ҳисоби |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | дар атрофи заминҳои хоҷагии ёрирасон ва баланд намудани ҳосилнокии зироатҳо | | | маблағҳои истеҳсолӣ |
| 8. | Ташкил намудани маркази зообойторӣ дар маҳаллаи Деҳқонобод | с. 2017 | 50 | Вазорати кишоварзӣ |
| | Ҷамъ | | 835 | |

МДТ «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ» 15 июли соли 1991 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №570 ташкил шудааст. Коллеҷ дар бинои собиқ хобгоҳи Омӯзишгоҳи касбии техникии №35-и ноҳия ҷойгир шудааст.

Алҳол Коллеҷ аз рӯи 6 ихтисос омӯзгор тайёр намуда истодааст. Аз ҷумла «Муаллими синфҳои ибтидоӣ», «Муаллими забони русӣ». «Муаллими забони англисӣ», «Муаллими забон ва адабиёти тоҷик», «Муаллими биология» ва «Муаллими фанни математика» дар ду шӯъба (рӯзона ва ғоибона) мутахассис тайёр менамояд.

Дар гурӯҳҳои рӯзона 305 нафар ва дар шӯъбаи ғоибона 314 нафар ҷамъ 619 нафар донишҷӯён таҳсил намуда истодаанд. Коллеҷ дорои ду бино, яке сеошёна ва дигаре дуошёнагӣ мебошад, ки дар онҳо 22 синфхона, 1- озмоишгоҳ, 1-китобхона, 1-ҳуҷраи бойгонӣ, маҷлисгоҳ барои 250 нафар, 1 хонаи омӯзгорон, 1-хонаи методӣ ва 10 утоқи корӣ ҷойгир аст. Ҳарчанд бо истифодаи маблағҳои худӣ биноҳо қадри имкон таъмир шуда бошанд ҳам, аммо боми бинои дуюм таъмирталаб мебошад. Бинобар набудани хобгоҳ ошёнаи 2-юми бинои таълимӣ ҳамчун хобгоҳи духтарон истифода мешавад, Писаронро бошад бо хобгоҳ таъмин намудан аз нарасидани бино ғайриимкон мебошад. Бинобарин зарурияти бо як бинои хобгоҳи алоҳида, таҷҳизонидани синфхонаи компютерӣ, озмоишгоҳи фанҳои химия ва физика Коллеҷ эҳтиёҷ дорад. Маъмурияти Коллеҷ дар оянда ният дорад ихтисосҳои нав, аз қабили муаллими фанни физика ва фанни химмияро низ ба роҳ монад. Айни ҳол Коллеҷ дар шаҳри Истиқлол ва дар ноҳияи Ғончӣ гурӯҳҳои мақсаднок таъсис додааст, ки дар онҳо ба таври ғоибона омӯзгорон тайёр шуда истодаанд. Минбаъд дар ҳолати беҳтар намудани заминаи моддӣ техникии Коллеҷ шароити мусоиде фароҳам меояд, ки Коллеҷи имрӯза ба филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Устод Садриддин Айнӣ табдил дода шавад.

Маъмурияти Коллеҷ дар ҳамкори бо вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати маорифи вилояти Суғд давоми солҳои минбаъда таъмиру тармим ва харидори намудани дастгоҳу таҷҳизотҳои зеринро ба роҳ монад:

**Ҷадвали №47. Корҳои таъмири ободонии Коллеҷи омӯзгорӣ давоми солҳои 2016-2020;**

| № б/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Маблағ барои иҷроиш ҳ.с. | Сарчашмаи сармоягузорӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таъмири боми асоси | с.2017 | 300 | Ваз. маориф |
| 2. | Сохтмони бино барои донишҷӯён | с.2019 | 1000 | Ваз. Маориф |
| 3. | Таҷҳизонидани синфҳои компютерӣ | с.2016 | 100 | Раёс.маорифи вилоят |
| 4. | Таҷҳизонидани синфҳои химия | с.2017 | 100 | Раёс.маорифи вилоят |
| 5. | Таҷҳизонидани синфҳои физика | с.2018 | 100 | Раёс.маорифи вилоят |
| | Ҷамъ | | 1600 | |

**Литсейи касбӣ саноати кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ.** Муассисаи давлатии таълимӣ буда, бо қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 1960, ҳамчун Омӯзишгоҳи касбии техникии №35-и ноҳияи Мастчоҳ таъсис дода шудааст.
Литсей муассисаи давлатии таълимӣ буда, дар ҳайати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро барои гирифтани маълумоти ибтидоии касбӣ таъмин менамояд.

Дар литсей 40 нафар омӯзгорони ботаҷриба, 25 нафар устоҳои таълими истеҳсолӣ ва 51 нафар корманди махсуси техникӣ ба омӯзонидани касбҳои номбаршуда ва тарбияи хонандагон машғул мебошанд.

Литсей дар соли хониши 2015-2016 464 нафар, аз ҷумла 54 нафар духтаронро ба таълим фаро гирифтааст.

Литсей асосан аз рӯи касбҳои зерин ҷавонписарон ва духтаронро қабул намуда, кадрҳои коргарии баландихтисосро тайёр менамояд:

1. Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ бо касби иловагии ронандаи автомобили дараҷаи «С»,
2. Кафшергари газӣ - барқӣ
3. Системаи компютерӣ ва интернет – технология.
4. Дӯзанда.
5. Муҳосиб (бо донистани компютер)
6. Монтёри барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ
7. Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бо иловаи ронандаи автомобили дараҷаи «С»

Ба ғайр аз ин дар Литсей курсҳои кӯтоҳмуддат бо ихтисосҳои зерин таълим дода мешаванд:

1. Дӯзанда
2. Кафшергари газӣ – барқӣ
3. Барқчӣ
4. Тракторчӣ
5. Дуредгар
6. Забони русӣ
7. Пешхизмат
8. Забони англисӣ
9. Омӯзиши кор бо компютер
10. Рангуборчӣ
11. Хиштчин
12. Устои бомпӯш
13. Фурӯшанда
14. Ронандаи автомобили дараҷаҳои «В» ва «С»

Дар Литсей ҳуҷраҳои таълимӣ аз рӯи ҳамаи ихтисосҳо, аз ҷумла устохонаҳои таълими истеҳсолӣ, толори маҷлис барои 200 ҷойи нишаст, толори варзишӣ, майдончаи варзишӣ, ошхона ва хобгоҳ мавҷуд аст.

Дар литсей 4 адад автомашина, 3 адад тракторҳои гуногун тамға, барои таълими амалии хонандагон ва корҳои саҳроии хоҷагии таълимии литсей истифода бурда мешаванд.

Ғайр аз ин, дар литсей ҳамчун хоҷагии ёрирасон 45 гектар замин мавҷуд ҳаст, ки аз он 40 га заминҳои мазраи обӣ мебошад. Дар он хонандагон аз рӯи ихтисоси тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ, таълими амалӣ мегиранд.

**Мушкилоти асосии Литсейи касбӣ саноатӣ кишоварзӣ;**

1. Таъмирталаб будани боми толори маҷлис, толори варзишӣ, хобгоҳ ва устохонаи таълимӣ.
2. Ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набудани воситаҳои таълимӣ – тракторҳо ва мошинҳои кишоварзӣ, автомошинаҳо (Газ-53, ЗИЛ - 130), мошинаҳои либосдӯзӣ, таҷҳизотҳои кафшергарии газӣ – барқи ҳозиразамон ва воситаҳои аёнии таълимӣ. бинобар дар ду соли охир зиёд шудани теъдоди хонандагон нарасидани сузишвори барои таълимдиҳии рондани нақлиёт.
3. Норасогии 200 адад курсӣ, 100 адад миз, 5 адад тахтаи синфӣ, 10 адад компютер, 12 адад ҷевонҳои китобгузорӣ, 10 адад мошинаҳои либосдӯзӣ ва инчунин китобҳои дарсӣ ва бадеӣ.
4. Дар хобгоҳ барои 50 ҷой норасогии кату ҷойи хоб, ҷевонҳои либосовезӣ ва мизу курсии дарсомӯзӣ мушоҳида карда мешавад.
5. Дар ошхонаи литсей муаммои норасогии таҷҳизотҳои барқӣ ва газӣ, ҷиҳати тайёр намудани хӯроки гарм ва яхдон барои нигоҳдоштани маводи хӯрока дар фасли гармои тобистон барои хонандагон ҷой дорад.
6. Синфхонаҳои таълимӣ ба кондитсионер низ эҳтиёҷ доранд.
7. Бинобар зиёд шудани теъдоди хонандагон аз 156 нафар ба 464 нафар зиёд намудани маблағи хурокаи хонандагон.

**Ҷадвали №48. Шумораи хонандагоне, ки дар Литсей дар давоми соли хониши 2013, 2014 ва 2015 маълумоти ибтидоии касбӣ гирифтаанд:**

| № | Номгӯи ихтисосҳо | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Челонгар оид ба таъмири автомобил бо гирифтани шаҳодатномаи ронандагии дараҷаи «С» | 25 | 17 | 47 |
| 2 | Тракторчӣ-машинисти истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, бо гирифтани шаҳодатномаи ронандагии дараҷаи «С» | 14 | - | - |
| 3 | Системаи компютерӣ ва интернет – технология | 25 | 13 | 30 |
| 3 | Дӯзанда | 40 | 11 | - |
| 4 | Кафшергари гази барқӣ | 4 | 14 | 16 |
| 5 | Муҳосиб (бо донистани компютер) | - | 6 | 11 |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | **Ҷамъ** | **108** | **61** | **104** |

## 3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

Системаи таъминоти нафақа, шуғли аҳолӣ, муҳоҷират, расонидани кӯмаки суроғавӣ, нишонавӣ ба табақаҳои осебпазир ва камбизот самтҳои асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мебошанд.

**Аҳолии қобили меҳнат.** Зиёдшавии шумораи аҳолӣ давоми солҳои 2010-2014 ба ҳисоби миёна 12,9 фоизро ташкил медиҳад, ки ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита мерасонад. Ба 1 январи соли 2015 аҳолии ноҳия 110719 нафарро ташкил медиҳад,ки аз ин шумора аҳолии синни аз 15 то 29 сола 38300 нафар (34,6 фоизи шумораи умумии аҳолӣ) ва шумораи бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ расман ба қайд гирифташуда 578 нафарро

(0,52 фоизи шумораи умумии аҳоли) ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии аҳолӣ 43,8 фоизашон (63958 нафар) захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали №49. Маълумот оид ба захираҳои меҳнатии ноҳия дар солҳои 2012-2014;**

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумора (ба 01.01.) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Хоҷагии аҳолӣ | хоҷагиҳо | 12222 | 12354 | 16079 |
| 2 | Аҳолӣ (аз он ҷумла) | нафар | 107400 | 110300 | 110715 |
| 2.1 | Мардҳо | нафар | 55984 | 56629 | 57239 |
| 2.2 | Занҳо | нафар | 51416 | 53671 | 53476 |
| 2.3 | Кӯдакони то сини 14 сола | нафар | 44893 | 45223 | 44950 |
| 2.4 | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 51653 | 53624 | 65765 |
| 2.5 | Гурӯҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло) | нафар | 10854 | 11453 | 12289 |
| 3 | Шумораи кӯдакони нав таваллудёфта | нафар | 3068 | 3371 | 3676 |
| 4 | Шумораи фавтидагон | нафар | 404 | 379 | 393 |
| 5 | Муҳоҷирони меҳнатӣ | нафар | 8200 | 9500 | 10300 |
| 6 | Аҳолии қобили меҳнати бешуғл (ҳамаи табақаҳо) | нафар | 26700 | 27800 | 29088 |
| 7 | Бекорон (расман бақайдгирифта) | нафар | 496 | 526 | 578 |
| 8 | Аҳолии ба кор машғулбуда (аз он ҷумла) | нафар | 33078 | 33984 | 34816 |
| 8.1 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи саноат | нафар | 1215 | 1403 | 1262 |
| 8.2 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи сохтмон | нафар | 65 | 49 | 42 |
| 8.3 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи кишоварзӣ | нафар | 27342 | 27498 | 28518 |
| 8.4 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи алоқа ва нақлиёт | нафар | 46 | 54 | 48 |
| 8.5 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи тиҷорат ва хӯроки умумӣ | нафар | 186 | 209 | 263 |
| 8.6 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи хоҷагии коммуналӣ ва хизматрасонии маишӣ | нафар | 22 | 14 | 16 |
| 8.7 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи маориф | нафар | 2812 | 2886 | 2899 |
| 8.8 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи тандурустӣ, варзиш, илм ва фарҳанг | нафар | 929 | 934 | 939 |
| 8.9 | Шумораи коргарони кироя дар корхонаҳои молиявӣ ва қарздиҳӣ | нафар | 167 | 182 | 244 |
| 8.10 | Шумораи коргарони кироя дар мақомоти идоракунӣ | нафар | 236 | 239 | 235 |
| 8.11 | Дигар соҳаҳо | нафар | 58 | 516 | 350 |
| 9 | Оилаҳое, ки ҷубронпулии оилавӣ барои газу барқ мегиранд | оила | 1929 | 2220 | 2476 |
| 9.1 | Шумораи кӯдаконе, ки ҷубронпулӣ мегиранд | нафар | 12800 | 15511 | 16855 |
| 10 | Шумораи умумии нафақахӯрон | нафар | 7717 | 8015 | 7625 |
| 10.1 | Шумораи пиронсолон | нафар | 4897 | 5122 | 4956 |
| 10.2 | Шумораи бесаробонон | нафар | 611 | 584 | 576 |
| 10.3 | Шумораи нафақахурони машғули кор | нафар | 220 | 218 | 213 |
| 11 | Шумораи умумии маъюбон | нафар | 1179 | 1147 | 1066 |
| 11.1 | Маъюбони модарзод ва кӯдакони маъюб | нафар | 646 | 730 | 814 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши аҳолӣ соли 2014 дар қиёс ба соли 2010 – 8,5 % ва шумораи хонавода 5,5%, зиёд шудааст. Дар тӯли солҳои таҳлилӣ шумораи миёнаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 5,5% зиёд шудааст.

**Ҷадвали №50. Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт расман машғулбуда (кормандони асосӣ);**

| № | Соҳаҳо | Соли 2014 (нафар) |
|---|---|---|
| 1 | Саноат | 1403 |
| 2 | Савдо ва хуроки умумӣ | 209 |
| 3 | Сохтмон | 49 |
| 4 | Органҳои роҳбарикунанда | 239 |
| 5 | Тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ | 934 |
| 6 | Маориф | 2886 |
| 7 | Хочагии манзилӣ-коммуналӣ | 16 |
| 8 | Алоқа | 19 |
| 9 | Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инфиродӣ | 27498 |
| 10 | Нақлиёт | 35 |
| 11 | Фарҳанг ва санъат | 124 |
| 12 | Молия, суғурта ва бонк | 188 |
| 13 | Ҷамъиятҳо, корхонаҳои хурд ва ширкатҳо | 35 |
| 14 | Дигар соҳаҳо | 47 |
| 15 | Ҳамчунин соҳибкорон | 302 |
| 16 | Хизматчиёни ҳарбӣ | - |
| | **Ҳамагӣ:** | 33984 |

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Аҳолии қобили меҳнати бешуғл дар ноҳия соли 2014 29088 нафар мебошад, ки ин 45,6 фоизи захираҳои меҳнатиро ташкил дода, 35,4 фоизи он ё худ 10300 нафар дар муҳоҷирати меҳнатии беруна қарор доранд ва танҳо 15-20 фоизи он ба бозори дохилӣ ворид шудаанд. Муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ солҳои сипаригашта дар ноҳия барои дарёфти ҷойи кор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳимеро мебозад. Яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳо аз ҳисоби муҳоҷирон сурат мегирад. Эҳтимол аст, ки дар соли 2016 шумораи муҳоҷирони меҳнатии беруна нисбатан кам хоҳад гашт, сабаби асосии он таъсис додани корхонаҳои нави истеҳсолӣ, давом додани таҷдиди хоҷагиҳои деҳқонии калонҳаҷм мебошад.

Бозори расмии меҳнатии ноҳия наметавонад бо бозори меҳнатии ғайрирасмӣ (мардикорбозор) рақобат намояд. Чунки дар бозори расмии меҳнат музди меҳнат дар сатҳи нисбатан паст қарор дорад, ҳол он ки як мардикор дар як рӯз метавонад аз 70 то 100 сомонӣ маблағ ба даст орад, дар ҳолате, ки музди меҳнати як нафар корманди соҳаҳои истеҳсчолӣ ба ин андоза баробар нест. Бинобар ин, зарур аст, ки дар сохторҳои расмӣ ҳаҷми маоши коргарон зиёд карда шавад ва дар он сурат, метавон ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуд.

Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳия барои солҳои 2016-2020, дар асоси ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия гардида, мақсади асосии он баланд бардоштани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои нисбатан нодори аҳолӣ, бахусус бекорон мебошанд.

**Ҷадвали №51. Вазъи имрӯза дар шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли ахолӣ дар ноҳия;**

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 1630 | 1850 | 2510 |
| Таъмини бекорон бо кори доимӣ | 736 | 828 | 962 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ташкили корҳои фардии соҳибкорӣ бо бекорон тавассути додани қарзҳои имтиёзнок | 66 | 85 | 101 |
| Омӯзиши касбӣ ва бозомӯзии бекорон | 875 | 1065 | 1235 |
| Ташкили корҳои ҷамъиятӣ бо бекорон | 110 | 132 | 159 |
| Гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ | 3 | 2 | 3 |

Дар соли 2014 мувофиқи Барномаи мазкур таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии бо кор таъмин намудани бекорон муайян гардидааст ва дар ин замина 2510 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуда 962 нафар бо кори доимӣ таъмин, 1235 нафар шаҳрвандони бекор ба касбомӯзӣ равона карда шуда, 159 нафар бо корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда шуданд.

**Таъсиси ҷойҳои нави корӣ.** Бо назардошти сол аз сол зиёдшавии аҳолӣ, зиёд гаштани аҳолии қобили меҳнат, зарурати барқароркунии иқтидори корхонаҳои аз кор баромада, сохтмони нав, корҳои фардӣ ба назар гирифта шудааст.

**Ҷадвали №52. Дурнамои рушди иҷтимоӣ барои солҳои 2016-2020;**

| Нишондиҳандаҳо | с2014 – ҳисобот | с2015-баҳодиҳи | Дурнамо | | | | | 2020 бо % нисбат и соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Захираҳои меҳнатӣ | 63958 | 64088 | 65510 | 66300 | 66800 | 67700 | 68500 | 107,1 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулбудагон - ҳамагӣ | 34870 | 35300 | 35760 | 36200 | 36700 | 37300 | 38000 | 108,9 |
| аз ҷумла истеҳсол. моддӣ | 30100 | 30470 | 30900 | 31300 | 31700 | 32200 | 32700 | 108,3 |
| Саноат | 1770 | 1158 | 2100 | 2350 | 3000 | 3500 | 4000 | 226,0 |
| Кишоварзӣ | 28000 | 28200 | 28400 | 28500 | 28800 | 29200 | 29500 | 105,3 |
| Сохтмон | 103 | 120 | 130 | 140 | 170 | 200 | 230 | 223,3 |
| Нақлиёту алоқа | 20 | 30 | 35 | 40 | 45 | 50 | 60 | 300,0 |
| Савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ | 210 | 220 | 225 | 230 | 250 | 280 | 300 | 142,8 |
| дигар соҳаҳо | 4790 | 4800 | 4830 | 4850 | 4900 | 5100 | 5500 | 114,8 |
| Аз шумораи машғулбудагон: | | | | | | | | |
| - дар корхонаю ташкилоти бахши давлатӣ | 4790 | 4800 | 4830 | 4850 | 4900 | 5000 | 5200 | 108,5 |
| - бахши коллективӣ | 29775 | 29800 | 30100 | 30450 | 30800 | 31250 | 31600 | 106,1 |
| - дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият | 190 | 195 | 200 | 210 | 230 | 250 | 300 | 157,9 |
| - дар бахши хусусӣ (бо назардошти хоҷагии шахсӣ) | 245 | 250 | 255 | 260 | 270 | 290 | 310 | 126,5 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулнабудагон | 29088 | 29430 | 29750 | 30100 | 30200 | 30250 | 30300 | 104,2 |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ | 5640 | 5720 | 5800 | 6000 | 8500 | 9500 | 10500 | 186,2 |
| Шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз марзи ҷумҳурӣ ҳиҷрат намуданд ( нафар) | 5640 | 5720 | 5800 | 5950 | 8500 | 9300 | 10400 | 184,4 |
| **Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият - ҳамагӣ (ҷои корӣ)** | **2510** | **2600** | **2750** | 4500 | **6500** | **7000** | 8000 | 318,7 |

Ҳамзамон дар ноҳия дар доираи барномаи мазкур, аз ҳисоби ташкил намудани боғи сиёҳолу дар майдони 3000 га ҷойи корӣ барои 6000 нафар аз ҳисоби корхонаҳои нави саноатӣ бештар аз 1000 ҷойи нави корӣ, ривоҷи соҳибкории хурду миёна бештар аз 800 ҷойи нави корӣ ҷамъ наздик 8000 ҷойи кории нав ба мардум пешкаш карда мешавад.

***Табақаи осебпазири аҳолӣ.*** Дар ноҳия соли 2014 7625 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шудаанд, аз ҷумла 4956 нафар нафақахӯрони пиронсол аз руи собиқаи меҳнатӣ, 1066 нафар нафақахӯрони маъюб, 576 нафар аз руи бесаробонӣ ва 1027 нафар нафақахӯрони нафақаи иҷтимоӣ таъиншудагон (пиронсолӣ, маъюбӣ, бесаробонӣ).

Маблағе, ки аз буҷети ноҳия барои ҳифзи иҷтимоӣ ҷудо карда мешавад, асосан барои пардохти кумакпулии яквақта барои шахсони дар садамаи Чернобел зарар дида, мукофотпулӣ барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод, сарф мегардад.

**Ҷадвали №53. Шумораи нафақахӯрони пирони барҷомондаю ниёзманд ва яккаву танҳо дар соли 2014 (нафар);**

| № | Нишондиҳандаҳо | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ | 11 |
| 2 | Маъюбони гурӯҳи 1,2,3 | 1066 |
| 3 | Нафақахӯрони бистарӣ | 135 |
| 4 | Дигарон | 6412 |
| | Тақсимот аз рӯи миллат | |
| 1 | Тоҷикон | 6205 |
| 2 | Русҳо | 50 |
| 3 | Дигар миллатҳо | 20 |
| 4 | Узбекҳо | 1350 |
| | Аз рӯи ҷинсият | |
| 1 | мардҳо | 3050 |
| 2 | занҳо | 4575 |

### 3.4. Фарҳанг ва варзиш;

Аҳли фарҳанги ноҳия фаъолияти худро барои таълиму тарбияи насли наврас, ҷавонон ва фарзандони меҳнаткашони ноҳия равона намуда баҳри дар қалби онҳо бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан, шинос намудан бо оламИ санъату фарҳанги миллӣ, баланд бардоштани маънавиёти мардум, тарғибот ва ташвиқоти арзишҳои маънавиии ниёгон равона намуда истодааст. Дар ноҳия 6 хонаи фарҳанг, 2 клуб, 18 китобхонаҳои оммавӣ, мактаби бачагона санъат, ансамбли фолклорӣ – этнографии “Нақш”, ансамбли халқии “Табассум”, театри халқии ноҳия ва боғи фарҳангию истироҳатӣ амал менамоянд. Мактаби бачагонаи санъати ноҳия ягона маскани таълим аст, ки ба фарзандони меҳнаткашони шаҳраку деҳоти ноҳия аз санъати мусиқӣ сабақ дода, бо олами рангини санъат шинос менамояд ва мутахассисони бомаҳоратро тарбия намуда, муассисаҳои фарҳангии ноҳияро бо кадрҳои ҳунарманд таъмин менамояд. Мактаби мазкур соли 1974 ташкил шудааст. Дар давоми 41 сол онро зиёда аз 227 нафар дилбохтагони санъат хатм намудаанд. Аксарияти онҳо дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия фаъолият бурда истодаанд. Дар мактаб тахассусҳои рубоби қашқарӣ, най, рассомӣ, ғиҷҷак, дойра, мақом, фортепиано, омӯзиши компютерӣ ва гурӯҳи театрӣ амал мекунад. Айни ҳол 196 нафар, аз ҷумла-52 нафар духтарон сирру асрор ва нозукиҳои санъатро меомӯзанд. Ба онҳо 24 нафар омӯзгорони ботаҷриба аз рӯи 11 ихтисос таълим медиҳанд, ки 9 нафари онҳо дорои маълумоти олии махсус, 14 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус, 1 нафар дорои

маълумоти миёнаи мусиқӣ ба толибилмон дарс мегӯянд. Мактаб бо компютерҳо пурра таъмин нагардидааст. Толибилмони мактаб дар фестивал озмунҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Ансамбли фолклорӣ-этнографии «Нақш» аз соли 1988 инҷониб дар назди хонаи маданияти ҷамоати Мастчоҳ ва аз соли 2010 дар назди Филармонияи халқии ба номи Рустамбек Ботурови ноҳия амал мекунад. Ташаббускори ин дастаи халқӣ Маҳмадшариф Шодиев буда, бо дастгирии ҳамкасбонаш – санъат- дӯстони хонаи маданияти ҷамоати Мастчоҳ Азизмаҳмад Шодиев, Маҳмадсаид Назаров, Абдуфаттоҳ Қурбонов, муаллима Шодиева Гулнур ва дигарон иборат аз 22 нафар созмон дода шуд. Номи ансамбл аз сурудҳои мардуми Мастчоҳ «Нақш» гирифта шудааст. Чанде нагузашта овозаи «Нақш» дар байни мардуми ноҳия ва берун аз он паҳн шуд. Сурудҳои «Майда», рубоихонӣ бо панҷ сабк, рақсҳои «Ҷавлон», «Нақши туёна», «Остин», ки аз нахустин падидаҳои барномаи «Нақш» мебошанд, ба ҳар бинанда таасуроти амиқе боқӣ хоҳад гузошт.

Мақсади гурӯҳи ҳунарии «Нақш» на танҳо эҳё ва пешкаши мардум гардонидани рақсу сурудҳои ниёгони маҳал аст, ҳамчунин тавассути саҳна нишон додани либос, расму оини маҳаллу диёр низ мебошад. Ҳатто, бозиҳои миллии қадимаи тоҷикӣ ва маросимҳои тӯю маросимҳо бо тамоми хусусияташон аз мадди назар дур намондааст. Қисме аз анъанаҳои санъати миллии мардуми кӯҳистон маҳз бо ташаббуси ансамбли «Нақш» зинда шуданд. Ин кори хайр тавассути кӯшиши ҳунармандони нахустини «Нақш» Абдуфаттоҳ Қурбонов, Маҳмадшариф Шодиев, Азизмаҳмад Шодиев, Маҳмадсаид Назаров, ҳофизон навозандагон ва раққосаҳои ин дастаи ҳунарӣ: Рӯзибой Бобоев, Рӯзибой Имомов, Сабурҷон Зокиров, Ҷумъабой Ҳасанов, Шехмаҳмад Розиқов, Одинамаҳмад Содиқов, Обидҷон Ҳофизов, Маликмуттаҳар Раҳматов, Иномҷон Ғойибов, Саидумар Умаров, Маъруф Ҷураев, Туйчибой Шарифов, Зафар Азизов, Абдулоиқ Шафиев, Баҳодур Алиев, Рустам Бадиев, Соирамо ва Танзиламо Шодиеваҳо, Меҳрӣ Мирова, Шаҳноза Тоирова, Мавҷуда Қурбонова, Сулаймонбек Шарифов ва ғайраҳо мебошанд.

Ансамбли «Нақш» чун дастаи этнографию фолклорӣ бо консертҳо, сафарҳои ҳунарӣ ва ширкат дар озмунҳои мухталиф маълуму машҳур гардидааст:

Ҷои дуюм дар озмуни вилоятии «Ганҷинаҳои эҷодиёти халқ» ва нахустин сабти телевизиони тоҷик (соли 1988)».

Иштирок дар фестивали байналхалқӣ дар ш.Маскав ба шарафи 70-солагии Комсомоли Ленинӣ, ноябри соли 1988.

Октябри соли 1988 иштирок дар фестивали дастаҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Майи соли 1990 баромад дар фестивали Осиёмиёнагӣ ба ифтихори 1400-солагии Борбади Марвазӣ, дар шаҳри Панҷекент.

Дар ноҳияи Мастчоҳ соли 1991 фестивали ҷумҳуриявии «Нақшу сурудҳои туёна» баргузор гардид, ки «Нақш» ғолиби озмун дониста шуд.

Соли 1994 ғолибият дар озмуни ҷумҳуриявӣ-телевизионии эҷодиёти халқ «Ганҷина» ноҳияи Мастчоҳ 95-хол, Хуҷанд 89-хол, Шаҳристон 79 – хол.

Соли 2000-ум бахшида ба 55-солагии ҷашни Ғалаба озмуни Ҷумҳуриявии телевизионии «Родмардони Ватан» баргузор гардид, ки ансамбли «Нақш» ғолиби озмун дониста шуд.

Соли 2001 иштироки ансамбли халқии фолклории «Нақш» дар фестивали байналхалқии «Суруди сулҳ» бахшида ба 3000-солагии шаҳри «Уш»-и Ҷумҳурии Қирғизистон.

Соли 2006 иштирок дар фестивали байналхалқии «Фалак» бахшида ба 2700 солагии ш.Бостонии Кӯлоб.

Соли 2008 иштирок дар ҷашни 1150-солагии Оламшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо унвони «Созу рози ҷавонӣ», дар фестивал – озмуни телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2008».

Соли 2011 гурӯҳи мазкур дар барномаи ҷамъбастии Наврӯзӣ, ки дар боғи миллии вилояти Суғд барузор гардид, бо сюитаи рақсии «Ҷавлон», баромад карда сазовори таҳсину офарини Президенти Ҷумҳуриамон Эмомалӣ Раҳмон гаштанд.

Моҳи сентябри соли 2012 дар Ҷумҳурии Туркманистон фестивали байналхалқии «Аваза-2012» бо иштироки ҳунармандони 26-кишвари дунё баргузор гардид, ки гурӯҳи фолклории «Нақш» дар ин фестивал баромад намуд.

Соли 2013 иштирокчиёни гурӯҳи мазкур Сабурҷон Зокиров ва Нигора Шодиева сазовори тӯҳфаҳои хотиравии Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардиданд.

Соли равон гурӯҳи мазкур дар Наврӯзи вилоят, ки дар назди Қасри Арбоб баргузор гардид, баромад намуда сазовори тахсину офарини тамошобинон гардиданд. Бо ибтикори Раёсати фарҳанги вилояти Суғд бо мақсади эҳёву таҳким бахшидан ба анъанаҳои мардумӣ, инкишофи санъати қадимаи тоҷик озмуни вилоятии «Нақшхонӣ» ташкил ва гузаронида шуд, ки гурӯҳи мазкур сазовори ифтихорномаи Раёсати фарҳанги вилоят гардид.

Фаъолияти хуби эҷодии ҳайати ансамбли халқии «Нақш»-ро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурӣ ба роҳбари ансамбли халқии «Нақш» Шодиев Маҳмадшариф ва овозхон Зокиров Сабурҷон медали «Хизмати Шоиста», сарояндагон ва навозандагони ансамбли мазкур Шодиев А, Шарипов С, Саидбоқиев И, Ғойибов И, Музаффаров М, Латипов Ҳ, Шодмон С, Сорбон С, Назаров М, Раҳматов М, Неъматов Э, Р.Бадиев-ро бо унвони «Аълочии Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдонӣ намуд.

Ансамбли халқии «Табассум», ки соли 1988 дар назди хонаи фарҳанги ҷамоати Оббурдон таъсис ёфтааст, амал мекунад. Роҳбари гурӯҳи халқиро ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирмӯмин Абдулов ба ӯҳда дорад.

Гурӯҳи «Табассум» дар якҷояги бо театри мардумӣ дар тамоми фестивал-озмунҳо, чорабиниҳои фарҳангии ноҳиявию вилоятӣ ва инчунин ҷумҳуриявӣ иштирок намуда истодааст.

Ҳайати эҷодии дастаи ҳунарии «Табассум» баромадҳои бисёреро ба саҳна гузоштааст, ки чанде аз онҳоро номбар мекунем: «Бори каҷ»-и Саломов, «Олимпиада»-и Маликов, «Дӯсти ҷавон»-и Давлатов, «Обамбреллии»-и Саломов, «Тӯйгардҳо»-и Саломов, «Депутат»-и З.Шафақ, «Сартарош»-и Маликов ва ғайраҳо.

Хулоса, ҳайати эҷодии «Табассум» бо ҳунармандони худ Ҳакимҷон Давлатов, Мулораҳмат Саломов, Ҳайитбой Латипов, Мулораҳим Раҷабов, Азизмаҳмад Шодиев фахр дорад.

Соли 1981 бо қарори Ҳукумати ноҳияи Мастчоҳ барои фаъолияти хуби маҳфили драммавии назди Қасри фарҳанги шаҳраки Бӯстон, аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ театри халқӣ таъсис дода шуд. Театри халқӣ бо намоишномаи Меҳмон Бахтӣ, «Бародарон» фаъолияти эҷодии худро оғоз намуд.

Фаъолияти эҷодии театри халқиро ба инобат гирифта, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурӣ бо қарори худ аз 13 сентябри соли 1983 ба он унвони халқӣ дод. Ҳаваскорони театри халқӣ шахсони касбу корашон гуногун буда, дар пешрафти санъати театрӣ саҳмгузор мебошанд.

Имрӯз саҳнаи театри халқиро ҳаваскорони ҷавон Ҳайитбой Латипов, Мақсуд Раҳмонов, Мулораҳмат Саломов, Азизмаҳмад Шодиев, Сулаймон Шарипов, Ҳакимҷон Давлатов зеб медиҳанд.

Аз соли таъсисёбиаш театри мардумӣ то ба имрӯз зиёда аз 65 асари бисёрпардагиву якпардагӣ ва саҳнаҳои хурди театриву саҳнаҳои ҳаҷвиро ба саҳна гузоштааст.

Дар ноҳия 8 муассисаи фарњангї, аз он ҷумла, 1 Қасри фарҳанги ноҳиявӣ, 5 хонаи фарҳанги деҳот, 2 клуб, ба мардуми ноҳия хизмати маданї мерасонад. Дар онҳо 47 нафар кормандони фарҳанг фаъолият менамоянд. Дар муассисаҳои мазкур 13 нафар бо маълумоти олии махсус, 12 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва 22 нафар бо маълумоти миёна кор мекунанд. Дар муассисаҳои номбурда воситаҳои тақвияти овоз ва мизу курсиҳои корӣ намерасад. Танҳо баландгӯяки Қасри фарҳанг корношоям мебошаду халос. Дар ноҳия 5 хонаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла, хонаи фарҳанги ҷамоати Мастчоҳ, ҷамоати Оббурдон, ҷаомати Палдорак, ҷамоати шаҳраки Бӯстон, ҷамоати Суғдиён тибќи лоиња сохта шудаанд, ки айни замон онҳо таъмирталаб мебошанд. Дар муассисаҳои мазкур асбобҳои мусиқии миллӣ намерасанд. Ғайр аз хонаи фарҳанги ноҳиявї, боқимонда муассисаҳои соња бо либосҳои саҳнавї, таъмин нестанд ва мизу курсиҳо кӯҳна шуда, таъмирталаб мебошад. Дар муассисаҳои номбаршуда, 27 мањфилҳои гуногуни худфаъолиятӣ-бадеї амал мекунад, ки дар он 269 нафар одамони синну сол, касбу кор ва миллати гуногун иштирок менамоянд. Мањфилҳои бачагона 10 то буда, дар он 69 наврасон иштирок менамоянд.

Дар ноҳия 18 адад китобхонаҳои оммавї мавҷуданд, аз љумла 1 китобхонаи маркази ноҳиявї, 1 китобхонаи бачагона, 16 китобхонаҳои деҳот. Китобхонаҳои оммавї пурра марказонида шудаанд. Теъдоди китобњо дар китобхонањо 133986 ададро ва шумораи китобхонон 99372 нафарро ташкил менамояд. Дар китобхонаҳои оммавї 26 нафар кормандон кор мекунанд. Мушкилоти асосии китобхонаҳои оммавї, таъмирталаб будани бинои китобхонаҳо, ба курсиву мизҳои замонавї, рафҳои китобмонї, компютерҳо ва ба адабиётҳои тозанашр ниёз доштани онњо мебошад.

Барои истироҳати маданӣ ва фароғати ҷавонони ноҳия, боғи фарҳангӣ ва истироҳатии ноҳия амал менамояд, ки дар тавозуни бахши фарҳанги ноҳия қарор дорад. Дар боғи фарҳангу фароғатӣ барои истироҳати кӯдакону наврасон таҷҳизотҳои муосири истироҳатӣ вуҷуд надорад. Чархофалак ва дигар атраксионҳо дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, тули солҳои зиёд кор намекунанд.

Ба муносибати эълон гардидани соли фарҳанг ва гулҳо, боғи фарҳанг, ки солиёни зиёд моҳияти аслии худро гум кардаву нообод боқӣ монда буд, дубора ба макони озодаву зебои истироҳатӣ табдил дода хоҳад шуд. Раиси вилоят бо лоиҳаи азнавсозии боғ шинос шуда, аз масъулин тақозо намуд, ки таъмиру таҷдиди онро бо сифати баланд ба роҳ монанд. Барои ин кор аз буҷети вилоятӣ 500 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, ки айни замон корҳои азнавсозӣ идома ёфта истодааст. Чорабиниҳои оммавӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдат, Рӯзи байналмиллалии кӯдакон, ҷашнҳои Наврӯз, солгарди Истиқлолияти давлатӣ дар боғи фарҳангӣ гузаронида шуда, сайру гаштҳои оммавӣ ташкил карда мешаванд.

**Ҷадвали №54. Мушкилотҳои асосӣ дар соҳаи фарҳанги ноҳия;**

| № | Мушкилот | Вазъ ва афзалиятҳо |
|---|---|---|
| 1 | Таъмири биноҳои хонаҳои фарҳанг, воситаҳои техникӣ, асбобҳои мусиқӣ. | Хонаҳои фарҳанг ва клубҳо. |
| 2 | Таъмир ва сохтмони биноҳои китобхонаҳои оммавӣ. | Китобхонаҳои марказӣ, китобхонаҳои оммавии деҳаҳои Мастчоҳ, Суғдиён, Оббурдон, Палдорак. |
| 3 | Таъмин намудани муассисаҳои клубӣ ва воситаҳои техникӣ, асбобоҳои мусиқии миллӣ, либосҳои саҳнавӣ. | Хонаҳои фарҳанги ҷамоати Мастчоҳ, Оббурдон, Суғдиён, Палдорак, Қасри фарҳанг ва клуби Навбаҳор. |

| | | |
|---|---|---|
| 4 | Гирифтани рухсатнома аз Раёсати молияи ноҳия барои воҳидҳои кории посбон, фарррош, мушовир. | Барои Қасри фарҳанги ноҳия ва китобхонаи марказӣ. |
| 5 | Дастрас намудани адабиётҳои нав, рафҳои китобмонӣ ва мизу курсиҳо. | Китобхонаи системаи марказонидашудаи ноҳия. |
| 6 | Компютеркунонӣ дар ҳамаи муассисаҳои фарҳанги ва пайвастшавӣ ба шабакаи интернет. | Муассиаҳои фарҳангии ноҳия. |
| 7 | Дар назди бахши фарҳанг кушодани студияи сабти овоз ва сабти наворгирӣ. | Қасри фарҳанги шаҳраки Бӯстон. |
| 8 | Аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудани ансамбли халқии этнографии «Нақш». | Филармонияи халқии ба номи Рустамбек Ботуров. |
| 9 | Таъмин намудан бо асбобҳои мусиқии миллӣ, бо бинои нави замонавӣ, бо восиҳаҳои техникӣ, телевизор, ДВД ва асбобҳои аёнӣ | Мактаби бачагонаи санъати ноҳия. |
| 10 | Бо нақлиёти хизмати таъмин намудани бахши фарҳанг барои гузаронидани чорабиниҳо ва сафарҳои ҳунарӣ. | Бахши фарҳанг. |
| 11 | Таъмир ва тармими ёдгориҳои таърихии ҳудуди ноҳия, ташкили феҳристии онҳо. | Бахши фарҳанг. |

Ҷадвали №55. Таъмири тармим ва азнавсозии муассисаҳои фарҳанг солҳои 2016-2020;

| № б/т | Номгӯи иншоотҳо | Маблағи пешбинӣ гардида ҳ. сомон | Солҳо; | | | | | Манбаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| 1. | Сохтмони мактаби санъат дар шаҳраки Бустон | 1500 | 500 | 500 | 500 | | | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 2. | Сохтмони Қасри фарҳанг дар ҷамоати Мастчоҳ, майдончаи Комсомолӣ | 3000 | 1000 | 1000 | 1000 | | | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 3. | Азнавсозии боғи фарҳангӣ фароғатӣ дар ш. Бустон | 3000 | 2000 | 1000 | | | | Буҷети вилоятӣ |
| 4. | Таъмири хонаи фарҳанги ҷамоати Масчоҳ | 1000 | 250 | 250 | 250 | 250 | | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 5. | Таъмири муассисаҳои фарҳанги дар ҷамоатҳои Мастчоҳ ва Оббурдон | 100 | 50 | 50 | | | | Буҷети маҳаллӣ |
| 6. | Таъмири Қасри фарҳанги шаҳраки Бустон | 1000 | 500 | 500 | | | | Буҷети вилоятӣ |
| 7. | Харидори намудани воситаҳои тақвияти овоз, мизу курсиҳо ва асбобҳои мусиқӣ | 500 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 8. | Сохтмони китобхона дар маҳаллаи "Навобод" ҷамоати Мастчоҳ | 200 | | 100 | 100 | | | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 9. | Сохтмони китобхона дар маҳаллаи "Навобод" ҷ.Оббурдон | 200 | | | 100 | 100 | | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 10 | Сохтмони маҷмааи фарҳангӣ (клуб, китобхона ва филиали мактаби санъат) дар маҳаллаи Меҳробод ҷ.Суғдиён | 500 | 300 | 100 | 100 | | | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 11 | Таъмири китобхонаи маркази | 300 | | | 100 | 100 | 100 | Буҷети вилоятӣ |
| 12 | Бо адабиёти тозанашр таъмин намудани китобхонаҳои ноҳия | 300 | | 100 | 100 | 100 | | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 13 | Таъмири хонаи фарҳанги ҷ.Суғдиён | 1000 | | 200 | 200 | 300 | 300 | Буҷети ҷумҳурӣ |
| 14 | Таъмири хонаи фарҳанги ҷ.Оббурдон | 1000 | 100 | 100 | 400 | 200 | 200 | Буҷети вилоятӣ |
| 15 | Таъмири хонаи фарҳанги ҷ.Палдорак, АХД "Дӯстӣ" | 1000 | 100 | 200 | 400 | 100 | 200 | Буҷети вилоятӣ |
| 16 | Сохтмони китобхона дар маҳаллаи Суғдиён, ш.Бустон | 200 | 50 | 50 | 100 | | | Буҷети ноҳия |
| 17 | Таъмири клуби ҷ.Навбаҳор | 50 | 20 | 30 | | | | Буҷети ноҳия |
| 18 | Таъмири китобхона дар деҳаи Сангчашма, ҷ.Навбаҳор | 30 | 20 | 10 | | | | Буҷети ноҳия |
| | Ҷамъ: | 14880 | 4990 | 4290 | 3450 | 1250 | 900 | |

**Варзиш.** Имрӯз сиёсати давлату ҳукумат барои рушд равнақи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, солимгардонии оммаи васеи халқ ва тарбияи ватанпарастии ҷавонон равона шудааст.

Дар айни ҳол, дар қаламрави ноҳия 1 мактаби варзишии бачагону наврасон амал менамояд, ки дар он 905 нафар хонандагон варзиш менамоянд. Ҳамчунин мувофиқи ноҳия 55 адад майдочаҳои волейболбозӣ, 22 адад майдончаҳои баскетболбозӣ, 1 толори чавгонбозӣ, 30 адад толорҳои варзишӣ, 10 адад майдончаи туби дастӣ, 11 адад толорҳои тирпаронӣ, 4 адад ҳавзи шиноварӣ (ҳамаи онҳо таъмирталаб), 2 адад варзишгоҳҳои футбол бо 1500 ҷойи нишастдар хизмати варзишгарон қарор доранд.

Дар ноҳия федератсияҳои футбол, дзюдо, муштзанӣ, самбо, камарбандӣ ва бозиҳои варзишӣ амал мекунанд. Аз ҷониби соҳибкорон Фаррух Шарифов, Шукриддин Имориддинов, Ҳокимбек Туйчизода ва Қувондиқ Бердиев толорҳои варзишӣ сохта шуда ба иътиёрӣ ҷавонон супорида шудааст.

Танҳо дар 9 моҳи соли 2015 варзишгарони ноҳия бо 414 адад медали тилло, 296 адад медали нуқра ва 114 адад медали биринҷӣ сарфароз гардонида шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки сохтмони варзишгоҳ дар маркази ноҳия шаҳраки Бустон барои 5000 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шуда буд ва мутаасифона бо сабабҳои танқисии молиявӣ сохтмони он амали нагардид. Сохтмони ин иншооти ҳаётан муҳим аз ҳисоби буҷети вилоятӣ дар соли 2017 ба нақша гирифта шудааст.

**Самтҳои асосии рушд додани соҳаи варзиш:**

- оммавӣ гардонидани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш,
- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти системаи тарбияи ҷисмонии аҳолӣ,
- беҳтар намудани системаи тайёрии варзишгарони дастаҳои мунтахаб аз рӯи намудҳои варзиш, барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфӯзи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ,
- мукаммалгардонии системаи назорати тиббӣ дар самти саломатӣ ва тайёрии ҷисмонии шахсоне, ки ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шуғл меварзанд,
- мукаммалгардонии тарзи идоракунии инкишоф ва фаъолияти системаи тарбияи ҷисмонию варзиш дар ноҳия.

**Ҳадафҳо.** Таъминот бо лавозимотҳои варзишӣ, таъмини толор ва майдончаҳои варзишии замонавӣ ҳангоми фаъолият ва идоракунии системаи тарбияи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ ва ҷавонони бо таҳсил фарогирифта, ҳаракати мустақили ҷисмонӣ-солимгардонӣ ва системаи тайёр намудани варзишгарони баландмаҳорат беҳтар мегардад. Барои тайёр намудани дастаҳои яккачини ноҳиявӣ оид ба намудҳои варзишӣ шароити сифатан беҳтар фароҳам оварда мешавад.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Обтаъминкунӣ ва хизматрасониҳои рифоҳӣ.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2006 сол №514 аз дуюми декабри соли 2006 “Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо оби нӯшокӣ тасдиқ шудааст ва аз ҷониби Корхонаи давлатии фаръи обтаъминкунӣ ва канализатсияи ноҳия барои солҳои 2016-2020 як қатор чорабиниҳо ба нақша гирифта шудаанд, ки барои тадбиқи пурраи онҳо ҷалби сармоя ва дастгирии ҳукумати маҳаллӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Иҷроиши барномаи мазкур имкон медиҳад, ки таъмин намудани аҳолӣ бо оби нушокии тозаи ба талаботҳои экологию саниторӣ ҷавобгуй дар давраи то соли 2020 имконпазир гардад.

Корхонаи давлатии фаръи обтаъминкуни ва канализатсияи ноҳия дорои шаш пойгоҳҳои обкашӣ мебошад. Яке аз ин пойгоҳҳо (пойгоҳи обкашии «ПТУ») тамоман аз кор монда, дигар пойгоҳҳо ниёз ба таъмир доранд:

-пойгоҳи обкашии «Марказӣ»-сохтани манораи фишорнок (башня), харидории насоси обкаши амудии иқтидориаш 120 $м^3$

-пойгоҳи обкашии «Суғдиён»-таъмири манораи фишорнок (башня), харидории насоси обкаши амудии иқтидориаш 60 $м,^3$ ·сохтани девори муҳофизати-санитарӣ

-пойгоҳи обкашии «Беморхонаи марказӣ»-таъмири манораи фишорнок (башня), харидории насоси обкаши амудии иқтидориаш 60 $м,^3$ тоза намудани чоҳи амуди, сохтани девори муҳофизати-санитарӣ

-пойгоҳи обкашии «Деҳқонобод»-сохтани манораи фишорнок (башня), харидории насоси обкаши амудии иқтидориаш 100 $м,^3$ тоза намудани чоҳи амуди

-пойгоҳи обкашии «Деҳқонобод-2»-сохтани манораи фишорнок (башня), харидории насоси обкаши амудии иқтидориаш 25 $м,^3$ сохтани девори муҳофизати-санитарӣ

-пойгоҳи обкашии «ПТУ»-ба тамъири капитали ниёз дорад

Воситаҳои асосии Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкуни ва канализатсияи ноҳия дар ҳолати ногувор қарор доранд. Бинобар гузаштани муҳлати истифодабариашон (аз соли 1976 инҷониб) корношоям шудаанд. Имрӯз корхона барои пешбурди корҳои таъмиру барқарорсозӣ, аз сабаби набудани маблағи кофиякунанда ва техникаю таҷҳизотҳои зарури ба мушкилот дучор гардидааст.

Бо сабаби дар ҳолати корношоями қарор доштани хатҳои обрасон талафоти об зиёд мебошад. Бо ин сабаб расонидани оби нушокӣ ба як қисми аҳолии мушкил шудааст. Маҳаллаҳои навбунёди гирду атрофи шаҳраки Бустон бо сабаби набудани хатҳои обрасони аз оби нушокӣ танқиси мекашанд. Оби нушокиро ба эҳтиёҷоти рузгор аз масофаҳои дур тариқи дастӣ мекашонанд.

Барои бартараф намудани камбудиҳои дар боло зикршуда ва баланд бардоштани сифати обрасони барои корхона зарур аст, корҳои зеринро иҷро намояд:

1. Харидории техника ва дигар таҷҳизотҳои зарури_________150 ҳазор сомонӣ
2. Харидории 6 адад насоси обкашии амудӣ_______________90 ҳазор сомонӣ
3. Барқарор кардани 3 чоҳи амудӣ_______________________31,5 ҳазор сомонӣ
4. Сохтани 3 манораи фишорнок (башня)________________36,5 ҳазор сомонӣ
5. Таъмири 2 манораи фишорнок (башня)________________24,3 ҳазор сомонӣ
6. Иваз ва гузоштани хати нави обрасони 1Ø0,16 км ______720 ҳазор сомонӣ

   Ø 150,12 км______660 ҳазор сомонӣ
7. Харидории обтақсимкунакҳо Ø100,50 адад_____________17,5 ҳазор сомонӣ

   15Ø40 адад____________18 ҳазор сомонӣ
8. Харидории обчекунак, 1000 адад_______________________50 ҳазор сомонӣ
9. Сохтани девори муҳофизати-санитарӣ дар 3 пойгоҳи обкашӣ___106,2 ҳ/с
10. Корҳои кофтани ҳамворкунии замин_____________420 ҳазор сомонӣ

    Ҷамъ: 2324,0 ҳазор сомонӣ.

Дар баробари бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда, аҳолии шаҳраки Бустон пурра бо оби нушокии сифатнок дар тамоми фасли сол таъмин мегардад. Ҷойҳои нави

кори ташкил мешаванд, вазъи муҳити зист беҳтар гардида касалиҳои сироятӣ ба маротиб кам мегарданд.

### 1.2Хочагии манзилию-коммунали;

***Таҳлили вазъи воқеии соҳа.*** Муассисаи хоҷагии манзилию коммуналии шаҳраки Бустон соли 1964 ташкил карда шуда, ба Корхонаи Воҳиди Давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад.

Дар муассиса ҳамагӣ 31 нафар коргарон фаъолият менамоянд ва онҳо асосан ба кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ ва тозагии санитарии шахракхои Бустон ва Обшорон машғул мебошанд. Дар мувозинаи муассиса 25 хонаи коммуналӣ мавҷуд аст, ки масоҳати умумии онҳо 5120 м$^2$ ташкил медиҳад. Муассиса ба 86 нафар истиқоматкунандагони хонаҳои мазкур хизмат мерасонад. Хизматрасонии коммуналӣ ва нигоҳдории фонди манзил аз таъмири боми хонаҳо, таъмири дару тирезаҳо, қубуру обгузарҳо, даромадгоҳҳо ва равшаникунонии даромадгоҳҳо иборат мебошад. Хизматрасониҳо ва фарогирии истеъмолкунандагон дар ин шаҳракҳо:

- баровардани партовҳои сахти маишӣ – 100%,
- нигоҳдорӣ ва истифодаи фонди манзил, дар биноҳои бисёрошёна – 35%,
- корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ ва равшанкунонии ҳудуди шаҳракҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ тақрибан баробар ба 40,0 фоиз.

Муассиса ба ҳисоби миёна, ба 2996 муштарӣ барои ҷамъоварӣ намудан ва баровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) хизмат мерасонад, ки аз он 2100 нафар дар хонаҳои бисёрошёна, 896 нафар дар хонаҳои шахсӣ зиндагӣ менамоянд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, аҳолии ин ду шаҳрак зиёда аз 16570 нафарро дарбар мегирад. Ҳаҷми миёнаи солонаи ПСМ-и амалан баровардашаванда ба як нафар аҳолии шаҳракҳои Бустон ва Обшорон 0,40 м-$^3$ро ташкил медиҳад, зеро меъёри гузоштаи корхона барои ғундоштани ПСМ дар шаҳракҳо ба як нафар истиқоматкунанда 0,40 м$^3$ ва барои як оила дар бахши хусусӣ 2м$^3$ – ро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми ғундоштани ПСМ дар шаҳру навохии ҷумҳурӣ бо ҳисоби миёна ба як истиқоматкунанда то 1,1 м$^3$ ПСМ – ро ташкил медиҳад, ҳамин тавр мутобиқи меъёри гузошташуда бояд ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда ҳар соле 6,5 ҳазор м$^3$ –ро ташкил диҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол шумораи аҳолӣ зиёд шуда истодааст ва мутаносибан ба ин раванд ҳаҷми ПСМ зиёд мегардад.

Муассисаи мазкур ҳамагӣ бо 71 корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ оид ба баровардани ПСМ шартнома дорад, зеро мутобиқи маълумотҳои оморӣ дар ноҳия 50 корхонаву ташкилотҳо ва 60 сохторҳои тиҷоратӣ фаъолият доранд, яъне муассисаи мазкур фақат бо 64 фоизи корхонаву ташкилотҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ шартнома дораду халос.

Дар тавозуни муассиса 1 адад автомашинаи НИВА, 1 адад автомашинаи ГАЗ-52 манора (рукавник), 1 адад автомашинаи партови моеъ (ассенизатсия), 1 адад трактори Т28Х4, 1 адад ядаки (присеп) трактори мавҷуд ҳаст, ки муҳлати истифодаи тамаи онҳо гузаштааст ва ин номгӯи техникаҳо дар аксар ҳолатҳо корношоям мебошанд.

**Ҷадвали №56. Харҷномаҳои КФД «Хорҷагии манзилию коммуналӣ»;**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Нақшаи хароҷотҳо барои солҳои | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Таъминоти оби нӯшокии аҳолии шаҳраки Обшорон, нафар | 3100 | 3410 | 3785 | 4542 | 4996 |
| 2 | Таъминоти воқеъии оби нӯшокӣ | 1960 | 2216 | 2650 | 3406 | 3917 |
| 3 | Бо фоиз | 63 | 65 | 70 | 75 | 80 |
| 4 | Таъмин нестанд, нафар | 1140 | 1194 | 1135 | 1136 | 1079 |
| 5 | Бо фоиз | 37 | 35 | 30 | 25 | 22 |

**Маблағгузориҳо барои беҳдошти таъминоти оби нӯшокӣ дар шаҳраки Обшорон**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳаҷм | Нақшаи хароҷотҳо барои солҳои | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Таҳияи лоиҳа оиди барқарорсози системаҳои об таъминкунӣ | 50 ҳ.с. | 20 | 20 | 10 | - | - |
| 2 | Барқароркуни ва азнавсозии шабақаҳои обу корезӣ | 200 ҳ.с. | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 |
| 3 | Ташкили нави инфрасохтори ҷамъкардан ва кашонидани партовҳо (таъсиси низоми куттиҳо барои партовҳо) | 200 ҳ.с. | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 |
| | **Ҷамъ:** | **450,0** | **100,0** | **100** | **90,0** | **80,0** | **80,0** |

**Хизматрасонии коммуналӣ дар шаҳраки Бустон**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳаҷм | Нақшаи хароҷотҳо барои солҳои (ҳ.сомонӣ) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Нигохдори ва таъмири фонди манзил | 5597м2 | 5,6 | 6,0 | 6,4 | 7,0 | 7,5 |
| 2 | Нигохубини майдонҳои кабудизор дохили шаҳрак | 3,0 га | 34,5 | 36,9 | 39,5 | 42,5 | 47,6 |
| 3 | Сохтан ва таъмири хиёбонҳо чароғонкунии кӯчаҳои дохили шаҳрак | 160 нуқта | 13,0 | 13,9 | 14,9 | 16,7 | 19,5 |
| 4 | Нигоҳубин ва ободони оромгоҳҳо | 4 адад | 7,4 | 7,9 | 8,5 | 9,1 | 9,9 |
| 5 | Рубучини кӯчаҳо тозагии санитарии, баровардани партовҳо | 82559 м2 | 693,5 | 742,0 | 794,0 | 916,1 | 845,6 |
| 6 | Ороиши бадеии шаҳраки Бӯстон ва Обшорон | 60 адад | 9,1 | 9,7 | 10,4 | 11,2 | 14,1 |
| | **Ҷамъ соҳаи ободонӣ** | | **763,1** | **816,4** | **873,7** | **902,6** | **944,2** |
| 1 | Ободонии партовгоҳи маркaзии ноҳия | 1 адад | 16,0 | 16,0 | 16,0 | 16,0 | 16,0 |
| 2 | Сохтмон ва таъмири майдончаҳои партовҷамъкунӣ | 12 адад | 32,0 | 32,0 | 32,0 | 32,0 | 32,0 |
| 3 | Харидори намудани куттиҳои партовҷамъкунӣ | 528 дона | 158,4 | 158,4 | 158,4 | 158,4 | 158,4 |
| 4 | Харидории техникаҳои махсус | 6 адад | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| | | 1250,0 | 250,0 | 250,0 | 250,0 | 250,0 | 250,0 |
| 5 | Ободонии фонди манзил | 6000 м2 | 382,2 | 382,2 | 382,2 | 382,2 | 382,2 |
| 6 | Барқарорсозии иншоотҳои гарми таъминкуни | 5 адад | 991,0 | 991,0 | 991,0 | 991,0 | 991,0 |
| | **Ҷамъ:** | | **1829,6** | **1829,6** | **1829,6** | **1829,6** | **1829,6** |
| | **Ҳамагӣ:** | | **2592,7** | **2646,0** | **2703,3** | **2732,2** | **2773,8** |

***Ҷадвали №57. Маблағи пардохти ҳаққи хизматрасонӣ барои ХМК;***

| № | Номгӯй | Воҳиди ченак | 2012 | 2013 | 2014 | 2014 нисбаи соли 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила (аҳолии хонаҳои якошёна-маҳаллӣ) | Сомонӣ | 36,36 | 40,87 | 61,00 | 167,8 |
| 2 | Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила (аҳолии хонаҳои баландошёна) | Сомонӣ | 36,36 | 40,87 | 61,00 | 167,8 |
| 3 | Маблағи хизматрасонӣ барои ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ (барои 1 м3) | Сомонӣ | 36,36 | 40,87 | 61,00 | 167,8 |
| 4 | Маблағи хизматрасонӣ барои ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ (барои 1 м3) | Сомонӣ | 36,36 | 40,87 | 61,00 | 167,8 |

*Мушкилиҳои асосии муассиса ва ҳадафҳои наздиктарини фаъолият;*

- ҳолати ғайриқаноатбахши истифодаи техникаи мавҷуда;
- мушкилиҳои молиявӣ ва пешбинӣ нагардидани маблағҳои кифоякунанда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ;
- пурра ба қайд гирифта нашудани истифодабарандагони хизматрасониҳои муассисаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳамкории доими надоштан бо мизоҷон оид ба пардохти хизматрасонии коммуналӣ;
- чароғонкунии кучаҳои И.Сомонӣ ва С.Шарифов;
- таъмир ва азнавсозии мошинсарой, бинои маъмӯрӣ ва дигар иншоотҳои муассиса;
- азнавсозии хати оби нӯшокӣ, иваз намудани лӯлаҳо (трубаҳо), беҳтар намудани вазъи таъминот бо оби нӯшокӣ дар шаҳраки Обшорон;
- таъмирталаб гардидани боми хонаҳои коммуналии шаҳраки Бустон;

**Барқрасонӣ.** Шабакаҳои барқии ноҳия дар ҳайати шабакаҳои барқии Суғд шомил мебошад. Теъдоди кормандони он 86 нафар буда, аз ин шумора 8 нафар кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд. Корхона ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия хизмат мерасонад.

**Ҷадвали №58. Маълумот оид ба фурӯши барқ дар ноҳия;**

| № | нишондиҳандаҳо | воҳиди ченак | солҳо | | | соли 2014 нисбат ба соли 2012 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 1 | Фурӯши умумии барқ | ҳазор сомонӣ | 15077,3 | 13072,4 | 14330,1 | 95,0 |
| 2 | Ҳаҷми умумии барқи фурӯхташуда | ҳазор кВт/с | 222247,9 | 216280,4 | 206596,9 | 92,9 |
| 3 | Аз ҷумла ба аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 1895,0 | 3226,6 | 2841,8 | 150,0 |
| | ҳаҷми умумӣ | ҳазор кВт/с | 18282,3 | 29333,2 | 24256,7 | 132,7 |
| 4 | Ба ташкилотҳои буҷетӣ | ҳазор сомонӣ | 508,6 | 481,9 | 811,0 | 159,4 |
| 5 | Ба ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | ҳазор сомонӣ | 574,7 | 5974,5 | 1534,4 | 267,0 |
| | ҳаҷми умумӣ | ҳазор кВт/с | 3265,4 | 14252,4 | 8299,7 | 254,2 |
| 6 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) | дирам | 6,78 | 6,04 | 6,94 | 102,3 |
| | ба аҳолӣ | дирам | 10,4 | 11 | 11,7 | 112,5 |
| | ба ташкилотҳои буҷетӣ | дирам | 9,56 | 8,06 | 9,0 | 94,1 |
| | ба ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | дирам | 17,60 | 12,50 | 10,80 | 61,36 |
| 7 | Қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | ҳазор сомонӣ | 22520,1 | 26289,7 | 11426,2 | 50,73 |
| | аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 178,9 | 901,9 | 925,3 | 517,21 |
| | талафоти умумӣ | ҳазор кВт/с | 32012 | 30973,9 | 28610,1 | 89,4 |
| | талафоти умумӣ | % | 12,32 | 12,52 | 12,16 | 98,70 |

Шабакаҳои барқии ноҳия дар мувозинаи худ 254 зеристгоҳи барқии шиддаташ 10 кВ дорад.

Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиаш 10/6 КВ – 560 км, шиддатнокиаш 0,4 кВ – 396 км мебошад.

Дар соли 2014 дар ноҳия ба миқдори 206596,9 ҳазор кВт/соат нерӯи барқ истеъмол шудааст.

Дар ноҳия истеҳсоли қувваи барқ тавассути бод имконпазир мебошад. Зеро дар ҳамаи фасли сол шамол мевазад ва барои насби чунин дастгоҳҳо шароити муносиб муҳайё ҳаст.

Насби дастгоҳҳои тавассути бод қувваи барқ истеҳсолкунанда, имкон медиҳад, ки дар фасли сармо, ҳангоми норасоии қувваи барқ, муассисаҳои иҷтимоӣ хусусан соҳаҳои тандурустӣ ва маориф бо қувваи барқи арзон таъмин гарданд.

***Мушкилиҳои мавҷудаи соҳа.***

- ➢ мунтазам аз кор баромадани зеристгоҳҳо ва шабакаҳои барқӣ бо сабаби сербории зиёд ва фарсудашавӣ;
- ➢ ба миқдори лозимӣ мавҷуд набудани кисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизоти барқӣ;
- ➢ гузаронидани хатти барқ ва насби трансформаторҳо ба деҳаҳои навташкилшуда;
- ➢ сербории зеристгоҳи ВДК ва зарурияти ивазнамудани трансформатори 630 кВа ба трансформатори 10000 кВа;
- ➢ сербор будани зеристгоҳи барқии Янтоқ-1 дар мавсими обёрӣ

**Ҳадафҳо ва афзалиятҳои асосии соҳа.**

- Баланд бардоштани нерӯи энергетикии ноҳия, ки таъмини шабонарӯзии қувваи арзони баркро ба аҳолӣ таъмин менамояд.
- Сарфакорона истифода намудани нерӯи барқ.

. Баланд бардоштани маърифати барқистифодабарии мардум тавассути ҷамомадҳо, вохӯриҳо ва семинарҳо доир ба сохтмони нерӯгоњњои хурди барќи обї, истифода бурдани нерӯи офтоб ва шамол.

- Зиёдбории зеристгоҳҳои фаръӣ ва нокифоягии тавоноии трансформаторҳои зеристгоҳҳои хурд дар маҳалҳо, норасоӣ ва набудани барқ дар маҳаллаҳои навбунёд.

## 4.3. Наклиёт ва коммуникатсия.

**Нақлиёт ва роҳҳо.** Соҳаи наклиёт ва роҳ яке аз соҳаҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад, зеро рушди инфрасохтори мазкур заминаи рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад. Дар ҳудуди ноҳия ҳамагӣ 506 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд мебошанд.

Дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия роҳҳои автомобилгарди аҳамияти маҳаллӣ дошта накши муҳим дошта, талаботи кашонидани борҳои корхонаҳо ва хоҷагиҳои ноҳияро ба иҷро мерасонад ва роҳҳои ба шабакаи асосии роҳу нақлиёт пайвастшаванда ба шумор меравад.

Айни ҳол соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия пурра хусусӣ гардонида шудааст ва хизматрасонии ин соҳа аз ҷониби соҳибкорон амалӣ мешавад. Дар соҳаи нақлиёти нохия 1 адад муассиса фаъолият менамояд, ки он бо боркашонӣ ва бо мусофиркашонӣ машгул мебошад. Дар ноҳия 14 адад нақлиёти боркашон ва 113 адад нақлиёти мусофиркашони соҳибкорони инфиродӣ фаъолият мебаранд. Миқдори умумии нишондодашуда нақлиёти хурди мусофиркашон (микроавтобус) мебошанд.

Дар соҳаи нақлиёт зиёда аз 115 нафар ба хизматрасонӣ машгул буда, музди меҳнати миёнаи онҳо 420 сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 миқдори умумии боркашонӣ 1305,3 хазор тонна ва мусофиркашонӣ 964,3 хазор нафарро ташкил дод.

Дар ноҳия ягона ташкилоте, ки ба фаъолияти соҳаи роҳдори машғул мебошад ин муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Мастчоҳ (МДНРА) буда тобеъи вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин муассиса 30 нафар коргарон ба фаъолияти роҳдори машғул мебошанд.

Муассиса дорои 23 адад нақлиёту механизмҳои роҳсозӣ ва таҷҳизот мебошад, ки аз он 9 адад механизм ва 5 адад таҷҳизоти роҳсозӣ корношоям гашта аз сабаби набудани

қисмҳои эҳтиёти ва гузаштани мӯҳлати истифодабариашон фаъолият намекунанд. Айни ҳол 1 адад- автогрейдер, 2 – адад трактори Т28х4, 1 адад- автомашинаи МАЗ (Самосвал), 1 адад – эксковатори ЭО – 2621 дар ҳолати кори қарор доранд.

Дар мувозинаи МДНРА-и ноҳия 120,8 км роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта қарор дорад. Дар 30 соли оҳир фақат 4 км роҳи Бустон-Комосомол аз ҳисоби буҷаи вилоят таъмири яклухт карда шудаасту халос.

**Роҳҳои ноҳияи аз рӯи фарш ;**

- фарши асфалтобетонидошта 48,1 км.
- фарши омехтаи шағалу маводи часпанда 47,7 км.
- фарши шағалпӯш 25 км.
- инчунин дар мувозинаи муассиса 14 адад кӯпрукҳо (бо масофаи 227 метр) ва 134 адад қубурҳои обгузар бо дарозии 2243 метр тӯлони мавҷуданд.

**Мушкилиҳои мавҷудаи соҳа ;**

- таъмирталаб будани зиёда 105 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум.
- корношоям ва муҳлати истифодаашон гузаштани як қисми зиёди техникаҳо ва таҳҷизотҳои роҳдорӣ.
-набудани механизм ва таҳҷизотҳои замонавии роҳдорӣ.
- ба таъмири капитали ниёз доштани идораи маъмурӣ ва анборҳои асоси.

**Ҳадафҳо ;**

- беҳтар намудани ҳолати роҳҳои автомобилгард.
- дастрас намудани техника ва механизмҳои роҳсозию таҳҷизотҳои замонавӣ.
- таъмин намудани ҳаракати бехатари воситаҳои нақлиёт ва паст кардани шумораи ҳодисаҳои нохӯш дар роҳҳо.
- роҳҳое, ки ба таъмири асоси ва капитали ниёз доранд ;

**аз ҷумла ;**

- роҳи Бустон-Обшорон – Зарнисор – 34 км.
- роҳи Бустон – Комсомол – 20 км.
- роҳи Бустон-Обшорон- дасти рост – 5 км.
- роҳи Бустон-Обшорон- дасти чап – 3,5 км.
- роҳи Бустон- Зарнисор- даромад ба ҷ. Навбаҳор – 4 км.
- роҳи ҷамоати Палдорак – ДМК – 5 км.
- роҳи АХД ба номи Фирдавсӣ – ДМК – 5 км.
- роҳи ҷамоати Оббурдон – ДМК – 5 км.
- роҳи АХД ба номи Файзи Султонов – ДМК – 5 км.
- роҳи АХД «Сомониён» – ДМК – 5 км.
- роҳи ҷамоати Мастчоҳ – ДМК – 5 км.
- роҳи АХД ба номи Ҳоҷӣ Амиров – ДМК- 5 км.
- роҳи Ҳуҷанд-Бустон-Ҷаноқ даромад ба ҷамоати Суғдиён-2,8 км.
- роҳи ҷамоати Оббурдон маҳаллаи Сангин Ниёзов (ТХСТ) – 1,5 км.
- роҳи ҷамоати Оббурдон – Сардоб – 2,5 км.

Барои таъмиру барқарорсозии роҳҳои дар боло зикршуда зиёда 108,3 км роҳҳо 31,5 млн сомонӣ маблағ зарур мебошанд.

**Мушкилиҳои мавҷудаи соҳа.**

- Таъмир талаб будани зиёда аз 400 км роњњои автомобилгард дар ҳудуди ҷамоатҳо;
- Корношоям будани як қисми воситаҳои техникии дар мувозинаи МДНРА-и ноҳия буда ва норасогии механизм ва таҷҳизотҳои замонавии роҳсозӣ.

**Ҳадафҳо.**

- Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои автомобилгард.
- Дастрас намудани нақлиёту механизмҳои роҳсозӣ ва таҷҳизотҳои замонавӣ.

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Бахши жамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳия яке аз корхонаҳои бонуфуз ва асосии соҳаи алоқаи ноҳия маҳсуб меёбад. Дар он 35 нафар кормандон ва муҳандисон фаъолият менамоянд. Дар тавозуни корхона 2 шабакаи телефонии дорои 2520 рақами телефонӣ мавҷуд мебошад.

Ин шабакаҳо байни худ бо хати нахию нурӣ пайваст буда, ба системаи марказии ягонаи алоқаи байналмилалӣ пайваст мебошанд, ки ин барои пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ва почтаи электронӣ имконият медиҳад.Кайд кардан зарур аст, ки дар нохия 39 нафар муштариён ба шабакаи интернет пайваст мебошанд, ки даромад аз ин соха сол аз сол меафзояд дар соли 2012 ба микдори 16,7 хазор сомонӣ, дар соли 2013 ба маблаги 31,1 хазор сомонӣ ва дар соли 2014 бошад 35,5 хазор сомони хизмат расонида шудааст.Ин намуди хизматрасони сол аз сол афзоиш ёфта истодааст.

Аз ҷониби корхона дар соли 2012 бо назардошти хизматрасонии интернет ба маблағи 97,4 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 ба маблағи 102,4 хазор сомонӣ ва соли 2014 бошад, ба маблағи115 ,5 ҳазор сомонӣ хизмат расонида шудааст.

Нишондиҳандаҳои соҳаи алоқа дар шаҳраку деҳоти нохия чунин мебошанд;

- дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ – 72,5 канал/км;
- шумораи истгоҳҳои телефонӣ – 2 адад;
- ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ – 2520 адад;
- шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ – 1257 адад;

Ҳамчунин сокинони ноҳия аз хизматрасонии шабакаҳои мобилии «Сомонком», «TCELL», «Вавилон», «Мегафон», «Билайн», «ТК-Мобайл» ва ѓайраҳо истифода намуда иистодаанд. Қайд кардан зарур аст, ки корхона дар рақобати хеле сахт фаъолият намуда истодааст, ва боиси тазаккур аст, ки барои зиёд намудани нуктаҳои телефонӣ ва дар ҳамин замина зиёд намудани даромадноки бо тарофаҳои хизматрасонии алоқа дигаргуни кардан зарур мебошад.Инчунин дар асоси нақша чорабиниҳои ҷамъият хизматрасониҳои иловагӣ ба монанди ip – телевидения, камераҳои мушоҳидавӣ ва амсоли инҳо дар назар дошта шудааст.

Дар њудуди шаҳраку деҳоти ноҳия тамоми барномаҳои телевизионии ҷумхуриявї (Шабакаи аввал, ТВ Сафина, Чањоннамо ва Бахористон) пахш мегарданд.

**Чадвали №59. Номгӯи мушкилиҳои сохаи алоќа;**

| **Номгӯи мушкилиҳо;** | **Мавзеъ;** |
|---|---|
| Набудани биноҳо барои ҷойгир намудани таҷҳизот | Дар ҳамаи ҷамоатҳо |
| Зарурияти иваз намудани шабакаҳои кӯҳна ба ҳозиразамон | Дар хамаи ҷамоатҳо |
| Таъмини шабакаҳои бо хатти озоди барқ | Дар ҳамаи ҷамоатҳо |
| Таъмири коммуникатсияҳои зеризаминии алоқа | Дар шаҳраки Бустон |
| Таъмири бинои марказии ЧСК «Тоҷиктелеком» | Дар шаҳраки Бустон |
| Ташкили маркази иттилоотии ноҳия | Дар шаҳраки Бустон |
| Баркарор намудани хизматрасонии радиои маҳаллӣ | Дар шаҳраки Бустон |
| Риояи накардани қоидахои ҳифзи хатти алоқа ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ | Дар хамаи чамоатхо |

**Ҳадаф.** Рушд ва такмили шабака ва объектҳои алоқа, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи алоқа, фарогирии хизматрасонии алоқа дар қаламрави ноҳия ва фазои иттилооти.

**4.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи инфрасохтор;**

| *Ҳа-даф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ* | *Солҳо* | *Масъул* | *Сарчаш-маи* | *Натиҷаи нишонди* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | *(ҳазор сомонӣ)* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | *маблағ-гузорӣ* | *-ҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Таъминоти оби нӯшокӣ;*** | | | | | | | | | | | |
| 1. Беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокӣ ба аҳолӣ | 1. Таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ | 1.1 Таъминоти аҳолии шаҳраки Бустон ва Обшорон бо оби нӯшокӣ | 3000 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | МИҲД, корхона и обу ташноб | КВД «ХМК» | Шумораи аҳолии бо оби тозаи нӯшокӣ таъмингардида то соли 2020 то 50% зиёд мегардад. Афзоиши ҳаҷми пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ аз ҷониби аҳолӣ то соли 2020 то 60%. |
| | | 1.2 Барқарор намудани иншоотҳои обтозакунӣ | 1500 | 300 | 300 | 300 | 300 | 300 | МИҲД, корхона и обу ташноб | Номуай ян | |
| | | 1.3 Таъмир ва ивазкунии шоҳқубурҳои d-500 мм | 1500 | 300 | 300 | 300 | 300 | 300 | МИҲД, корхона и обу ташноб | Номуайян | |
| | | 1.4 Гузаронидан ва таъмири хатҳои оби нӯшокии маҳаллаҳои Деҳқонобод, Фотеҳобод ва Қуруқсой-2 | 1500 | 300 | 300 | 300 | 300 | 300 | МИҲД, корхона и обу ташноб | Номуайян | |
| | | 1.5 Барқарор кардани хатҳо ва иншоотҳои обтозакунӣ ва канализатсия | 2000 | 400 | 400 | 400 | 400 | 400 | МИҲД, корхона и обу ташноб | Номуайян | |
| | 2. Таъмин и захираи оби нӯшокӣ ба аҳолӣ | 2.1 Барои харидан ва таъмири насосҳои ЭЦВ-10-120-160 ва насоси ЭЦВ-10-160-35 | 400 | 50 | 50 | 100 | 100 | 100 | МИҲД, корхона и обу ташноб, АДБЗО | Аз ҳисоби хизматрасонӣ ва сармояи хориҷӣ | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | (Таъмир и чоҳҳои амудии аҳолӣ) | 2.2 Барои харидан ва таъмири трансформаторҳои 100/10 кВт | 600 | 30 | 60 | 100 | 100 | 310 | МИҲД-и ноҳия, корхона и обу ташноб, АДБЗО | Аз ҳисоби хизматрасонӣ ва сармояи хориҷӣ | |
| **Ҷамъ дар бахши обтаъминкунӣ** | | | **10500** | **1980** | **2010** | **2100** | **2100** | **2310** | | | |
| ***Хоҷагии манзилию коммуналӣ;*** | | | | | | | | | | | |
| ***Ҳадаф*** | ***Вазифаҳо*** | ***Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо*** | ***Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ)*** | ***Солҳо*** | | | | | ***Масъул*** | ***Сарчашмаи маблағгузорӣ*** | ***Натиҷаи нишондиҳандаҳо*** |
| | | | | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | | |
| Беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи коммуналӣ | 1. Беҳтар намудани сифати хизматрасонии коммуналӣ дар шаҳрак | 1.1 Харидани техникаи партовкашонӣ 1-адад, обкашонӣ 1-адад, мошин барои партови моеъ (ассен-я) 1-адад, тракторибор бардор 1-адад, ядак (присеп)- 2 адад | 500 | 250 | 250 | | | | МИҲД | КВД «ХМК» | Афзоиши ҳаҷми пардохти хизматрасониҳо и коммуналӣ аз ҷониби аҳолӣ то соли 2020 то 60%. |
| | | 1.2 Ташкили 1 адад гармхона барои парвариши гулҳо | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | МИҲД, КФД ХМК-и шаҳрак | Номуайян | |
| | | **Ҷамъи ХМК** | **700** | **290** | **290** | **40** | **40** | **40** | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2. Таъмин намудани ноҳия бо нерӯи барқ | 2.1. Насби зеристгоҳҳои барқӣ дар маҳаллаҳои навбунёд | 200 | 200 | | | | | Шабакаҳои барқӣ | Маблағи худӣ ва аҳолӣ | Таъминоти босифати таъмини аҳолӣ бо нерӯи барқ |
| | | 2.2. Таъмир ва барқароркунии хатҳои барқӣ дар ҳудуди ноҳия | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Шабакаҳои барқӣ | Маблағи худӣ ва аҳолӣ | |
| | | 2.3. Насби симчӯбҳои оҳану бетонӣ дар маҳаллаҳои навбунёди ноҳия | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | Шабакаҳои барқӣ | Маблағи худӣ ва аҳолӣ | |
| | | 2.4. Таъмини барқ ба оилаҳои маҳаллаҳои навбунёди Меҳробод | 600 | 150 | 150 | 150 | 150 | | | Маблағи худӣ ва аҳолӣ | |
| | | 2.5. Харидории техникаи борбардор 1-адад (автокран) ва заминкоб 1-адад (молютка) | 300 | 150 | 150 | | | | Шабакаҳои барқӣ | Маблағи худӣ ва аҳолӣ | |
| | | **Ҷамъи Барқ** | **1550** | **590** | **390** | **240** | **240** | **90** | | | |
| **Ҷамъ дар бахши ХМК ва барқ** | | | **2250** | **880** | **680** | **280** | **280** | **130** | | | |

**Нақлиёт ва комуникатсия;**

| *Ҳадаф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ)* | *Солҳо* | | | | | *Масъул* | *Сарчашмаи маблағгузорӣ* | *Натиҷаи нишондиҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар намудани сифати нақлиёт ва шабакаҳои коммуникатсионӣ | 1. Баланд намудани сифати ҳолати роҳ | 1.1 Идомаи таъмири роҳҳои аҳамияти маҳалли дошта | 2500 | 500 | 500 | 500 | 500 | 500 | МИҲД, МДНРА | Буҷети вилоятӣ | Дарозии роҳҳои автомобилгарди таъмиргашта ва роҳҳои нави сохташуда то соли 2020 то 50% зиёд мегардад. |
| | | 1.2.Таъмир ва гузоштани аломатҳои қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо | 60 | 15 | 15 | 10 | 10 | 10 | МИҲД, МДНРА | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| | | 1.3.Харидорӣ намудани техникаҳои муосири замонавӣ | 500 | 125 | 125 | 125 | 125 | | МИҲД, МДНРА | Сармояи хориҷӣ | Афзоиши ҳиссаи субъектҳои соҳаи инфрасохтор ба қисми даромади буҷети ноҳия то соли 2020 то 45%. |
| | | **Ҷамъи роҳ** | **3060** | **640** | **640** | **635** | **635** | **510** | | | |
| | 2Беҳтар гардонидани сифати алоқаи телефон | 2.1.Таъмир ва дар ҳолати хуби кори нигоҳ доштани хатҳои алоқа | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | ҶСК «Тоҷиктелеком» | Маблағҳои худӣ | |
| | | 2.2 Таъмири ҷории стансияи марказии телефонӣ | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | ҶСК «Тоҷиктелеком» | Маблағҳои худӣ | |
| | | 2.3.Ворид намудани намудҳои нави хизматрасонӣ | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | ҶСК «Тоҷиктелеком» | Маблағҳои худӣ | |
| | | **Ҷамъи алоқа** | **300** | **60** | **60** | **60** | **60** | **60** | | | |
| **Ҷамъ дар бахши нақлиёт ва коммуникатсия** | | | **3360** | **700** | **700** | **695** | **695** | **570** | | | |
| **Ҳамагӣ дар соҳаи инфрасохтор, аз ҷумла** | | | **16110** | **3560** | **3390** | **3075** | **3075** | **3010** | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети маҳаллӣ | 3000 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | | | |
| Буҷети вилоятӣ | 2500 | 500 | 500 | 500 | 500 | 500 | | | |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 560 | 265 | 265 | 10 | 10 | 10 | | | |
| Сармояи хориҷӣ | 500 | 125 | 125 | 125 | 125 | - | | | |
| Аҳолӣ ва соҳибкорон, х/д ва гайра | 2850 | 730 | 560 | 500 | 500 | 560 | | | |
| Номуайян | 6700 | 1340 | 1340 | 1340 | 1340 | 1340 | | | |

## Боби 5. Ҳифзи мухити зист ва ҳолатҳои фавкуллода.

Таҳлили тарҳи тавозуни захираҳои замини ноҳия нишон медиҳад, ки таъсироти антропогенӣ ба захираҳои замин хеле зиёд аст. Дар тадқиқоти мазкур маълумоти Вазорати кишоварзӣ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти ҷумҳурӣ, идораҳои хоҷагии об ва кумитаи заминсозӣ дар панҷ соли охир (аз соли 2010 то соли 2014) аз рӯи бисёр унсурҳои фаъолияти иқтисодии ноҳия таҳлил карда шудаанд. Таҳлили мазкур ҳолати шабакаҳои заҳбуру заҳкаши байниҳоҷагӣ, маълумот дар бораи омилҳои асосии динамики тартиби бавуҷудоваранда аз рӯи минерализатсия ва сатҳи ҷойгиршавии обҳои зеризаминиӣ (СОЗ), ҷудо кардани маблағ ва истифодаи ин маблағҳо барои тоза кардани шабакаҳои заҳбуру заҳкашӣ дохилихоҷагӣ ва байниҳоҷагиро дар бар мегирад.

Таҳлили маълумотҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки дар ноҳия шабакаҳои заҳбуру заҳкашии дарозиашон 329,73 км дар ҳолати ногувор қарор дорад. Қабл аз ҳама ин ба тақсимшавии хоҷагиҳои калон ба хоҷагиҳои хурд вобаста буда, дар давраи тақсимоти заминҳои ноҳия, масъалаи ҳифзи замин аз эътибор дур мондааст. Дар айни ҳол, амалан ягон муассиса ба ҳолати шабакаҳои заҳбуру заҳкаши дохилихоҷагӣ масъул ва ё ҷавобгар нест, ки ин ҳолат боиси бадшавии ҳолати экологии захираҳои замини ноҳия мегардад.

Ҳамин тариқ, шабакаҳои бо лоиқа пуршудаи заҳбуру заҳкаш на фақат дар панҷ соли охир, балки пештар аз он низ боиси ботлоқшавӣ ва шӯршавии захираҳои замин, баландшавии дараҷаи минерализатсияи замин ва дар натиҷа, боиси пастшавии ҳосилнокии замин ва афзоиши сатҳи камбизоатии аҳолии ноҳия мегардад.

Аз рӯи ҳисоботи идораи хоҷагии оби вилоят аз соли 2010 то соли 2014 дарозии заҳбурҳои дохилихоҷагии ҳолаташон ғайриқаноатбахш 12 км – 60 км-ро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия 163 чоҳҳои мелиоративии обкашӣ мавҷуд буда, аз ин миқдор ҳамагӣ 137 адади он ғайримунтазам ва 26 ададаш мунтазам кор мекунанд.

Ҳамаи ин омилҳо, боиси сол аз сол афзудани масоҳати заминҳои шӯргашта мегардад.

Дар айни замон, аз рӯи маълумотҳои идораи хоҷагии оби вилояти Суғд, масоҳати заминҳои шӯр 2875 га-ро ташкил медиҳад ва нисбат ба соли 2010 160 га афзудааст.

Аз рӯи маълумотҳо 9225 га ҳолати мелиоративии ғайриқаноатбахш мебошад. Аз рӯи дараҷаи минерализатсия (дар ҳудуди 1-3 мг/л) хулоса баровардан мумкин аст, ки тамоми майдонҳои обёришаванда зери таъсири антропогенӣ қарор доранд.

Ҳангоми муайян намудани тавозуни экологию хоҷагидории ҳудуди ноҳия, маълумотҳои расмии сохторҳои давлатӣ (идораи хоҷагии об, идораи кишоварзӣ, кумитаи заминсозӣ ва ғ.) истифода карда шудаанд. Барои муайян кардани тавозуни хоҷагидорию экологии ноҳия тавсифоти зерин: тақсимоти замин аз рӯи намудҳо ва категорияшон; масоҳати ҳудудҳои ҳифзшаванда, масоҳати заминҳо аз рӯи намуд ва дараҷаи таъсири антропогенӣ, шадидияти сарбории экологию хоҷагидорӣ, сарбории интегралӣ, ҳифзи табии ҳудуд ва фонди экологии ноҳия истифода карда шудааст.

Барои муайян намудани дараҷаи таъсири сарбории антропогении (СА) заминҳои ноҳия таснифоти заминҳо аз рӯи маълумотҳои сохторҳои давлатӣ (идораи кишоварзӣ, идораи хоҷагии об ва ғ.) гузаронида шудааст.

Потенсиали устувории экологии ноҳия аз безараргардонии сарбории мавҷуда баромада наметавонад. Яъне сарбории экологию хоҷагидории ноҳия, аз сарбории меъёрӣ хеле зиёд аст.

Барои беҳтар кардани ҳолати экологию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ, ҳаҷми минтақаҳои ҷангалро фавран зиёд кардан зарур аст. Маҳз минтақаҳои ҷангал солҳои охир барҳам дода

шуда буданд. Ғайр аз ин, танзими низоми обёрии маҳсулоти асоси кишоварзӣ – пахта, бояд дар мадди аввал гузошта шавад.

Устувории системаи экологии ноҳия бо нишондиҳандаҳои ҳифзшавии табии ҳудуди он тавсиф дода мешавад, ки он дар навбати худ ба тақсимоти заминҳо аз рӯи дараҷаи сарбории антропогенӣ вобаста аст.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили сохтор ва категорияи захираҳои замини ноҳия, хулосаҳои зерин бармеоянд:

- дар ноҳия ба ҳисоби миёна истифодаи об дар 5 соли охир аз 210000 то 307822 ҳаз. метрии муккааб афзудааст. Аксар вақт, истифодаи об аз ҳисоби обҳои рӯизамини меафзояд.
- исрофи об, тибқи маълумотҳои идораи хоҷагии оби ноҳия, аз 10% то 12%-ро ташкил медиҳад.
- истифодаи об барои обёрии зироатҳои кишоварзӣ аз 210000 ҳазор метрии мукааб то 307822 ҳазор метрии мукааб афзудааст.
- дар айни замон, гирифтани обҳои зеризаминӣ аз 6200 ҳазор метрии мукааб то 2000 ҳазор метрии мукааб кам шудааст ва ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки чоҳҳои обёрии кишоварзӣ фаъолият намекунанд ва ин омил боиси бад шудани холати мелиоративии заминҳои кишоварзии ноҳия мегардад.

**Ҷадвали №60. Нишондиҳандаҳои дурнамои соҳаи ҳифзи муҳити зист дар ноҳия;**

| Нишондиҳандаҳо | с2014 – ҳисобот | с2015- баҳо-диҳи | Дурнамо | | | | | 2020 бо % нисбати соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Хачми умумии худуди обгири аз иншоотхои табии (млн.куб.м) | 307822 | 308000 | 308300 | 308800 | 308800 | 310000 | 310000 | 100,7 |
| Хачми гардиши об ва оби дубора истифодабаранда – хамаги (млн. куб.м) | - | - | - | - | - | - | - | |
| Амнияти зироатхои кишоварзи аз касали ва хашаротхои зараркунанда –хамаги ( га) | 21788 | 22005 | 22225 | 22447 | 22500 | 22500 | 23000 | 105,5 |
| аз чумла: | | | | | | | | |
| бо методи биологи | 20182 | 20505 | 20875 | 21147 | 21300 | 21300 | 21800 | 108.01 |
| бо методи кимиёви | 1666 | 1500 | 1350 | 1300 | 1200 | 1200 | 1200 | 72,02 |
| Обтаъминкуни – хамаги (км) | 17 | 18,2 | 19,8 | 20,0 | 30.0 | 30,0 | 36 | 211,7 |
| аз чумла: | | | | | | | | |
| водопроводхои магистрали (км) | 17 | 17,2 | 18,8 | 19,5 | 26 | 26 | 30 | 176,4 |
| Хавлиги (км) | - | 1,0 | 1,0 | 0.5 | 4,0 | 4,0 | 6,0 | 600 |
| Сохтмони шабакахои оби (км) | | | | | | | | |
| Заминхои азхудшаванда (хазор га) | | | | 2,5 | 2,8 | | | |

## 5.1. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда;

| *Ҳа-даф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ)* | *Солҳо* | | | | | *Масъул* | *Сарчаш-маи маблағ-гузорӣ* | *Натиҷаи нишонди-ҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Ҳифзи муҳити зист*** | | | | | | | | | | | |
| *Зиёд ва бехтар намудани захираҳои табиӣ (об, хаво, замин ва ҷангал)* | 1. Зиёд намудани хатти чангали муҳофизати | 1.1 Бунёд ва баркароркунии хати чангали муҳофизатӣ | 1000 | 100 | 200 | 200 | 200 | 300 | МИҲД, бахши ҳифзи муҳити зист | Маблағҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ | Заминҳои кишоварзиро аз эрозияҳои бодӣ ҳифз менамоянд. |
| | 2. Тамини аҳолӣ, корхонахо ва ташкилотҳо бо партовгоҳҳо | 2.1 Ҷудо намудани замин ва сохтани партовгоҳҳо ва корхонаҳои коркарди партовхо | 800 | - | 100 | 200 | 200 | 300 | МИҲД, бахши ҳифзи муҳити зист | Буҷети ҷмҳурӣ | Вазъи экологӣ ва санитарӣ таъмин мегардад |
| | | 2.2 Таъмин бо техникаҳо ва таҷҳизотҳои партовкашонӣ. | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | МИҲД, бахши ҳифзи муҳити зист | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| | | 2.3 Ташкил намудани хадамоти партовкашон | 500 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | МИҲД ва ҷамоатҳо | Буҷети маҳал ва ҷумҳурияв ӣ | |
| | 3. Таъмин намудани аҳолӣ бо канализатсия | 3.1 Барқарор намудани иншоотҳои партобтозакуни ва системаи канализатсия дар ш. Бустон | 400 | 80 | 80 | 80 | 80 | 80 | МИҲД, бахши ҳифзи муҳити зист, идораи обу ташноб | Буҷети ҷумҳурӣ | Кам гаштани касалиҳои сироятӣ ва беҳтар намудани ҳолати санитарӣ экологӣ |
| | | **Ҷамъ дар бахши ҳифзи муҳити зист** | **3700** | **480** | **680** | **780** | **780** | **980** | | | |

## 5.2.Ҳолатҳои фавкуллода

Дар ноҳия минтақаҳои хавфноки экзогенӣ мавҷуд нест. Дар 4 соли охир 3 офати табиӣ расман ба қайд гирифта шудааст (2 ҳолати сел ва 1 ҳолати шамоли сахт). Онҳо ба хоҷагии халқи ноҳия ба маблағи 155610 ҳазор сомонӣ зарар овардаанд, ки ин 0,2 фоизи буҷаи чаҳорсоларо ташкил додаанд.

**Ҷадвали №60. Таносуби зарари офатҳои табиӣ ва буҷети маҳаллии солонаи ноҳия ба ҳисоби сомонӣ.**

| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **Дар 2 сол** |
|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети солона | 29446170 | 39419581 | 49547837 | 42000000 | 71446170 |
| Зарар | 122852 | - | - | 32758 | 155610 |
| % | 0,4 | - | - | 0,08 | 0,2 |

Дар ноҳия чунин селроҳаҳо ва дамбаҳое мавҷуд ҳастанд, ки таҳдиди зарар ба аҳолӣ ҳангоми фаромадани сел ва ярч мебошад.

Инҳо: Ҷамоати деҳоти Мастчоҳ шумораи умумии аҳолӣ 21929 нафар буда, саддаи «Ҷинғилиқ» хавфи фаромадани сел ба АХД ба номи Ҳ.Амиров шумораи аҳолӣ 11480 нафар мебошад. Саддаи «Ҷинғилиқ» дар марзи маъмурии ноҳияи Б.Ғафуров ҷойгир буда, дарозиаш 600 метр, бараш 400 метр, чуқуриаш 6 метр ва дарозии селпарто 8 км аст, ки пурра таъмирталаб мебошад ва ҳангоми омадани сел ба заминҳои кишт ва аҳолии АХД ба номи Ҳ.Амиров зарар мерасонад.

Инчуни саддаи «Қипчоқ» дарозиаш 150м., бараш 100м., чуқуриаш 6м. дарозии селпарто 15 км мебошад, ки ҳангоми омадани сел ба заминҳои кишт ва аҳолии АХД «Зарафшон» шумораи умумии аҳолӣ 3795 нафар ва АХД «Сомониён» шумораи умумии аҳолӣ 6654 нафар зарар дорад.

Ҷамоати шаҳраки Суғдиён селроҳа ва Дамба дарозии 2000 метр, хавфи таҳдид фаромадани сел ба заминҳои кишт ва ба аҳолиҳои ҷамоати деҳоти Палдорак шумораи умумии аҳолӣ 20135 нафар аҳолӣ, ҷамоати деҳоти Оббурдон шумораи умумии аҳолӣ 37104 нафар мебошанд.

Ҷамоати деҳоти Навбаҳор деҳаи Сангчашма 10 хоҷагӣ 78 нафар аҳолӣ раванди таҳдидкунанда лағҷиши куҳ мебошад.

Саддаҳо ва селроҳаҳо солҳои тӯлони таъмир ва барқарор карда нашудаанд, ки барои тоза ва таъмири куллӣ ниёз доранд.

## Боби 6. Таъминоти захирави

### 6.1. Захираҳои дохилии ноҳия

**Структураи идоракуни ва захираҳои инсонӣ.** Мақомоти роҳбарикунандаи ноҳияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, мақоми роҳбарикунанда ҳисобида шуда, мақоми олии ноҳия – Маҷлиси вакилони халқи ноҳия мебошад ва он аз 40 нафар вакилон аз ҷумла 3 нафар занон иборат аст. Маҷлиси вакилони халқи ноҳия соле на кам аз 4 маротиба даъват карда мешавад. Дар байни Маҷлиси вакилони халқ 5 комиссияҳои доимӣ фаъолият мекунанд. Комиссияҳои доимӣ дар ҳолати зарурӣ ҷаласаи худро гузаронида барои самаранокии кори мақомоти иҷроия мусоидат менамоянд. Айни ҳол дар ноҳия чунин комиссияҳо фаъолият менамоянд: Комиссия оид ба муҳофизати Қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, иқтисод буҷет ва ҳифзи иҷтимоӣ, комиссия оид ба масъалаҳои аграрӣ, меҳнат, ҳифзи табиат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, комиссия оид ба масъалаҳо илм, маориф, сиҳатии омма,оила ва занон, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, комиссия оид ба саноат, сохтмон нақлиёт, алоқа хоҷагии роҳ ва дифоъ.

Масъули таҳия ва татбиқи БРН – Муовини Раиси ноҳия мебошад, ки бахши иқтисод ва савдоро сарпарастӣ намуда роҳбари Гурӯҳи корӣ мебошад. Органи масъули МИҲД-и ноҳия, бахши рушди иқтисод ва савдо мебошад, ки ба ӯҳдадориҳои функсионалии он, дастгирии маъмурию техникии ГК ва зергурӯҳҳои ташаббускор, баланд намудани иқтидори онҳо оид ба масоили банақшагирии рушд, ташкил ва гузаронидани вохӯриҳо, мизҳоои мудаввар оиди масъалаҳои банақшагирӣ, роҳандозӣ ва назорати раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва интегратсияи маълумотҳо, экспертизаи стратегияҳои соҳавӣ ва мутобиқгардонии онҳо бо стратегияҳои миллӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавию минтақавӣ, ҳамкории зич бо ВРИС ва раёсати иқтисод ва савдои вилоят, мусоидати техникӣ ба гурӯҳи М ва А, тартиб додани ҳисоботҳои мунтазам аз рӯи натиҷаҳои мониторинг, вогузор гардидааст. Мушкилоти асосии МИХД вобаста ба татбиқи БРН ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ, чунинанд:

- Паст будани музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон;
- Нокифоя будани донишҳои тахассусии кормандони хизмати давлатӣ оиди истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои компютерӣ;
- Маҳдуд будани имкониятҳои бахши рушди иқтисод ва савдо ва дигар шубаҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба масоили банақшагирии рушди комплексии иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, мониторинг ва арзёбӣ, навиштани лоиҳаҳо;
- Ворид набудан ба шабакаи интернет ва шабакаи ягонаи компютерӣ барои содда намудани раванди мувофиқа ва ҷустуҷӯйи ҳуҷҷатҳо ва ҷорӣ намудани базаи ягонаи маълумотҳо;

- Таъмир талаб будани биноҳои маъмурии ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, бо мизу курси ва дигар таҷҳизотҳои муосир таъмин набудани онҳо;
- Мавҷуд набудани баҳисобгирии электронии муҳосибавӣ дар сатҳи МИҲД ва ҷамоатҳо.

### *6.2.* Захираҳои берунӣ .

Ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои барномаи мазкур, зарур ҳаст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия сармояи иловагии дохилӣ ва беруниро ҷалб намояд;

Татбиқ намудани лоиҳаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ маблағгузорӣ мегарданд;

#### 6.2.1. Стратегия ва вазифаҳо оид ба беҳтар намудани иқтидори идоракунӣ;

| *Ҳа-даф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо, Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ)* | *Солҳо* | | | | | *Масъул* | *Сарчашмаи маблағгузорӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | | |
| Баланд намудани сатҳи иқтидори захиравии ноҳия бо мақсади идоракунии рушди устувор | 1. Беьтар намудани шароити фаьолияти мутаьассисони дастгоьи маркази ноьия ва љамоатьо | 1.1 Таъмин намудани дастрасии кормандони дастгоҳи МИҲД ба шабакаи ИНТЕРНЕТ | 60 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | Буҷети маҳаллӣ | Шумораи ҷамоатҳои бо базаи ягонаи электронии маълумотҳои оморӣ таъмингардида (100% то соли 2020) Шумораи ҷамоатҳои ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайвастгардида (100% то соли 2020) |
| | | 1.2 Таҳия намудани базаи маълумотҳо оид ба донорҳо, аниқ намудани соҳаи фаъолияти онҳо, афзалиятҳо ва стратегияи донорҳо. | 30 | - | 5 | 5 | 10 | 10 | Буҷети маҳаллӣ | Фоизи кормандони МИҲД ва дастгоҳи идоракунии ҷамоатҳо бо техникаи компютерӣ ва таҷҳизотҳои лозимӣ (100% то соли 2020) таъмин карда мешаванд |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1.3 харидорӣ намудани компютерҳо барои шўъба ва бахшҳои МИҲД | 75 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | Буҷети маҳаллӣ | Шумораи кормандони дар курсҳои омӯзишии компютерӣ омӯзонидашуда. |
| | | 1.4 Ҳар сол ба 2 мутахасиси ҷавони МИҲД ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок | 120 | - | - | 40 | 40 | 40 | Буҷети маҳаллӣ | Ҳавасмандкунии кормандон |
| | | 1.5 Таъмин намудани дастрасии кормандони ҷамоатҳои ноҳия ба шабакаи ИНТЕРНЕТ (харидорӣ намудани модем) | 25 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | Буҷети маҳаллӣ | Бештар дастрас гардидани маълумотҳо |
| | | 1.6 Ташкил намудани курсҳои омӯзиши техникаи компютерӣ оиди истифодаи барномаҳои Windows, Word, Excel барои кормандони МИҲД | 45 | 10 | 10 | 10 | 5 | 10 | Буҷети маҳаллӣ | Баланд гардидани савияи дониши кормандон |
| | | 1.7 Таҳияи базаи ягонаи маълумотҳои омории ноҳия ва тайёр намудани маводҳо ва санадҳои меъёрӣ барои | 75 | 20 | 20 | 15 | 10 | 10 | Буҷети маҳаллӣ | Баланд гардидани савияи дониши кормандон |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | кормандони МИҲД | | | | | | | | |
| | | 1.8 Баргузор намудани семинар оид ба масоили «Таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ» дар асоси талаботи донорҳо ва тарҳрезии лоиҳаҳои инвеститсионӣ | 10 | 5 | 5 | | | | Буҷети маҳаллӣ | Шумораи чорабиниҳои аз ҳисоби сармояи хориҷии ҷалбшуда татбиқгардида |
| | | 1.9 Ташкил намудан ва омӯзонидани «фондрезинг» бо мақсади ҷалби маблағҳои иловагӣ. | 15 | | 5 | 5 | 5 | | Буҷети маҳаллӣ | Баланд гардидани сатҳи корбарӣ |
| | | 1.10 Таъмир ва таҳҷиди биноҳои маъмурии МИҲД ва бинои маъмурии ҷамоатҳо | 500 | | 100 | 150 | 150 | 100 | Буҷети маҳаллӣ | Фароҳам овардани шароити корӣ |
| ***Ҳамагӣ*** | | | **955** | **67** | **177** | **257** | **252** | **202** | | |

### *6.2.2. Таъминоти молиявии БРН.*

Барои ҳаллу фасли мушкилиҳои ҳаллашон афзалиятноки ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия дар доираи барномаи рушди ноҳия (БРН) – **141475,0** ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

Таъмини иҷро ва татбиқи афзалиятҳо, вазифаҳо, нишондиҳандаҳо ва тадбирҳои дар барномаи мазкур дарҷ гардида, захираҳои муайянеро талаб менамоянд. Сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ, аз буҷети давлатӣ, маҳаллӣ, кӯмакҳои беруна, сармояи хориҷӣ ва сармояи соҳибкорони ватанӣ иборат мебошанд.

Манбаҳои зикргардидаи маблағгузорӣ барои татбиқи Барнома тамоми захираҳои пешбинишударо сафарбар менамоянд. Мутобиқи дурнамо, иқтисодиёти ноҳия дар солҳои 2016-2020 инкишоф ёфта, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо ҳисоби солона на камтар аз 6-7 фоиз ва дар соли 2020-ӯм на камтар аз 9 -10 фоиз афзоиш меёбад. Тамоми чорабиниҳои дар барномаи рушди ноҳия ба нақша гирифта шуда, ба дарёфти воситаҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Таҳлили буҷети маҳаллӣ муайян менамояд, ки дар оянда то кадом андоза буҷети маҳаллӣ қобилияти маблағгузории барномаи мазкурро дорад.

***Ҷадвали №61. Маълумот оиди иҷрои буҷет дар солҳои 2012-2014 ба ҳисоби сомонӣ;***

дар соли 2012

| № | Номгӯи андозҳо | Нақша | Воридот | Фоизи иҷро | Фаркият +,- |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Буҷети маҳаллӣ | 18885000 | 15397202 | 81,5 | - 3487798 |
| 2 | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | 843000 | 721265 | 85,5 | - 121735 |
| 3 | Андози иҷтимоӣ | 9718170 | 8328416 | 85,7 | - 1389754 |
| | **Ҳамагӣ** | **29446170** | **24446883** | **83,0** | **- 4999287** |

дар соли 2013

| № | Номгӯи андозҳо | Нақша | Воридот | Фоизи иҷро | Фаркият +,- |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Буҷети маҳаллӣ | 25920000 | 21321882 | 82,2 | - 4598118 |
| 2 | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | 1140999 | 994730 | 87,1 | - 146269 |
| 3 | Андози иҷтимоӣ | 12358582 | 10797749 | 87,3 | - 1560833 |
| | **Ҳамагӣ** | | | | |

дар соли 2014

| № | Номгӯи андозҳо | Нақша | Воридот | Фоизи иҷро | Фаркият +,- |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Буҷети маҳаллӣ | 29370000 | 29521707 | 101 | 151707 |
| 2 | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | 1679001 | 1754843 | 105 | 75842 |
| 3 | Андози иҷтимоӣ | 18498836 | 15597145 | 84 | - 2037158 |
| | **Ҳамагӣ** | **49547837** | **46873695** | **94,6** | **- 2674142** |

Даромади умумии буҷети ноҳия ба 11 намуди андоз асос ёфтааст. Даромади буҷет сол аз сол меафзояд (нигаред ба ҷадвали таҳлилҳо). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба ҳисоби миёна ба қисми даромади буҷет бештар маблағ аз ҳисоби андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ 34,3 %, андози даромад аз ҳисоби шахсони воқеъӣ 23,4 фоиз, андози тибқи низоми соддакардашуда 7,8%, андоз аз арзиши иловашуда 12,5 фоиз ва дигар намуди андозҳо 22,0% ворид гардидааст. Ин андозҳо қариб ними бештари даромади буҷети маҳаллиро ташкил медиҳанд. Аз рӯи иҷроиш, дар соли 2014-ум ба буҷети давлатӣ 46 млн. 873 ҳазору 695 сомонӣ мабалағҳо ворид гаридаанд, ки нисбат ба нақша 94,6 фоизро ташкил медиҳанд, ё ин ки аз нақша 5,4% ё худ 2674,1 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

**Ҷадвали №62. Маълумот оиди қисми хароҷоти буҷет дар соли 2014**

| № т/б | Номгӯи секторҳо | Нақша | Иҷро | Фоизи иҷро | Фарқият +- |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти идоракунӣ | 1485288 | 1477624 | 99,5 | -7664 |
| 2 | Мудофиа | 32212 | 32637 | 101,3 | 425 |
| 3 | Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ | 36650 | 36829 | 100,5 | 179 |
| 4 | Маориф | 21303320 | 21120458 | 99,1 | -182862 |
| 5 | Тандурусти | 7539326 | 7969759 | 105,7 | 430433 |
| 6 | Ҷубронпулиҳо | 171498 | 167291 | 98 | -4207 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7 | Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 266053 | 265870 | 99,9 | -183 |
| 8 | Сохаи фарҳанг | 662448 | 718241 | 108,4 | 55793 |
| 9 | Хоҷагии кишлок | 540205 | 533730 | 98,8 | -6475 |
| 10 | Нақлиёт ва коммуникатсия | 10000 | 10030 | 100,0 | 30 |
| 11 | Дигар хароҷотҳо | 222000 | 222000 | 100,0 | 0 |
| | **Ҳамаги:** | **32269000** | **32547469** | **101** | **278469** |
| 11 | Аз ҷумла барои музди маош | 24209111 | 24752963 | 102,2 | 543852 |
| 12 | Барои фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 6053030 | 5798132 | 95,8 | -254898 |

Қисми зиёди хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба ҳисоби миёна бештар ба ду соҳаи иҷтимоӣ маориф – 64,9 фоиз ва тандурустӣ -24,4 фоиз равона шудааст. Хароҷотҳо барои соҳаи маориф ва тандурустӣ, қисмати аз ҳамаи калони буҷети маҳаллиро ташкил медиҳанд ва далели характери иҷтимоӣ доштани буҷет мебошад. Сохтори хароҷот бо гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2014-ум, асосан аз 76,0 фоиз барои пардохти музди меҳнат ва 17,8 фоиз барои суғуртаи давлатӣ ҷудо гардида, барои дигар чорабиниҳо бошад, ҳамагӣ 6,2 фоизи маблағҳо равона гардиданд, ки он хело кам мебошад. Барои рушди ноҳия, пешгири ҳолатҳои фавқулодда ва дигар хароҷотҳо дар буҷети маҳаллӣ маблағҳо ба инобат гирифта нашуда бошад ҳам, ҳалли ин масъалаҳо ва хароҷоти он, аз барзиёд иҷрошавии қисми даромади буҷети маҳаллӣ амалӣ карда мешавад. Эҳтимолияти таъмин намудани чорабиниҳои дар Барномаи мазкур банақшагирифташуда, танҳо аз ҳисоби барзиёдатии қисми даромади буҷети маҳаллӣ, фонди захиравии Раиси ноҳия, сармояи хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони маҳаллию аҳолӣ ва дарёфти дигар манбаъҳои маблағгузорӣ амалӣ шуданаш мумкин аст.

Тибқи Барномаи мазкур, кишоварзӣ соҳаи афзалиятнок барои ноҳия маҳсуб меёбад, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи маблағгузорӣ ба ин соҳа аз буҷети ноҳия сол аз сол коҳиш ёфта истодааст.

Манбаъҳои асосии маблағгузории Барнома қисман буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ, сармояҳои ташкилотҳои хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони дохилӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳиссаи шаҳрвандон ва дигар кӯмакҳои берунӣ ба ҳисоб мераванд.

**Ҷадвали №63. Номгӯи иншоотҳои ҷашние, ки ба муносибати 25 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60 солагии азхудкунии дашти Дилварзин сохта мешаванд ва ё сохтмонашон оғоз меёбад.**

| **Номгӯи иншоотҳо** | **Арзиши сохтмон ҳ. сомонӣ** | **Солҳо** | | | | | **Сарчашмаи маблағгузорӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | |
| **Дар ҷ.ш.Бустон;** | | | | | | | |
| Ба роҳ мондани корҳои ободонӣ дар кучаи И.Сомонӣ - сохтмони 7 фаворра, васеъ ва сафолпӯш намудани роҳравҳо, чароғонкунӣ, насби ҷойҳои нишасту истироҳатӣ; - сохтмони ҳайкали Исмоили Сомонӣ | 4000 | 4000 | | | | | Буҷети вилоят |
| Азнавсозии боғи фарҳагӣ ва фароғатӣ | 2000 | 2000 | | | | | Буҷети вилоят |
| Сохтмони амфетеатр дар боғи фарҳангӣ ва фароғатӣ | 500 | 500 | | | | | Буҷети вилоят |
| Сохтмони муассисаи таълимӣ | | | | | | | Буҷети |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| барои 420 нафар хонанда дар маҳаллаи Ҷ. Рӯмӣ | 3000 | 1500 | 1500 | | | | вилоят |
| Сохтмони бинои маъмурии идораи МНДСЭ | 2000 | 500 | 500 | 1000 | | | Буҷети вилоят |
| Сохтмони варзишгоҳ барои 5000 ҷойи нишаст | 8000 | 500 | 3000 | 3000 | 1500 | | Дирексияи сохтмони иншооти Ҳукуматии ДИПҶТ |
| Сохтмони хонаи истиқоматии 30 ҳуҷрагии 5 ошёна | 4000 | 2000 | 2000 | | | | ҶДММ «Сохтмон-3» |
| Сохтмони бинои маъмурии Раёсати молия | 3000 | | 1500 | 1500 | | | Вазорати молияи ҶТ |
| Сохтмони бинои маъмурии идораҳои САҲШ, Нотариус ва адвокатура | 3000 | | 1500 | 1500 | | | Вазорати адлияи ҶТ |
| Сохтмони бинои маъмурии шуъбаи маориф | 3000 | 1500 | 1500 | | | | Вазорати маориф ва илмӣ ҶТ |
| Сохтмони бинои маъмурии идораи бахши муҳити зист | 2000 | 1000 | 1000 | | | | Кумитаи ҳифзи муҳити зист назди ҲҶТ |
| Сохтмони осорхонаи ноҳиявӣ | 100 | 100 | | | | | Соҳибкор Мирзо Шукуров |
| Ба охир расонидани сохтмон, корҳои ободонӣ дар беморхонаи касалиҳои сил | 1000 | 1000 | | | | | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ |
| Асфалтпӯш намудани кучаи О.Қурбонов дар масофаи 1 км | 300 | 300 | | | | | Буҷети маҳаллӣ |
| **Дар маҳаллаи Меҳробод ҷ.ш.Суғдиён** | | | | | | | |
| Асфалтпӯш намудани кучаҳои марказӣ, шинонидани новаҳои обгузар, ба роҳ мондани шабакаи чароғонкунӣ | 5000 | 5000 | | | | | Буҷети вилоят |
| Сохтмони 2 чоҳи амудии оби нӯшокӣ, бунёди обанбор ва кашидани хатти оби нӯшокӣ | 7000 | 7000 | | | | | Буҷети вилоят |
| Сохтмони муассисаи таълимӣ барои 660 нафар хонанда | 3000 | 1500 | 1500 | | | | Буҷети вилоят |
| Бунёди боғи сиёҳолӯ дар майдони 790 га | 3160 | 1050 | 1050 | 1060 | | | Замин-истифода-барандагон |
| Сохтмони 6 синфхонаи барои 240 нафар хонанда ва толори варзиши барои 420 нафар дар МТУА №4 ҷ.Мастчоҳ | 3500 | 2000 | 1500 | | | | Соҳибкори маҳаллӣ Шарифов Ф. |
| Идомаи сохтмони мактаб, | | | | | | | Буҷети |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| бунёди толори варзишӣ ва ошхона дар маҳаллаи Андарвашт ҷ. Оббурдон | 2000 | 2000 | | | | | вилоят |
| Сохтмони чоҳи амудии оби нӯшокӣ дар маҳаллаи Фрегат | 300 | 300 | | | | | Сармоягузор ии хориҷӣ |
| Сохтмони кони маъдан дар мавзеъи Туронғул, ҷ.Навбаҳор | 1000 | 1000 | | | | | ҶДММ «Суғдиён-2016» |
| Сохтмони осоишгоҳи табобати дар деҳаи Оби шифо ҷ. Навбаҳор | 500 | 500 | | | | | Соҳибкори маҳаллӣ |
| Таъмир ва азнавсозии пойгоҳҳои обкашии ВДК, Дилварзин-1, Дилварзин-2 ва Дилварзин-3 | 4500 | 4500 | | | | | Буҷети вилоят |
| Ҷамъ: | 65860 | 39750 | 16550 | 8060 | 1500 | - | |

### *6.3. Таъминоти захиравии Барномаи рушд;*

Барои дарёфти манбаи маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодиёти ноҳия, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2016-2020 пешбинӣ шудааст, дар ҳаҷми 181135,0 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

**Ҷадвали №64. Арзиши умумии БР аз рӯи соҳаҳо сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои солҳои 2016-2020;**

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ дар солҳои 2016-2020 | Вазни қиёсӣ | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | Шумораи лоиҳаҳо (адад) | Вазни қиёсии лоиҳаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **I. Бахши иқтисодӣ:** | **61355** | **33,8** | **14075** | **18975** | **10185** | **9305** | **8815** | **24** | **16,4** |
| *Саноат* | 33400 | 18,4 | 10250 | 13150 | 3750 | 3250 | 3000 | 5 | 3,4 |
| *Соҳибкории хурду миёна* | 9350 | 5,2 | 1250 | 1950 | 2450 | 1950 | 1750 | 5 | 3,4 |
| *Кишоварзӣ* | 18605 | 10,2 | 2575 | 3875 | 3985 | 4105 | 4065 | 14 | 9,6 |
| **II. Бахши иҷтимоӣ** | **35835** | **18,4** | **8290** | **15090** | **6285** | **4210** | **1960** | **63** | **43,1** |
| *Тандурустӣ* | 9320 | 5,1 | 2045 | 3320 | 935 | 1960 | 1060 | 17 | 11,6 |
| *Маориф* | 9200 | 3,7 | 1100 | 6800 | 1300 | - | - | 15 | 10,3 |
| *Коллеҷи кишоварзӣ* | 835 | 0,5 | 55 | 280 | 500 | - | - | 8 | 5,5 |
| *Коллеҷи омӯзгорӣ* | 1600 | 0,9 | 100 | 400 | 100 | 1000 | - | 5 | 3,4 |
| *Фарҳанг ва истироҳат* | 14880 | 8,2 | 4990 | 4290 | 3450 | 1250 | 900 | 18 | 12,3 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **III. Бахши инфрасохтор** | **16110** | **8,9** | **3560** | **3390** | **3075** | **3075** | **3010** | **18** | **12,3** |
| *Обтаъминкунӣ* | 10500 | 5,8 | 1980 | 2010 | 2100 | 2100 | 2310 | 7 | 4,8 |
| *Хизматрасонии рифоҳӣ ва барқтаъминку-нӣ* | 700 | 0,4 | 290 | 290 | 40 | 40 | 40 | 2 | 1,4 |
| *Нақлиёт, алоқа ва роҳ* | 4910 | 2,7 | 1290 | 1090 | 935 | 935 | 660 | 11 | 7,5 |
| **IV. Бахши экологӣ ва ХФ** | **3700** | **2,0** | **480** | **680** | **780** | **780** | **980** | **5** | **3,4** |
| **V. Бахши идоракунӣ** | **955** | **0,5** | **67** | **177** | **257** | **252** | **202** | **10** | **6,8** |
| **VI.Иншоотҳои ҷашнӣ** | **65860** | **36,4** | **39750** | **16550** | **8060** | **1500** | **-** | **24** | **16,4** |
| **Ҳамагӣ дар ҳамаи соҳаҳо** | **183815** | **100,0** | **66222** | **54862** | **28642** | **19122** | **14967** | **146** | **100,0** |
| **аз ҷумла:** | | | | | | | | | |
| Буҷети маҳаллӣ | 1765 | 0,9 | 607 | 332 | 372 | 252 | 202 | 17 | 11,6 |
| Буҷети вилоятӣ | 56560 | 30,8 | 32310 | 12210 | 5035 | 3995 | 3010 | 34 | 23,2 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 42310 | 23,0 | 8195 | 15585 | 11380 | 5020 | 2130 | 36 | 24,6 |
| Сармояи хориҷӣ | 40130 | 21,9 | 13830 | 15780 | 2800 | 3770 | 3950 | 10 | 6,8 |
| Аҳолӣ, соҳибкорон ва маблағҳои худии муассисаҳо | 31225 | 17,0 | 9335 | 9010 | 6510 | 3440 | 2930 | 39 | 26,7 |
| Маблағгузории лоиҳаҳои номаълум | 11825 | 6,4 | 1945 | 1945 | 2545 | 2645 | 2745 | 9 | 6,2 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 171990 ҳазор сомонӣ ё 93.6 фоизи арзиши умумии лоиҳаҳои дар Барномаи рушди ноҳия зикршуда сарчашмаи маблағгузориашон аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони маҳаллӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолии ноҳия муайян карда шудааст.

Аммо 11825 ҳазор сомонӣ ё 6.4 фоиз маблағи лоиҳаҳои афзалиятноки ба БРН воридгашта манбаи маблағгузориашон номуайян мебошад. Аз ин лиҳоз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки ҷиҳати дарёфти маблағ барои татбиқи лоиҳаҳое, ки манбаи маблағгузориашон айни ҳол муайян нест тадбирҳои судманд андешида, бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҳамкорӣ намоянд. Инчунин, барои самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорие, ки барои татбиқи Барномаи рушди ноҳия пешбинӣ карда мешаванд, ҳаматарафа мусоидат ва чораҷӯӣ намоянд.

***Мушкилотҳо дар самти истифодаи захираҳо.*** Бояд тазаккур дод, ки дар бобати таъмини маблағгузории лоиҳаҳо ва чорабиниҳое, ки манбаи маблағгузорӣ надоранд кормандони мақомоти маҳалли дар амали намудани лоиҳаҳо мутобиқи шартҳои донорҳо ва ташкили раванди фондрейзингро ба роҳ монанд. Ғайр аз ин, омилҳои мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзноки камфоиз, сатҳи пасти маълумотнокӣ оиди донорҳо ва афзалияту стратегияҳои

фаъолияти онҳо, номутобиқатии фазои сармоягузорӣ, номутобиқатии сатҳи ҷамъоварии андозҳо, иқтисодиёти пинҳонӣ ва коррупсия, ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонанд.

## Боби 7. Низоми мониторинг ва арзёбӣ;

Яке аз унсурҳои муҳими системаи идоракунии татбиқи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ии ноҳия барои солҳои 2016-2020 низоми мониторинг ва арзёбӣ (минбаъд НМ ва А) мебошад.

Он барои мушоҳидаи ҷараёни лоиҳаҳо ва таҳлили натиҷаҳои ба даст омадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. НМ ва А имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин карда шавад.

Гурӯҳи М ва А бо Амри Раиси ноҳия таъсис дода мешавад ва он аз 7-9 нафар аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони МИҲД). Гурӯҳи М ва А-ро муовини Раиси ноҳия сарпарасти масоили иқтисод сарварӣ менамояд.

Бо Амри мазкур, масъул барои гузаронидани М ва А-и Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2016-2020 мудири бахши рушди иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия таъин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус ба тасвиб мерасонад, ки дар он нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои ба Барнома дохил шуда, барои ҳисобот пешниҳод мешаванд.

Хеле ба маврид ва муҳим аст, ки давра ба давра, малака ва дониши аъзоёни гурӯҳи М ва А баланд бардошта шавад.

### 7.1. Сохтори низоми М ва А.

Барои мониторинги Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2016-2020 мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба мақсадҳои Барнома то кадом андоза мувофиқ мешавем;
- дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Бо ибораи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои Барнома (ин ҷо суҳан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на ин ки натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

Мониторинги натиҷаҳои Барнома тариқи ченкунии индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои барномаро бо ҳамон мулоҳиза кардан мумкин аст, ки дар кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи электронии маълумотҳои бахши рушди иқтисод ва савдои ноҳия ва шӯъбаи омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо дар доираи Барнома тариқи параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома. Ҷадвали электронӣ дар формати Excel -таҳия мешавад, ки бояд ҳар семоҳа тасҳеҳ карда шавад – ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои дар Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2016-2020 шомил буда гуногун аст, он дар таҳияи системаи мониторинг ба назар гирифта шудааст.

Дар ҳақиқат, лоиҳаи ба Барнома доҳил кардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Он метавонад тамоман таҳия нашудаву, ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаву, лекин бинобар набудани маблағ ё дигар сабабҳо оғоз нагардидаанд. Инчунин, лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва ҳаст лоиҳаҳое, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд. Шахси масъуле, ки ҷадвали мониторингро пур мекунад, бояд рақамҳои 1 то 5-ро вобаста ба ҷойгоҳи воқеии лоиҳа гузорад.

Мониторинг иҷрои лоиҳаҳоро ба чор навъ ҷудо мекунад – «ҳамааш хуб», «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашуда истодааст».

**Қоидаи пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2016-2020;**

| | Ҷойгоҳи лоиҳа (рақам аз 1 то 5) | Иҷрои лоиҳа нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ: а-сабз, б-кабуд, в-сурх, г-хокистарранг. |
|---|---|---|
| 1. | Таҳия нашудааст. | (а) Ба Барнома мувофиқ аст ё тамоюли назарнорас ба Барнома. |
| 2. | Дар таҳия. | |
| 3. | Таҳия шудааст. | (б) Тамоюли назаррас ба Барнома. |
| 4. | Амалӣ шуда истодааст. | (в) Тамоюли қатъӣ ба Барнома. |
| 5. | Амалӣ шудааст. | (г) Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст. |

Дар мавриди зарурӣ, дар охири ҳар сол арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо дарназардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбӣ аз ҷониби экспертҳои касбӣ ва мустақил, ки ҳолати аслии бахши мазкурро медонанд, гузаронида мешавад.

Раиси ноҳияи Мастчоҳ Ғ. Азиззода

Дар асоси маводҳои пешниҳод намудаи идораҳо ва сохторҳои ноҳиявӣ Барномаро таҳия намуд:

| | |
|---|---|
| Мудири бахши рушди иқтисод ва савдо | Қ.Қобилов |

Шинос шуданд:

| | |
|---|---|
| Муовини аввали Раиси ноҳия | Ҳ. Мирзоев |
| Муовини Раиси ноҳия | Т. Ҳасанов |
| Муовини Раиси ноҳия | З. Умарзода |
| Муовини Раиси ноҳия | М. Давлатов |
| Роҳбари Дастгоҳи Раиси ноҳия | М. Атовуллозода |
| Сардори Раёсати молия | А.Боймуллоев |
| Сардори Раёсати кишоварзӣ | Н.Боймирзоев |
| Раиси кумитаи идораи замин | У.Зокиров |
| Сардори АБЗОМ | М.Абдураҳмонов |
| Сардори шабаки барқи ноҳия | З.Сафоев |
| Мудири шуъбаи маориф | Н.Боқиев |
| Менеҷери сохтори госпиталӣ | М.Баҳодуров |
| Мудири бахши фарҳанг | М.Шодиев |
| Мудири бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | С.Азизов |
| Мудири бахши сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ | Ҷ.Бобоев |
| Мудири бахши ҳифзи муҳити зист | Ҳ.Шохӯҷаев |
| Сардори МНДРА | П.Алиназаров |
| Директори КФД «ХМК» | Қ.Шарифов |
| Директори КФД «Обу коррезӣ» | Ф.Охматов |